ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

КАФЕДРАИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

**Саидмуродова М.А., Саидов Қ.Т.**

# Туризми байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонӣ

## ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ



# Душанбе-2023

**УДК: 338.48(075.8)(575.3)**

**ББК:66.72(2)36:65(21)**

**С-14**

**Муаллифон:** н.и.и., дотсент **Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна**

н.и.и., муаллими калон **Саидов Қиёмиддин Тағаймуродович**

**Муқарризон: Ҷумъаев Баҳоваддин Маҳмадназарович-** д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Ёров Ҷамшед Нуруллоевич** - дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Васоити таълимии мазкур масоили соҳаи туризм, ки ҳамчун соҳаи муҳими равобити судманди байни кишварҳо ва рукнҳои ҷараёни ҳамгироии ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ба ҳайси яке аз самтҳои муҳими бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад, дар бар мегирад. Бо дарназардошти дурнамои густариши туризми байналхалқӣ дар ҷумҳурӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш менамояд,ки дар самти рушди соҳаи туризм дар минтақа ва тавсеиаи мубодилаи туристӣ бо кулли кишварҳои ҷаҳон ҳамкории мутақобилан судманро анҷом бидиҳад.

Ин васоит ҳамчун роҳнамо барои донишчуёни ихтисосҳои иқтисодӣ ва мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст.

Васоити таълимӣ дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ «28» ноябри соли 2022, суратмаҷлиси № 4 баррасӣ ва Шӯрои методии факултети молиявию иқтисодӣ аз «    » январи соли 2022, суратмаҷлиси №  пешниҳод гардидааст,

Аз тарафиШИМ-и ДМТ Шӯрои илмию методии донишгоҳ таҳти суратмаҷлиси №   аз «     » январи соли 2022 ба чоп тавсия шудааст.

## Мундарича:

**Сарсухан**……………………………………………………………………..**4**

**МАВЗУИ 1.** Таърихи пайдоиши туризми байналхалқӣ……………….............**6**

**МАВЗУИ 2**. Туризми байналхалқӣ: омилҳо ва нишондиҳандаҳои он…………**11**

**МАВЗУИ 3**. Намудҳои асосии туризми байналхалқӣ: содирот ва воридотион ……………………………………………………………………**17**

**МАВЗУИ 4**. Созмони умумиҷаҳонии туристӣ (СУТ) ва нақши он дар танзими туризми байналхалқӣ…………………………………………………………**26**

**МАВЗУИ 5**. Реклама дар туризм……………………………………………**36**

**МАВЗУИ 6**. Маркетинг дар туризми байналхалқӣ……………………………**43**

**МАВЗУИ 7**. Муаммоҳои инфрасохтори туризми байналхалқӣ дар шароити муосир…………………………………………………………………….**50**

**МАВЗУИ 8**. Ташкили фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……….**58**

**МАВЗУИ 9**. Бозори ҷаҳонии мол ва хадамот…………………………………**71**

**МАВЗУИ 10**. Бозори ҷаҳонии меҳнат ва хусусиятҳои асосии он………………**78**

**МАВЗУИ 11**.Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок……………………… **90**

**МАВЗУИ 12**. Бозори байналхалкии асъор…………………………………...**97**

**Рӯйхати корҳои мустақилона** барои донишҷуёни ихтисоси 25010300 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз фанни Туризми байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонӣ….**108**

**Руйхати адабиёт**……………………………………………………….….**113**

## Сарсухан

Туризм - ин истироҳати фаъолонаест, ки ба солимгардонии саломатӣ, инкишофи ҷисмонии инсон таъсир намуда, ба ҳаракат ва берун рафтан аз ҷои доимии истироҳат алоқаманд мебошад.

Аз рӯи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ суръати афзоиши туризми байналхалқӣ 4,5-5 %-ро дар 1 сол ташкил медиҳад.

Туризми байналхалқӣ ба беҳтар кардани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷаи хароҷоте, ки туристони хориҷӣ мекунанд дар давлат ҳам даромади фирмаҳои туристӣ меафзояд ва ҳам даромади худи аҳолӣ, ки ин ба бизнези туристӣ вобаста аст.

Туризм ба афзоиши шуғл мусоидат мекунад. Туризми байналхалқӣ имрӯз соҳаи дар ҷараёни инкишоф буда, фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад, ки дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ба соҳаи бо суръати баланд ташаккулёфтаистодаи бизнези калон мубаддал гаштааст.

Туризм моли аввали зарурии ҳаёт намебошад, бинобар ин вай ба талаботи зарурии инсон танҳо дар вақти сатҳи муайяни даромади он ва сатҳи муайяни боигарии ҷамъият табдил меёбад. Ҳиссаи бизнеси туристӣ 10,9 %-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳони, 7%-и маблағгузории асосии умуми , 11%-и хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ ва 5%- ҳамаи даромадҳои андозиро ташкил медиҳад. Ҳиссаи туризми байналхалқӣ наздик 7%-и содироти ҷаҳониро ташкил медиҳад ва ин чунин маъно дорад, ки умуман даромадҳои аз содироти туризм воридшуда ҷои сеюмро баъди даромадҳо аз содироти нафт ва маҳсулоти нафтӣ ва баъд аз даромадҳо аз содироти автомобилҳо ишғол мекунад. Ҳар сол дар ҷаҳон тақрибан 1 миллиард аҳолӣ сафарҳои туристӣ анҷом медиҳанд. Дар соли 2019 бошад ҳамин нишондиҳанда ба 1,8 млрд баробар буд. Саноати туристӣ аз рӯи шуғли аҳолӣ дар ҷаҳон аз ҳама калонтарин ба ҳисоб меравад, зеро имрӯз дар ин соҳа 297 млн. нафар аҳолӣ ба шуғл машғул мебошанд. Ҳар як 12-ум нафар дар ҷаҳон имрӯз дар соҳаи туризм фаъолият менамояд.

Дар солҳои охир бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба натиҷаҳои мавқеъи дар шабакаи туризми байналхалқӣ имконият пайдо гашт.

Афзоиши шумораи туристони хориҷӣ дар Тоҷикистон пеш аз ҳама бо туфайли сиёсати беруна ва дохилаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дастории сулҳ, ягонагии миллӣ, устувории сиёсӣ дар мамлакат, гузаронидани бомувафақияти ислоҳотҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ имконпазир гардид. Дар мавриди ҳозираи пешрафти ҷомеа инкишофи туризми байналмилалӣ бояд яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб равад.

Мавҷуд будани иқтидори бойи захиравӣ, ки дар табиати зебои нотакрор, шароити мусоиди иқлимӣ, ёдгориҳои фарҳангию таърихии қадимаи кишвар ифода меёбанд барои инкишофи туризми байналмилалӣ бо дарназардошти ҳалли масоили ташкилии соҳа аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, заминаи боэътимод шуда метавонанд.

Бо мақсади рушди туризм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида, баҳри амалӣ онҳо бо қарорҳои қабулнамудаи худ барномаҳои рушди туризми минтақавиро таҳия намудааст. Бо дарназардошти дурнамои густариши туризми байналхалқӣ дар ҷумҳурӣ, ки дорои захираҳои бойи туристӣ аз он далолат менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш менамояд дар самти рушди соҳаи туризм дар минтақа ва тавсеаи мубодилаи туристӣ бо кули кишварҳои ҷаҳон ҳамкории мутақобилан судманро анҷом бидиҳад.

Бо дарназардошти ҳамин мақсадҳои наҷиб дар ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ фанни туризми байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонӣ ба донишҷӯён омӯзонида мешавад ва умедворем, ки васоити мазкур барои рушди донишҳои заминавии шогирдон ёрирасон бошад.

## Мавзӯи - 1

## Таърихи пайдоиши туризми байналхалқӣ

*1. Таърихи пайдоиши туризми баналхалқӣ*

*2. Марҳилаҳои тараққиёти туризми байналхалқӣ*

1. Пайдоиши туризми байналхалқӣ ба миёнаҳои асри 19, яъне ба давраи мустаҳкамшавии ҷамъияти сармоядорӣ дар як қатор мамлакатҳои тараққикардаи дунё рост меояд. Туризми байналхалқӣ дар алоқамандии зич бо дигар тарафҳои зиндагии байналхалқӣ инкишоф ёфта ба вазъи иқтисодӣ дар ҷаҳон таъсир мерасонад. Аз ин ру инкишофи номунтазами туризм дар солҳои гуногун дида мешавад.

Гаҳвораи туризми байналхалқӣ Аврупо мебошад, ки ба ҳисоби он аз 2\3 шумораи туристони хориҷӣ рост меояд.

Яке аз аввалин давлатҳое, ки дар он туризм ба вуҷуд омад, Англия буд. Айнан дар ҳамин ҷо аввалин ташкилотҳои туристӣ, ки фаъолияти худро аввал дар дохили мамлакат ва баъд берун аз он ба роҳ монданд, пайдо гардиданд.

Аввалин агенти машҳури турист ин англис **Томас Кук** буд, ки бо шартҳои имтиёзнок моҳи июни соли **1841** ба таври чакана **570** чиптаро барои саёҳат тавассути қатора аз Лейстер ба Лафборо харид намуд.

Томас Кук ба истифодабарии имкониятҳои васеи пайдо гардида оғоз намуд. Ҳангоме, ки соли **1851** дар Лондон якумин намоишгоҳи байналхалқӣ ба кори худ оғоз намуд, танҳо аз Йокшир равон кардани 165-ҳазор тамошобин аз тарафи Томас Кук ташкил карда шуд. Соли **1854** дар Англия якумин маълумотнома оид ба меҳмонхонаҳо, ки дар он қариб 8-ҳазор меҳмонхона нишон дода шуда буд, ба чоп расид.

Инкишофи фаъоли фаъолияти туристӣ дар дохили мамлакат Томас Кукро водор намуд, ки вай ба ташкил кардани сафарҳои хориҷӣ низ оғоз намояд. Сафари якуми вай соли **1855** ба Фаронса буд, зеро дар Париж намоишгоҳи умумиҷаҳонӣ ба кори худ шуруъ карда буд. Соли **1858** бошад, вай ба ташкили сафарҳои туристӣ ба дигар кишварҳои аврупо машғул шуд.

Соли **1885** дар шаҳри Санкт Петербург фаъолияти худро якумин ширкати туристии Липсон оғоз намуд. Дар нимаи дуюми асри 19 ба фаъолияти экскурсионӣ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Дар ин давра ҷамъияти дустдорони табиат, ки филиалҳои худро дар як қатор шаҳрҳо, аз ҷумла дар Петербург, Москва, Қазон, Тифлис, Екатеринбург, Клуби кӯҳии Қрим дар Одесса, ҷамъияти кӯҳии Қавқоз, ки дар Пятигорск ҷойгир буд, ба машҳурияти зиёд дучор гардиданд. Аз соли 1899 сар карда дар Москва комиссия оид ба ташкили экскурсияҳо фаъолият мекард.

**2.** Ҷанги якуми ҷаҳон солҳои 1914-1918 ба инкишофи муносибатҳои байналхалқии туристӣ таъсири манфӣ расонид. Бо пурругӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ин давра туризми байналхалқӣ фаъолияти худро қатъ наумд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки эҳтиёҷоти ҳарбӣ ба мукаммалгардии ҳам нақлиёти роҳи оҳан ва ҳам нақлиёти автомобилгард оварда расонид. Ғайр аз ин барои кашонидани одамон аз истифодаи ҳавопаймо низ оғоз карданд.

Тамомшавии ҷанги якуми ҷаҳон ба оғозшавии марҳалаи нави инкишофи туризми байналхалқӣ асос гузошт. Ин пеш аз ҳама бо баланд шудани нақши ИМА дар саҳнаи ҷаҳон ва фаъолнокии сармояи амрикоӣ дар Аврупо алоқаманд буд. Дар ин муддат шумораи туристони амрикоӣ дар давлатҳои аврупо нисбат ба туристони Англия зиёд буданд.

Нисбатан зуд ҳаҷми туризми байналхалқӣ ва саёҳатҳо ба сатҳи пеш аз ҷангӣ расида, баъд аз 3-4 сол аз он ҳам зиёд шуд.

Дар солҳои 20-ум макони ҷуғрофии туризми байналхалқӣ хеле васеъ гардид. Агар пеш аз ҷанг қисми зиёди туристон ба Италия ва Фаронса сафар мекарданд, баъд аз ҷанг бошад қариб ҳамаи давлатҳои Аврупо ба соҳаи туризм ҷаоб гардиданд.

Соли 1925 дар Гаага (Нидерландия) якумин конгресси иттиҳоди байналхалқии ташкилотҳои расмӣ оид ба пропагандаи туризм баргузор гардид. Дар он намояндагони 14-давлати Аврупо фаъолона иштирок намуданд. Омили асосие, ки дар солҳои 20-30-юм ба рушди туризм таъсир мерасонид, ин инкишофи беисти шаклҳои нави воситаҳои нақлиёти автомобили ва ҳавопаймои буд.

Аммо ин давра бо як қатор омилҳое тавсиф дода мешавад, ки нисбатан ба туризми байналхалқӣ таъсири манфӣ ҳам расонида, инкишофи ояндаи онро маън кардан. Ин пеш аз ҳама бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929-1933 ба шумор мерафт.

Сабаби дигаре, ки дар солҳои 30-юм ҳаҷми туризми байналхалқиро кам гардонид, ин вазъияти шадиди сиёсӣ дар Аврупо, яъне ба сари ҳокимият омадани партияи натсистии Гитлер ва омода намудани Германия ба ҷанг мебошад.

Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳаҷми туризми байналхалқиро кам гардонида. Дар ин муддат бисёре аз шаҳрҳои Аврупо дар ҳолати фарсуда қарор доштанд. Зарурати барқарор кардани меҳмонхонаҳои вайроншуда, базаҳо, роҳҳо, фурудгоҳҳо, вокзалҳо ва ғайра ба вуҷуд омад. Бори аввал дар солҳои баъди ҷанги камшавии воситаҳои пулӣ, захираҳои энергетикӣ, озуқаворӣ, кадрҳои ихтисоснок ба чашм мерасид.

Танҳо баъди якчанд соли тамомшавии ҷанги дуюми ҷаҳон туризми байналхалқӣ дар Аврупо ба инкишофёбӣ оғоз наумд. Сатҳи пеш аз ҷанги дар охири солҳои 40-ум ба даст дароварда шуд. Дар ин муддат саёҳатҳои туристӣ дар ИМА ва Канада ба таври васеъ инкишоф ёфтанд.

Инчунин туризм дар Мексика, Панама, Куба (қисми асосии туристонро амрикоиҳо ташкил медоданд.) низ бо мувафақият инкишоф меёфт. Соли 1950 шумораи умумии туристони хориҷӣ, ки дар тамоми дунё ба қайд гирифта шуда буданд, аз сатҳи пеш аз ҷанги афзуда, ба 25 млн. нафар расид.

Солҳои 50-ум бошад, аз афзоиши туризми байналхалқӣ шаҳодат медиҳад, то соли 1960 шумораи туристоне, ки ба хориҷа сафар мекарданд ба 71 млн. нафар баробар шуд, яъне қариб 3-маротиба афзуд. Давраҳои 1961 то 1970-ум сол бо афзоиши минбаъдаи фаъолияти туристӣ мегузашт, зеро зиёдшавии шумораи туристони хориҷӣ, ки микдори онҳо дар соли 1977 ба 168,4 млн. нафар баробар шудд, дар бораи он шаҳодат медод.

Солҳои 80-ум афзоиши туризми байналхалқӣ боз ҳам зиёдтар ба назар мерасид. Дар муддати 30-сол шумораи иштирокчиёни муносибатҳои

байналхалқии туристӣ 11-маротиба афзуд. Дар ин давра туризм алакай дар тамоми дунё инкишоф ёфта буд.

Солҳои 80-ум туризми байналхалқӣ қисми асосии робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин давраҳо афзоиши даромадҳо аз мубодилаи туристӣ мушоҳида карда мешуд.

Афзоиши мазмуни туризми хориҷӣ дар фаъолияти берунииқтисодӣ ва берунисиёсии бисёре аз мамлакатҳо ба он оварда расонд, ки Созмони Миллали Муттаҳид ва органҳои махсусгардонидашудаи он ба ин соҳаи тез инкишофёбандаи ҳамкориҳои байналхалқӣ диққати махсус диҳанд. Ҳамин тавр соли 1963 дар Рим конференсияи аввали СММ оид ба туризм ва саёҳат гузаронида шуд. Дар ин конференсия спектори кушоди проблемаҳои ба туризм дахлдор дида шуданд.

Ҷамъомади муҳими конференсияи Рими ин муайян кардани мафҳумҳои муайяни расмӣ ба монанди «тамошобини муваққати», «турист», «экскурсант», ки барои таъмин намудани унификатсия ва таҳлили муайяни ҳисоботи омории туризм зарур мебошад, ба ҳисоб мерафт.

Инчунин дар ин конференсия боз як қатор масъалаҳо ба монанди самтҳои асосии инкишофи туризм, системаи таёр кардани кадрҳои ихтисосманд ва кӯмак расонидан ба мамлакатҳои тараққи карда истода дар индустрияи туризм мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Соли 1969 мувофиқи резолютсияи СММ ташкилоти ғайри давлатии (КБТРТ) ба Созмони умумиҷаҳонии туристӣ (СУТ) табдил дода шуд.

СУТ - ба категория ташкилотҳои хусусиятии байниҳукумати дошта дохил карда мешуд. Фаъолияти умумии СУТ ба ҳамкориҳои байналхалқии давлатҳо дар соҳаи туризм равона шуда, ба ҳамаи принсипҳои ҳуқуқии замонавӣ мутобиқ мебошад.

Мақсади асосии СУТ дар васеънамои ва инкишофи туризм бо мақсади саҳм гузоштан дар инкишофи иқтисодӣ, сулҳ, ҳамдигарфаҳмии байналхалқӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон ифода меёбад.

**Тестҳо оиди мавзӯи 1:**

1. **Туризми байналхалқӣ ин:** А) Ин намуди фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои туристӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба молҳои

туристӣ бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеъи талаботи маънавию мадании туристони хориҷӣ равона карда шудааст; B) Ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ, масалан; сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд; C) Ин сайёҳат ба мақсади шинос шудан бо ҷойҳои шоёни диққати таърихию фарҳангӣ ва объектҳои нотакрори табиӣ аз рӯи барномаи муайян мебошад; D) Иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо ( ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

2. **Аввалин сайёҳати туристӣ аз тарафи ки амалӣ карда шуда буд.** A) Томас Кук; B) Марко Поло; C) Христофор Колумб; D) Васко де Гама; E) Адам Смит.
3. **Авваллин саёҳати хориҷии Томас Кук ба кадом давлат буд:** A) Фаронса; B) Италия; C) Испания; D) Бельгия; E) Хорватия.
4. **Пайдоиши туризм ба кадом аср рост меояд:**
5. A) асри 18; B) асри 19; C) асри 20; D) асри 17; E) асри 16.
6. **Аввалин ташкилотҳои туристӣ дар кадом давлат таъсис ёфтаанд:** A) Фаронса; B) Англия; C) Нидерландия; D) Олмон; E) Шветсия.
7. **Авваллин саёҳати дохилии Томас Кук кадом сол буд:** A) 1841; B) 1540; C) 1743; D) 1645; E) 1880.
8. **Аз кадом сол инкишофи туризм байни Англия ва ИМА оғоз шуд:** A) 1840; B) 1865; C) 1890; D) 1822; E) 1835.
9. **Аввалин фирмаи турист дар Федератсияи Россия кадом сол таъсис ёфт:** A) 1865; B) 1860; C) 1885; D) 1872; E) 1889.
10. **Кадом сол мавқеи ҷуғрофии туризми байналхалқӣ васеъ гардид:** A) солҳои 20-уми асри 20; B) солҳои 30-юми асри 20; C) солҳои 90-уми асри 19; D) солҳои 80-уми асри 19; E) солҳои 40-уми асри 20

## Мавзӯи - 2

## Туризми байналхалқӣ: омилҳо ва нишондиҳандаҳои он

*1. Мафҳум ва моҳияти туризми баналхалқӣ*

*2. Омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои инкишофи туризми байналхалқӣ*

1. **Туризми байналхалқӣ** – ин намуди фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои туристӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба

молҳои туристӣ бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеъи талаботи маънавию мадании туристони хориҷӣ равона карда шудааст.

Туризм ***(калимаи Франсавии tourist tour- сайру гашт, саёҳат)*** ҳамчун маҳсули инкишофи тамаддун ба вуҷуд омад. **Туризм** - ин пеш аз қонеъ кардани шавқу завқ мебошад.

***Таърифи муосири туризм, ки аз тарафи СММ қабул гардидааст чунин мебошад:***

**Туризм -** ин истироҳати фаъолонаест, ки ба солимгардонии саломатӣ, инкишофи ҷисмонии инсон таъсир намуда, ба ҳаракат ва берун рафтан аз ҷои доимии истироҳат алоқаманд мебошад.

Аз рӯи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ суръати афзоиши туризми байналхалқӣ **4,5-5 %-ро** дар 1 сол ташкил медиҳад.

Туризми байналхалқӣ ба беҳтар кардани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷаи хароҷоте, ки туристони хориҷӣ мекунанд дар давлат ҳам даромади фирмаҳои туристӣ меафзояд ва ҳам даромади худи аҳолӣ, ки ин ба бизнези туристӣ вобаста аст.

Туризм ба афзоиши шуғл мусоидат мекунад. Туризми байналхалқӣ имрӯз соҳаи дар ҷараёни инкишоф буда, фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад, ки дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ба соҳаи бо суръати баланд ташаккулёфтаистодаи бизнези калон мубаддал гаштааст.

Туризм моли аввали зарурии ҳаёт намебошад, бинобар ин вай ба талаботи зарурии инсон танҳо дар вақти сатҳи муайяни даромади он ва сатҳи муайяни боигарии ҷамъият табдил меёбад.

Ҳиссаи бизнези туристӣ **10,9 %-и** маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳони, **7%-и** маблағгузории асосии умуми , **11%-и** хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ ва **5%-** ҳамаи даромадҳои андозиро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи туризми байналхалқӣ наздик **7%-и** содироти ҷаҳониро ташкил медиҳад ва ин чунин маъно дорад, ки умуман даромадҳои аз содироти туризм воридшуда ҷои сеюмро баъди даромадҳо аз содироти нафт ва маҳсулоти нафтӣ ва баъд аз даромадҳо аз содироти автомобилҳо ишғол мекунад.

Ҳар сол дар ҷаҳон тақрибан 1 миллиард аҳолӣ сафарҳои туристӣ анҷом медиҳанд. Дар соли 2019 бошад ҳамин нишондиҳанда ба 1,8 млрд баробар буд. Саноати туристӣ аз рӯи шуғли аҳолӣ дар ҷаҳон аз ҳама калонтарин ба ҳисоб меравад, зеро имрӯз дар ин соҳа 297 млн. нафар аҳолӣ ба шуғл машғул мебошанд. Ҳар як 12-ум нафар дар ҷаҳон имрӯз дар соҳаи туризм фаъолият менамояд.

**Мафҳуми асосии туризм дар чунин хусусиятҳои иқтисодӣ асос меёбад:**

- ❖ туризм ин натиҷаи ҳаракати одамон ба самтҳои гуногуни туристӣ мебошад;
- ❖ туризм доимо ду элементро дар бар мегирад; сайру гашт ба нуқтаи таъинот ва истгоҳ;
- ❖ туризм ин ҳаракати муваққатии одамон мебошад.

**Чунин гуруҳи асосии сайёҳон ба қайд гирифта шудаанд:**

- ❖ шаҳрвандоне, ки барои истироҳат бо сабабҳои оилавӣ, табобатӣ мераванд;
- ❖ шаҳрвандоне, ки ба маҷлисҳо ва корҳои илмӣ мераванд;
- ❖ шаҳрвандоне, ки бо корҳои дипломатӣ мераванд.

**Сайёҳ ҳисобида намешаванд:**

- ❖ шахсоне, ки бо шартнома, ё ин ки бе шартнома барои ҷои кор мераванд;
- ❖ шахсоне, ки барои истиқомати доимӣ мераванд;
- ❖ аҳолии назди сарҳадӣ, ки дар ҳудуди дигар давлат кор мекунанд.

**Нишондиҳандаҳои инкишофи туризм инҳоро дар бар мегирад:**

- ❖ ҳаҷми ҳаракати туристӣ;
- ❖ вазъ ва инкишофи базаи моддию техникии туризм;
- ❖ фаъолияти молиявию иқтисодии фирмаҳои туристӣ;

**Ҳаракати туристӣ -** ин доимо омадани сайёҳон ба мамлакат ё ба ин минтақа мебошад. Ба нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи ҳаҷми ҳаракати туристӣ мансубанд:

- ❖ теъдоди умумии туристон;

- ❖ микдори рӯзҳои сайёҳат;
- ❖ мӯҳлати миёнаи сайёҳати туристон дар мамлакат ва ғайра.

**Барои ҳар як мамлакат ё минтақа туризм ҳам бартарӣ ва ҳам норасоӣ дорад.**

**Бартариятҳои таризм иборат аст аз:**

- ❖ зиёд шудани ҳаракати пул ба минтақа, аз ҷумла ворид шудани асъори хориҷӣ;
- ❖ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ;
- ❖ ташкили ҷойҳои корӣ;
- ❖ ташкили сохтори истироҳат, ки метавонад ҳам барои сайёҳон ва ҳам барои аҳолии маҳалӣ истифода шавад;
- ❖ ҷалби сармоя, аз он ҷумла сармояи хориҷӣ.

**Норасоиҳои инкишофи туризм чунинад:**

- ❖ ташаккулёбии тақозои калон ба молҳо ва хадамот;
- ❖ нархҳо дар бозори маҳаллии молҳо ва хадамот, замина ва дигар захираҳои табиӣ, моли ғайриманқул зиёд мешаванд;
- ❖ ҷоришавии пул ба хориҷа дар натиҷаи воридоти туристӣ афзун мешавад;
- ❖ проблемаи манфии экологӣ ва иҷтимоӣ ба миён меоянд.

**2.** Омилҳое, ки талаботро ба истеъмоли туризми зиёд мегардонанд ба 3 - гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд:

- ❖ Табию ҷуғрофӣ
- ❖ Таърихию фарҳангӣ
- ❖ Иқтисодию иҷтимоӣ

Инчунин омилҳои минтақавӣ низ ба истеъмоли туризм таъсири зиёд мерасонанд.

**Омилҳои табию ҷуғрофӣ** (баҳрҳо, кӯҳҳо, ҷангалҳо, иқлим ва олами набототу ҳайвонот) ва **фарҳангию таърихӣ** (муҷассамаҳо, ҷойҳои таърихӣ, урфу одати миллӣ ва фарҳанг) ҳамчун асоси захираҳои туристӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми интихоби минтақаи ташрифорӣ барои турист нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Боигарии захираҳои табиӣ ва фарҳангию таърихӣ ва имконият истифодабарии онҳо ба миқёс ва суръати самти инкишофи туризм таъсири мусбӣ мерасонад. ***Бояд қайд кард, ки ҳодисаҳои табии метавонанд ҳам ба зиёдшавӣ ва ҳам ба камшавии фаъолноки туризм дар минтақа таъсир расонанд.*** Дар маҷмӯъ омилҳои табиию ҷуғрофӣ ва фарҳангию таърихӣ ҳамчун заминаи инкишофи туризми байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд.

Таъсири омилҳои иқтисодӣ ба соҳаи туризм ин пеш аз ҳама бо он маънидод карда мешавад, ки байни инкишофи иқтисодиёт ва туризм тамоюли алоқамандии зич дида мешавад. Аз вазъияти тараққиёти иқтисодии мамлакат на танҳо даромади аҳолӣ, балки сатҳи инкишофи базаи моддӣ техникии туризм ва инфрасохтори он низ вобастагӣ дорад. Ба қатори омилҳои иқтисодӣ инчунин инфляция, меъёрҳои фоиз ва ғайра таъсир мерасонанд.

Ба гурӯҳи омилҳои иқтисодӣ шароитҳои иҷимоӣ-иқтисодии сайру гашт дохил шуда, соҳаи хизматрасонӣ, низоми нақлиётӣ, соҳаи тиҷорати яклухт, аз ҷумла мағозаҳо бо нархи арзон барои сайёҳон нақши муҳимро мебозанд.

Ба омилҳои минтақавӣ бошад ҳодисаҳои дар минтақа ба вуҷуд омада дохил карда мешаванд. Масалан ярмаркаҳо, бозиҳои олимпӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайра.

Аввали асри оммавии туризм ба байналмилалишавии ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷамъият ва баландшавии сатҳи зиндагӣ, зиёдшавии вақти холигӣ, тағирёбии сатҳи нақлиёт ва алоқа вобаста мебошад. Дар солҳои 60-70-ум туризми байналхалқӣ характери байналхалқии умумиҷаҳониро гирифт. Қариб 65% -и ҳамаи сафарҳои туризми байналхалқӣ ба Аврупо, 20% ба Амрико, 15% ба минтақаҳои боқимонда рост меояд (1990). Дар  20 соли охир шумораи саёҳони хориҷӣ дар ҷаҳон 1/3 - маротиба афзуд.

Туризми байналхалқӣ аз тарафи давлатҳо ҳамчун яке аз воситаи тараққиёти иқтисодӣ дида мешавад, ки дар инҳо зоҳир шудааст:

❖ Ба туристон мол ва хизматрасонӣ пешниҳод намудани давлатҳо, барои оқилона истифода бурдани захираҳои табиии худ дар низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат боз ҳам васеътар иштирок мекунад;

❖ Туристони байналхалқӣ- сарчашмаи самараноки воридшавии арз **а**з ҷумла аз ҳисоби « содироти дохила » ба туристон фурӯхтани молҳои маҳалӣ. Ҳамчун мисол, Италияро овардан мумкин аст, ки воридшавии арз аз туризм барои кам кардани масъалаҳои қарзҳои буруна равона мешавад .

Даромади арзӣ аз туризм суръати сармоягузориро на фақат соҳаи туризмро, балки дигар соҳаҳои регионалӣ ва иқтисодиёти миллиро метезонад. ки он ба тараққӣёти ноҳияҳои боқимонда имконият медиҳад. Бо тараққиёти туризми байналхалқӣ бо суръати баланди тараққиёти соҳаҳои туризми давлатҳои саноати тараққи карда, ки ба он хоҷагии меҳмонхона, нақлиёт, хурокворӣ, пойафзол ва соҳаҳои дигар ҷалб карда мешавад.

Ба хизматрасонии тиббӣ ва ба молҳои сувенерии истеҳсолкунандагони дохила талабот меафзояд. Тараққиёти туризм ҷойҳои нави кориро ташкил медиҳад ва даромади маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ) меафзояд.

Ба ғайр аз ҷиҳатҳои мусбӣ, ки бо тараққиёти туризм вобаста аст, боз ҷиҳатҳои манфӣ ва оқибатҳои манфӣ барои давлатҳо вуҷуд дорад. Ба онҳо аз ҷумла дохил кардан мумкин аст:

❖ оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Онҳо пеш аз ҳама бо беқурбшавии оқибатҳои воридотӣ алоқаманд ҳастанд. Зиёдшавии туризми хориҷӣ ба баландшавии нарх дар давлат ва вобаста аз афзудани талабот ба молҳои туристӣ ва васеъшавии қобилияти харидории аҳолии ҳамин давлат, ки дар соҳаи туризм кор мекунанд ва аз ҳисоби зиёдшавии даромади онҳо, ки дар оқибат ба дигар соҳаҳо ҳам паҳн мешавад. Ҳамин гуна оқибатҳо нафақат ба давлатҳои тараққикардаистода, балки барои тараққикарда ҳам хос мебошад.

❖ оқибатҳои иҷтимои, фарҳангӣ ва психологӣ ба таъсири зиндагӣ ва **б**а рафтори хориҷиён тақлид кардани ахолӣ, ки метавонад ба

фаромӯш кардани анъанаҳои миллии худ ва шавқ пайдо кардан ба фикррونии аврупоӣ оварда расонад.

**Тестҳо оиди мавзӯи 2:**

1. **Кадом омил ба тараққиёти туризм дар аввали асри 20 таъсир расонид.** A) дастовардҳои соҳаи нақлиёт; B) зиёд шудани аҳолии ҷаҳон; C) зиёд шудани ширкатҳои туристӣ; D) зиёд гардидани даромади аҳолӣ; E) Васеъ гардидани мавқеи ҷуғрофӣ.
2. **Кадом сол ва дар куҷо якумин конгресс оиди туризм баргузор гардид.** A) соли 1920 дар Женева; B) соли 1932 дар Мадрид; C) соли 1925 дар Гаага; D) соли 1940 дар Токио; E) соли 1938 дар Париж.
3. **Кадом сабаб дар солҳои 30-юми асри 20 ҳаҷми туризми байналхалқиро дар Аврупо кам гардонид.** A) ба сари ҳокимият омадани партияи Гитлер; B) кам гардидани туристони хориҷӣ; C) номукаммалии нақлиёти ҳавоӣ; D) кам гардидани ташкилотҳои туристӣ; E) кам гардидани даромадҳои аҳолӣ.
4. **Ҳиссаи бизнеси туристӣ чанд фоизи хароҷотҳои истеъмолии ҷаҳониро ташкил медиҳад:** A) 7%; B) 11%; C) 6%; D) 9%; E) 5%.
5. **Туризми байналхалқӣ аз рӯи сохаҳо дар ҷаҳон ҷои чандумро ишғол мекунад:** A) ҷои якум; B) ҷои дуюм; C) ҷои сеюм; D) ҷои чорум; E) ҷои панҷум.
6. **Гаҳвораи туризми байналхалқӣ кадом минтақа ба ҳисоб меравад:** A) Амрико; B) Осиё; C) Аврупо; D) Африка;E) Австралия.
7. **Шароити мусоиди иқлимӣ ва зебогии манзараҳо ба кадом гурӯҳи омилҳои бавуҷудорандаи талобот ба туризм дохил карда мешаванд:** A) таърихию фарҳангӣ; B) табиию иқлимӣ; C) маърифатию табиӣ; D) маърифатӣ; E) этнографӣ.
8. **Кадоме аз инҳо ба нишондиҳандаҳои инкишофи туризм дохил намешавад:** A) ҳаҷми ҳаракати туристӣ; B) вазъ ва инкишофи базаи моддию техникии туризм; C) фаъолияти молиявию иқтисодии фирмаи туристӣ; D) инкишофи туризми байналхалқи; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
9. **Кадоме аз ин омилҳо ба бартариятҳои инкишофи туризм дохил карда намешавад:** A) афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ; B) ташкили ҷойҳои корӣ; C) ташаккулёбии тақозои калон ба молҳо ва хадамот; D) ҷалби сармояи хориҷӣ; E) зиёд шудани ҳаракати пул ба минтақа, аз ҷумла ворид шудани асъори хориҷӣ.
10. **Кадоме аз ин омилҳо ба норасоиҳои инкишофи туризм дохил карда намешавад:** A) ташаккулёбии тақозои калон ба молҳо ва хадамот; B) ташкили ҷойҳои корӣ; C) проблемаи манфии экологӣ ва иҷтимоӣ ба миён меояд; D) ҷоришавии пул ба хориҷа дар натиҷаи воридоти туристӣ афзун мешавад; E) нархҳо дар бозори маҳалии молҳо ва хадамот зиёд мешаванд.

**Мавзӯи - 3**

**Намудҳои асосии туризми байналхалқӣ: содирот ва воридоти он**

***1. Мохияти содирот ва воридоти туристӣ***

***2. Намудҳои асосии туризми байналхалқӣ***

**1.** Ҳар як намуди фаъолият соҳибкорӣ бевосита ба содироту воридот алоқаманд мебошад. Бинобар ин дар туризми байналхалқӣ низ мафҳуми содирот ва воридот вуҷуд дорад. Туризмро ҳамчун мол метавон содир ва ворид намуд.

**Содироти туристӣ** – ин аз мамлакат бурдани хотироти туристӣ мебошад, ки дар баробари ин аз тарафи сайёҳ овардани пул ба ин мамлакат ба вуҷуд меояд.

Ҳангоме, ки пардохтҳо барои фурӯши хизматрасониҳои туристӣ, яъне маблағҳои пулӣ ба ҶТ ворид мешаванд, ин содироти туристиро ифода мекунад.

Сайёҳи хориҷӣ ба мамлакати мо омада, маблағҳои пулии худро барои қонеъ гардондани талаботи туристии худ, ки давлати мо ба ӯ фароҳам меорад, сарф мекунад. Бинобар ин ҶТ таҷрибаи сайёҳиро содир мекунад ва пули сайёҳ дар қаламрави мамлакати мо мемонад.

**Воридоти туристӣ –** ин ба мамлакат овардани хотироти туристӣ мебошад, ки дар баробари ин аз тарафи сайёҳ бурдани пул аз ин мамлакат ба вуҷуд меояд.

Дар ҳолати содироти туристӣ самти ҳаракати маблағҳо бо самти ҳаракати сайёҳон мувофиқ меояд, ки ин хусусияти фарққунандаи содироти туристӣ аз аз содироти мол мебошад.

Содирот ва воридоти туристӣ дар бозори туристӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Бозори туристӣ -** ин маконе мебошад, ки дар он амалиётҳои хариду фурӯш иод ба туризм амалӣ карда мешаванд.

**Бозори туристӣ** – ин шароити иҷтимоӣ иқтисодии ташкили хизматрасониҳои туристӣ мебошад.

Дар бозори туристӣ талабот ба хизматрасониҳои туристӣ аз тарафи сайёҳ муайян карда мешавад ва пешниҳоди хизматрасониҳо аз тарафи фирмаҳои туристӣ амалӣ гардонида мешавад.

Пешниҳоди хизматрасониҳои туристӣ – аз рӯи заминаҳои муайян ҷудо карда мешаванд: истеҳсолкунандагони хадамоти туристӣ, инкишофи индустрияи туристӣ ва ҳаҷми захираҳои туристӣ.

**Истеҳсолкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ** - ин фирмаҳои туристӣ (тураператор ва турагент) мебошанд, ки ба мақсади гирифтани фоида ва барои қонеъ гардонидани истеъмоли сайёҳон фаъолият мекунанд.

**Индустрияи туристи** - маҷмӯи меҳмонхонаҳо, обектҳои ҷамъиятӣ, обектҳои маишӣ, клубҳои варзишӣ, воситаҳои нақлиёт ва ғайра ба ҳисоб меравад.

**Захираҳои туристӣ** - объектҳои табии, таърихӣ, иҷтимоӣ- маданиро дар бар мегиранд.

**Сайёҳ -** ин харидори хизматрасониҳои туристӣ мебошад. Инкишофи туризм ва бозори туристӣ аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад, ки барои ҳалли проблемаҳои умумии иқтисодӣ кумак мерасонанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аҳамияти туризм барои инкишофи иқтисодии давлатҳо, калон мебошад:

**1.** Туризм барои васеънамоии истеҳсоли мол ва хизмат шароит муҳаё менамояд, ки дар натиҷа қобилияти харидорӣ аз ҳисоби харидорони хориҷӣ меафзояд. Туристони хориҷӣ қисми зиёди баъзе молҳоро мехаранд: дар Фаронса-косметика ва сарулибос, дар Италия – пойафзол, дар Швейтсария - соат.

**2.** Туризм барои ташкилнамоии ҷои кори иловагӣ, дар соҳаи истеҳсолоти нав буда, имконият дорад.

**3.** Туризм барои баланд барлдоштани фаъолияти тиҷоратӣ, мубодилаи маълумот, донишҳои илмӣ имконият дорад.

**2.** Самаранокии иқтисодии амали туризм пеш аз ҳама дар асоси таснифи шаклҳои муайян карда мешавад. Дар зери таснифи шаклҳои

туризм гурӯҳбандии онҳо аз рӯи аломатҳои якхелаи аз мақсадҳои муайян амалии онҳо вобаста буда, фаҳмида мешавад.

Ҳар як шакли туризм бо хусусияти талаботи сайёҳон тасниф дода мешавад ва қатори хадамотро дар бар мегирад, ки ин талаботро қонеъ мекунад.

Дар раванди истеҳсолию хизматрасони туризмро ҷудо мекунанд:

- шакли туризм;
- намуди туризм;
- гуногунии туризм.

Шакли туризм алоқа дорад ба он, ки оё сайёҳ сарҳади давлати худро убур мекунад, яъне асоси тақсими туризмро ба шаклҳо аломати мамлакатҳо ташкил медиҳад.

Аз рӯи аломат ду намуди туризмро ҷудо мекунанд, яъне дохилӣ ва байналхалқӣ.

**Туризми дохилӣ -** ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ. Масалан, сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд.

**Туризми байналхалқӣ -** ин туризм ба дигар мамлакат, яъне туризми хориҷӣ. Ин ҷудо мешавад ба хориҷӣ ва воридотӣ.

**Туризми хориҷӣ** – ин сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта ба дигар мамлакатҳо.

**Туризми воридотӣ -** ин сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат надошта.

**Намудҳои асосии паҳншудаи туризм дар ҷаҳон инҳоянд:**

**1. Туризми фарҳангию маърифатӣ** - ин намуди туризм сафари одамонро бо мақсади шинос шудан бо ҷойҳои диққатҷалбкунандаи табиӣ, таърихию фарҳангӣ, дидани осорхонаҳо, театрҳо, зиндагӣ ва урфу одатҳои мардуми кишвар ифода мекунад.

**2. Туризми корӣ -** асоси ин намуди туризмро иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ва ё корӣ ташкил медиҳанд. Сафарҳои корӣ ҳамчун яке аз қисмҳои таркибии зарурии мубодилаи муосири туристӣ ба ҳисоб мераванд. Сафарҳои корӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ бисёр муҳим мебошанд, зеро

онҳо аз мавсими туристӣ вобастагӣ надоранд. Ба туризми корӣ дохил мешаванд: сафари ҳайати вакилон (делегация) ё шахси алоҳида барои иштирок дар гуфтушунидҳои байналхалқӣ, муҳокимаҳо, идҳо, маросими ҷоизасупориҳо ва ғайра. Аммо ба қатори туристон коргарони дипломатии сафоратхонаҳо, коргарони намояндагиҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар хориҷа кор мекунанд, дохил карда намешаванд.

**3. Туризми этникӣ -** мақсади ин туризм зиёрат ва хабаргирии хешовандон, ҷои таваллуди худ ва ё волидон мебошад. Ин намуди туризм бештар барои мамлакатҳои аҳамият зиёд дорад, ки як қисмати аҳолиашон дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд.

**4. Туризми динӣ -** туризми динӣ (ибодат кардан) яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд. Таъсири туризми динӣ ба иқтисодиёти баъзе мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хеле назаррас мебошад. Марказҳои асосии туризми динӣ ин Макка, Мадина, Байтул Муқаддас, Ватикан ва ғайра мебошанд.

**5. Туризми варзишӣ -** ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад. Туризми варзишӣ ба ду намуд ҷудо мешавад. Фаъол-яъне сафар кардан ва ташриф овардан бо мақсади бевосита иштирок намудан дар мусобиқаи варзишӣ ва ғайрифаъол-ҳангоме, ки сафар бо мақсади иштирок кардан дар мусобиқаи варзишӣ ба сифати тамошобин анҷом дода мешавад.

**6. Туризми рекреатсионӣ ё рухсатӣ** - ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ин намуди туризм хеле васеъ паҳн гардидааст.

**7. Туризми илмӣ -** таҳти мафҳуми туризми илмӣ сафарҳо бо мақсади гирифтан ё беҳтар намудани дониши худ мебошад. Аз ҳама намуди васех паҳншудаи туризми илмӣ ин аз худ намудани забонҳои хориҷӣ мебошад.

**8. Туризми экзотикӣ -** ин чунин намуди туризм мебошад, ки сафар ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад. Масалан шароитҳои иқлимӣ,олами набототу ҳайвоноти ғайри оддӣ ва ғайра.

**9. Туризми экологӣ -** туризми экологӣ дар замони муосир хеле васеъ паҳн гардидаст, зеро экология рӯз аз рӯз аҳамият хоса пайдо карда истодааст. Муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва муҳити зист яке аз элементҳои диққатҷалбкунандаи туризм ба ҳисоб меравад. Доимо чорабиниҳои тарғиботие гузаронида мешаванд, ки характери экологӣ доранд (масалан, чи хел дар табиат истироҳати худро гузаронидан ва онро ифлос ё ба он зарар нарасонидан). Экология ва туризм бисёр ба ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобаста мебошанд. Туризм танҳо дар минтақаҳои аз нуқтаи назари экологӣ тоза имконияти вуҷуд доштанро дорад. Дар таҷрибаи байналхалқӣ чунин мафҳум ба монандӣ «Парчами кабуд» вуҷуд дорад, ки онро ба минтақаҳои аз нуқтаи назари экологӣ тоза тақдим мекунанд. Албатта туристон ҳар чи бештар меҳоҳанд, ки дар чунин ҷойҳо истироҳат намоянд ва ягон чиз ба саломатиашон таҳдид нанамояд.

**10. Туризми иҷтимоӣ** — ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ (митингҳо, баромадҳои оммавӣ, қадамзаниҳо) мебошад.

Шаклҳои туризм аз рӯи аломатҳои хос ба зершаклҳо ҷудо мешаванд. Ба ин аломатҳо мансуб аст: мақсади асосии сайёҳат, хислати ташкили сайёҳат, давомнокиии ҳаракати туристӣ, сину сол, нақлиёти истифодашуда ва шаклҳои ҳамкорӣ.

- **аз ҷиҳати мақсад** - омӯхтани маршрут, варзишию тандуристӣ, курортӣ, лижатозӣ, фестивалҳо, шикорчигӣ, шоп-туризм, диннӣ ва омӯзиши;
- **аз шакли иштирок -** баркамол (зрелый), ҷавонона, кӯдакона ва оилавӣ;
- **аз рӯи давомоти он -** якрӯза, бисёррӯза, транзитӣ;

- **аз рӯи истифодабарии воситаи нақлиёт -** автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ, велосипедӣ, аспӣ ва ҳавоӣ;
- **аз ҷиҳати мавсимӣ -** мавсими туристии авҷгирифта, байнимавсимӣ, доимӣ;
- **бо тарзи ҳаракат -** пиёдагард, бо воситаи нақлиёти одат шуда, бо намуди нақлиётҳои аҷоибу ғароиб (экзотический).

Дар фаслҳои гуногуни сол ва нисбатан баробар омадан ба минтақаҳои туристӣ туризми доимӣ номида мешавад. Ин пеш аз ҳама ба марказҳои маршрути тамаддун, фарҳанг, беҳдошти саломати, шаҳрҳои машҳури ҷаҳон, курортҳо, ҷойҳое, ки обҳо ва лоиқаҳои минералии нотакрор доранд хос мебошанд.

Баъзе минтақаҳо сайёҳонро бештар дар фасли муайяни сол ҷалб мекунанд, (масалан: тобистон ва ё зимистон) чун минтақаҳои якмавсимии туристӣ тавсиф меёбанд. Минтақаҳои дар ҳамаи фасли сол (ҳам тобистон ва ҳам зимисон) ҷалбкунандаро думавсима меноманд.

Аз рӯи давомнокии сайёҳат барои тамошо туризми кӯтоҳмуддат ва давомдор фарқ карда мешавад.

**Туризми кӯтоҳмуддат -** ин туризме, ки давомнокии сайёҳат аз 6 шабонарӯз зиёд намебошад.

**Туризми дарозмуҳлат -** ин туризме, ки мӯҳлати сайёҳат аз 6 шабонарӯз зиёд аст. Вобаста бо мӯҳлати сайёҳат талаботи туризм куллан тағир меёбад.

Вобаста бо синну соли сайёҳон туризми бачагона, ҷавонон ва баркамол фарқ мекунанд.

Вобаста аз воситаи нақлиёти истифодашаванда барои ҳаракати сайёҳон туризм бо истифодаи воситаи нақлиёти сайёҳ ва нақлиёти ҷамъиятӣ, яъне нақлиёти хусусӣ ё ба иҷора гирифтаи субъекти хоҷагии туристӣ фарқ карда мешавад. Ба ин шакли туризм автотуризм, круизи корвонӣ, круизи баҳри ва обӣ ва амсоли инҳо мансуб аст.

Таснифи шакл ва намудҳои туризми байналхалқӣ бо ин анҷом намеёбад ва метавонад ба дигар номгӯйҳои вобаста аз нишондиҳандаҳои

гуногун ва инкишофи шаклҳои он дар сатҳи байналхалқӣ пурра карда шавад.

Нишондиҳандаҳои инкишофи соҳаи туризм ҳаҷми миқдории фурӯши хадамоти туристӣ, тарафи сифатии онҳо ва инчунин нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти истеҳсолию хизматрасонии субъектҳои хоҷагии туристиро (агенстваҳо, бюроҳо, фирмаҳо, комплексҳо, кооперативҳо ва ғ.) ифода мекунад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, туризми байналхалқӣ тараққикарда истода, мақсадҳои он васеъ шуда истодааст.

**Тестҳо оиди мавзӯи 3:**

1. **Туризми фарҳангию маърифатӣ ин:** A) Ин намуди туризм сафари одамонро бо мақсади шинос шудан бо ҷойҳои диққатҷалбкунандаи табиӣ, таърихию фарҳангӣ, дидани осорхонаҳо, театрҳо, зиндагӣ ва урфу одатҳои мардуми кишвар ифода мекунад; B) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; C) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.
2. **Туризми корӣ ин:** A) Асоси ин намуди туризмро иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ва ё корӣ ташкил медиҳанд; B) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; C) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.
3. **Туризми этникӣ ин:** A) Мақсади ин туризм зиёрат ва хабаргирии хешовандон, ҷои таваллуди худ ва ё волидон мебошад. Ин намуди туризм бештар барои мамлакатҳои аҳамият зиёд дорад, ки як қисмати аҳолиашон дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд; B) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; C) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; D) Ин чунин намуди

туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.

4. **Туризми динӣ ин:** A) Яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд; B) Мақсади ин туризм зиёрат ва хабаргирии хешовандон, ҷои таваллуди худ ва ё волидон мебошад. Ин намуди туризм бештар барои мамлакатҳои аҳамият зиёд дорад, ки як қисмати аҳолиашон дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд; C) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад.
5. **Туризми варзишӣ ин:** A) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; B) Мақсади ин туризм зиёрат ва хабаргирии хешовандон, ҷои таваллуди худ ва ё волидон мебошад. Ин намуди туризм бештар барои мамлакатҳои аҳамият зиёд дорад, ки як қисмати аҳолиашон дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд; C) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) Яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.
6. **Туризми рекреатсионӣ ин:** A) Ин ҳаракати одамон дар вақтҳои холигӣ бо мақсади истироҳат, ки барои барқарорсозии ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон зарур аст, мебошад; B) Мақсади ин туризм зиёрат ва хабаргирии хешовандон, ҷои таваллуди худ ва ё волидон мебошад. Ин намуди туризм бештар барои мамлакатҳои аҳамият зиёд дорад, ки як қисмати аҳолиашон дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд; C) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) Яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.

7. **Ҳиссаи бизнеси туристӣ чанд фоизи хароҷотҳои истеъмолии ҷаҳониро ташкил медиҳад:** A) 7%; B) 11%; C) 6%; D) 9%; E) 5%. B) 8%; C) 5%; D) 3%; E) 2%.
8. **Омилҳои бавуҷудорандаи талабот ба туризм аз чанд гурӯҳ иборат мебошанд?** A) панҷ гурӯҳ; B) ду гурӯҳ; C) чор гурӯҳ; D) се гурӯҳ; E) шаш гурӯҳ.
9. **Шароити мусоиди иқлимӣ ва зебогии манзараҳо ба кадом гурӯҳи омилҳои бавуҷудорандаи талабот ба туризм дохил карда мешаванд.** A) таърихию фарҳангӣ; B) табиию иқлимӣ; C) маърифатию табиӣ; D) маърифатӣ; E) этнографӣ.
10. **Бартариятҳои инкишофи туризм байналхалқиро қайд кунед.** A) афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ; B) ташкили ҷойҳои корӣ; C) зиёд шудани ҳаракати пул ба минтақа, аз ҷумла ворид шудани асъори хориҷӣ; D) ҷалби сармояи хориҷӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

## Мавзӯи – 4

## Созмони умумиҷаҳонии туристӣ (СУТ) ва нақши он дар танзими туризми байналхалқӣ

**1. Таърихи пайдоиш, мақсад ва вазифаҳои СУТ**

**2. Таркиб ва сохтори СУТ**

**1.** Нақши асоси ва марказӣ дар дастгирии ҳамкори оид ба туризм ба ташкилоти байниҳукумати оид ба туризм ба Созмони умумиҷаҳонии туристӣ (СУТ) тааллуқ дорад.

Соли 1925 якумин Конгресси байналхалқии асосиатсияҳои расмӣ, ки бо кашонидани туристон машғул буд, Иттифоқи байналхалқии ташкилотҳои расмии туристиро, ки баъдан соли 1975 ба Созмони умумиҷаҳонии туристӣ табдил дода шуд, ташкил намуд.

Асамблеяи генералии Созмони миллали муттаҳид (СММ) дар резолютсияи №2802 «Ҳамкори байни СММ ва СУТ» аз 14.12.1971 ба мамлакатҳо, ки аъзои Иттифоқи байналхалқии расмии туристӣ буданд пешниҳод намуд, ки ҳар чи зудтар унвони (статуси) Созмони умумиҷаҳонии туристиро тасдиқ намоянд.

**СУТ -** ба категория ташкилотҳои хусусияти байниҳукумати дошта дохил карда мешавад. Фаъолияти умумии СУТ ба ҳамкориҳои

байналхалқии давлатҳо дар соҳаи туризм равона шуда, ба ҳамаи принсипҳои ҳуқуқии замонавӣ мутобиқ мебошад.

**Вазифаҳои асосии СУТ аз инҳо иборат аст:**

❖ мусоидат ва ҳамкорӣ бо мамлакатҳои аъзо дар ҳалли масъалаҳои рушди туризм;

❖ таъминоти иттиллооти оморӣ;

❖ бурдани корҳои тадқиқотӣ, тамоюлҳои инкишофи туризми байналхалқӣ, бозори туристӣ, ширкатҳои туристӣ, банақшагирӣ ва инкишофи туризм, таҳлили молиявӣ иқтисодии туризм ва таъсири туризм ба иқтисодиёт;

❖ ҳамоҳангсозии сиёсати мамлакатҳо дар соҳаи туризм.

**Мақсади асосии СУТ** - васеънамои ва инкишофи туризм бо мақсади саҳм гузоштан дар инкишофи иқтисодӣ, сулҳ, ҳамдигарфаҳмии байналхалқӣ, риояи ҳуқуқҳои инсон ва озодӣ барои ҳар як шахс новобаста аз ҷинс, миллат, шахсият, забон ва дин мебошад.

**Вазифаҳои асосии СУТ инҳоянд:**

❖ мусоидат ва ҳамкори бо мамлакатҳои аъзо дар ҳалли масъалаҳои рушди туризм;

❖ бурдани корҳои тадқиқотии тамоюлҳои туризми байналхалқӣ, бозори туристӣ, ширкатҳои туристӣ, ба нақшагирӣ ва инкишофи туризм, таҳлили молиявию иқтисодии туризм, таъсири туризм ба иқтисодиёт ва ғайра;

❖ таъмини иттилооти - оморӣ;

❖ ҳамоҳангсозии сиёсати мамлакатҳо дар соҳаи туризм ва ғайраҳо мебошанд.

**2. Барои ҳалли масоили дар фаъолияти СУТ ба амал омада сохтори он ташкил карда шудааст.**

1. Ассамблеяи генералӣ

2. Шӯрои иҷроия

3. Комиссияҳои минтақавӣ

4. Кумитаҳо

5. Котибот

**1.** Ассамблеяи генералӣ – сохтори олии СУТ ба ҳисоб рафта дар 2-сол як маротиба даъват карда мешаванд. Ассамблеяи генералӣ метавонад ҳамаи масъалаҳои ба ӯ дахлдорро дида бароял ва тавсияҳои худро пешниҳод намояд.

**Ба ӯҳдадориҳои Ассамблеяи генералӣ дохил мешаванд:**

- ❖ интихоби президент ва ҷинишинони президенти худ;
- ❖ интихоби аъзоёни Шӯрои иҷроия;
- ❖ таъин намудани Котиби генералӣ;
- ❖ интихоби ревизорҳо;
- ❖ тасдиқ намудани низомномаи молиявии СУТ;
- ❖ тасдиқи буҷаи СУТ;
- ❖ дида баромадан ва тасдиқ намудани ҳисоботҳо оид ба фаъолияти ташкилот ва органҳои ӯ.
- ❖ қабули қарорҳо доир ба қабул намудани аъзоёни СУТ

Кори Ассамблеяи генералӣ мувофиқи қонунҳои тасдиқшуда пеш бурда мешавад.

**2. Шӯрои иҷроия -** ҳамчун сохтори идоранамоии СУТ ба шумор меравад. Мӯҳлати ӯҳдадории аъзоёни Шӯрои иҷроия мувофиқи оинномаи СУТ 4-солро дар бар мегирад. Шӯрои иҷроия дар як сол 2-маротиба ҷаласа мегузаронад. Дар ҷаласа раис ва ҷонишини ӯ ба мӯҳлати як сол интихоб мегарданд.

**Ба ӯҳдадориҳои Шӯрои иҷроия дохил мешавад:**

- ❖ қабули ҳисоботҳои Котиби генералӣ оид ба фаъолияти созмон;
- ❖ ба Ассамблеяи генералӣ пешниҳод намудани ҳисобот ва тавсияҳо оиди лоиҳаҳои буҷавии СУТ;

❖ -ташкили сохторҳои ёридиҳанда, ки барои фаъолияти Шӯро заруранд;

**3.** Дар СУТ 6-комиссияи минтақавӣ мавҷуд аст, ки ба инкишофи туризми минтақаҳои гуногун машғул мебошанд.

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Африка;

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Амрико;

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Осиёи шарқӣ ваУқёнуси Ором;

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Аврупо;

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Шарқи наздик;

❖ Комиссияи минтақавӣ барои Осиёи Ҷанубӣ.

Комиссияи минтақавӣ таҳти назорати Котиби генералии СУТ фаъолият менамоянд. Барои ҳалли масъалаҳо доир ба нақшаҳо ва барномаҳои СУТ ҳар гуна конфронсҳо доир ба хамкориҳои минтақавӣ, банақшагирии иқтисодии туризм, ҳифзи муҳити зист, тайёр намудани кадрҳои ватанӣ барои саноати туристӣ гузаронида мешавад.

**Дар як чанд соли охир аз ин комиссияҳо чунин чорабиниҳои байналхалқии туристӣ гузаронида шудаанд:**

1. Инкишофи бозори туристӣ дар аврупо ва сиёсати ҷорӣ (Париж, Фаронса);

2. Оид ба дастгории туризм дар Шарқи наздик ва африкои шимолӣ (Олмон, Урдун);

3. «Сифат ва проблемаҳои туризм», (Мадрид, Испания);

4. «Туризм ва ҳифзи муҳити зист», Хайделберг (Олмон)

**4. Кумитаҳо.** Дар СУТ кумитаҳои махсус аз тарафи аъзоёни он таъсис дода шудааст, ки барои коркарди тавсияҳо доир ба идоранамоӣ ва нигоҳдории барномаҳо равона шудаанд:

❖ Кумитаи техникӣ оид ба барномасозӣ ва ҳамоҳангсозӣ;

❖ Кумитаи буҷавию молиявӣ, ки ба татқиқоти саволҳои ба буҷа алоқаманд машғул мебошад;

❖ Кумита доир ба омор ва таҳлили макроиқтисодиёти туризм;

- ❖ Кумита доир ба таъмини сифат;
- ❖ Кумита доир ба этикаи туризм.

**5. Котиботи СУТ**. Котибот, ки роҳбариашро Зураб Пололикашвили (шаҳрванди Гурҷистон) ба ӯҳда дорад, аз 110 воҳиди кормандон (намояндаи 30-давлат) иборат мебошад.

Котиби генералӣ аз тарафи Ассамблеяи генералӣ бо пешниҳоди Шӯрои иҷроия таъин мешавад. Мӯҳлати ӯҳдадории Котиби генералӣ 4-сол бо ҳуқуқи аз сари нав интихобшавӣ мебошад.

Котиби генералӣ дар назди Ассамблеяи генералӣ ва Шӯрои иҷроия ӯҳдадор буда, супоришҳои онҳоро иҷро менамояд. Котиби генералӣ ҳисобот оид ба фаъолияти созмон, ҳисобҳои маъмурӣ, лоиҳаҳои буҷет ва барномаи умумӣ пешниҳод менамояд.

**То ин давра вазифаи Котиби генералии СУТ-ро инҳо иҷро кардаанд:**

1. Роберт Лонати (Фаронса-1975-1985);
2. Виллибальд Пар (Австрия-1985-1989);
3. Антонио Энрикес Савигнак (Мексика-1990-1996);
4. Франческо Франджиалли (Фаронса-1997-2009);
5. Талеб Рифаи (Урдун -2010-2017);
6. Зураб Пололикашвили (Гурҷистон -2018).

**Қароргоҳ.** Мувофиқи оинномаи СУТ қароргоҳи созмон муайян мешавад ва дар дилхоҳ вақт метавонад бо қарори Ассамблеяи генералӣ иваз шавад. Қароргоҳи СУТ то соли 1977 дар шаҳри Женева ҷойгир буд. Дар асоси Конвенсияи байни СУТ ва Испания оиди унвони ҳуқуқии созмон, ки 10.11.1975 навишта шуда буд, (02.11.1977 ҳукми қонуни пайдо кардааст) қароргоҳи СУТ 01.01.1976 с. аз Женева ба Мадрид гузаронида шуд.

**Забонҳои расмии СУТ** - англисӣ, испанӣ, русӣ, фаронсавӣ ва арабӣ мебошанд. Молиякунонӣ: **Буҷаи СУТ.** Хароҷотҳои буҷети СУТ барои вазифаҳои маъмурӣ ва ташкили барномаи умумии корӣ аз ҳисоби аъзоҳақиҳо ва дигар даромадҳои молиявии созмон рӯпӯш карда мешаванд.

Бучаи СУТ, ки лоиҳааш аз тарафи Котиби генералӣ тартиб дода мешавад, барои 2-сол пешбинӣ мешавад.

**Аз тарафи СУТ як қатор декларатсияҳо оид ба масъалаҳои инкишофи туризм қабул карда шудаанд:**

- Декларатсияи Манила оид ба туризм дар ҷаҳон (1980-Филиппин);
- Ҳуҷҷати Акапулко (1982- Мексика);
- Хартия оид ба туризм ва кодекси рафтори турист (София, 1985-Болгария);
- Декларатсияи Гаага оид ба туризм (1989-Нидерландия);.
- Кодекси ҷаҳонии этики туризм (1999-Сантияго- Чили).

Соли 1999 дар сессияи Асамблеяии Генералии СУТ дар Сантяго кодекси ҷаҳонии этикаи туризм қабул карда шуда буд. Ин ҳуҷҷатҳо дар танзимкунии соҳаи туризм, ҳамчун роҳу усулҳо истифода шуда, дар соҳа каме ҳам бошад таъсири худро мерасонанд.

**Соли 1979** - Таъсиси «Рӯзи ҷаҳонии туризм», ки ҳар сол 27-уми сентябр ҷашн гирифта мешавад.

**Рӯзи ҷаҳонии туризм (англ. *World Tourism Day*)** — Ҷашни байналхалқӣ, ки аз тарафи Ассамблеяи генералии СУТ соли 1979 дар шаҳри Торремолиноси Испания таъсиси дода шудааст.

**Мақсади ҷашн** — пропагандаи туризм, саҳми он дар иқтисодиёти ҷаҳон, инкишофи алоқаҳо байни миллатҳои кишварҳои гуногун.

Нақши Созмони умумиҷаҳонии туристӣ дар танзими туризм ниҳоят калон мебошад.

**1. Самти муайянкунандаи фаъолияти СУТ ин кӯмак ба мамлакатҳои тараққикардаистода дар соҳаи туризм аз рӯи принсипҳои асосии зерин;**

- стратегияи инкишофи туризм ( сиёсати туристӣ; банақшагирии ҳам туризми миллӣ ва ҳам туризми хориҷӣ, аз он ҷумла баҳисобгирии

хусусиятҳои минтақа; алокамандии соҳаи туризм бо иқтисодиёти миллӣ; баҳои дурнамои инкишоф);

- ❖ сиёсати моддӣ ва техникӣ ва таъминоти кадрӣ (инкишоф ва ҷудонамоии маҳсулоти туристӣ ва хизматрасонӣ; алоқамандӣ бо таъминоти нақлиётӣ; сиёсати сармоягузорӣ дар туризм; ҷоринамоии таснифот ва меъёрҳои хизматрасонӣ дар сатҳи байналхалқӣ; идоракунӣ ва ташкили кори идораҳои маъмурӣ; фирмаҳои алоҳида);
- ❖ маркетинг ва ё коркарди лоиҳаҳои техникӣ (коркарди барномаҳо оид ба маркетинг ва реклама; гузаронидани татқиқотҳои ҷамъятӣ; тайёр намудани барномаҳои бисёрмақсада ва лоиҳаҳои туристӣ);
- ❖ омӯзонидан ва тайёрии касбии мутахассисон (мубодилаи донишҳо дар сатҳи идораҳои давлатӣ; кӯмаки техникӣ дар ҳолати омӯхтани ихтисосҳои душвор; таёрии махсуси кадрҳо берун аз барномаҳои миллӣ ва хусусиятҳои туризм; ташкили марказҳои омӯзиши дар давлатҳои алоҳида);
- ❖ омор (мубодилаи таҷрибаҳо ва мутахассисон дар ҳама сатҳ; омӯзонидани ҷамъоварӣ (таҳлил); таҳлил ва паҳннамоии маълумотҳои оморӣ оид ба туризм; кӯмак барои гузаронидани пурсишҳо ва коркарди онҳо);
- ❖ нақш ва вазифаҳои идораҳои ҳукуматӣ (кӯмак аз нуқтаи таъминоти ҳуқуқи; ташкили марказҳои ҳуҷҷатгузорӣ, архивҳо ва китобхонаҳо; компютеркунони);
- ❖ содда кардани мубодилаи туристӣ ва расмиятҳо; тайёр намудани қарордодҳо ва шартномаҳои мувофиқ; суғуртаи туристӣ; алоқамандии байни секторҳои мехмонхонаҳо, мизоҷон ва идораҳои давлати маъмури.

**2. Ҳалли проблемаҳои ба бехатарии ҳимояи туристон ва объектҳои туристӣ, инчунин содданамоии мубодилаи туристӣ, сафарҳо ва воридшавиҳо алоқамнд буда;**

**3. Омӯзонидан ва тайёрнамоии касбӣ, ки ба он дохил мешавад;**

❖ ҳавасмандкунӣ ва кӯмак ба давлатҳои аъзо, ташкил ва ҷобаҷогузории институтҳои омӯзиши ва маълумотӣ дар соҳаи туризм;

❖ расонидани кӯмаки бевосита дар ҷихатҳои ҳалкунандаи омӯзонидан ва тайёрии касбии кадрҳо;

**4. Баландбардории нуфузи туризм ва таъминоти иттилоотии он;**

**5.Гузаронидани конфронсҳо, коркарди консепсияҳо барои маъюбон ва шахсони калонсол, тайёр намудани атласи чаҳонии туризми фарҳангӣ;**

**6. Ҳар сол гузаронидани рӯзи ҷаҳонии туризм дар давлатҳои аъзо;**

**Мақсади асосии танзимкунии байналхалқии соҳаи туризм аз инҳо иборат мебошад:**

❖ таъмини ҳуқуқии сайёҳон ба ҳаракати озод, сайру сайёҳат ва дигар ҳуқуқҳои туристон дар рафти сайёҳат;

❖ ҳифзи муҳити атроф ва дар асоси он нигоҳдории ёдгориҳои таърихию фарҳангии мамалакатҳо;

❖ ривоҷ додани саноати туризм ҳамчун соҳаи асосии инкишофдиҳандаи хоҷагии ҷаҳонӣ;

❖ равнақу ривоҷ додани муносибатҳои байнадхалқӣ ва дар асоси он ривоҷдиҳии робитаҳо дар тамоми соҳаҳои дигари хоҷагии ҷаҳонӣ ва ғайраҳо.

Инҳо на танҳо мақсади асосии танзими байналхалқии фаъолияти туризм мебошанд, ки аз тарафи СУТ ба роҳ монда шудаанд, балки дар якҷояги бо дигар созмонҳову ташкилотҳои туристӣ ва дар маҷмӯъ ҳар як давлат ин усулҳову роҳҳои танзимкуниро пеш гирифтаанд, барои устувор гардонии танзим дар соҳа, амалӣ мекунанд.

**СУТ таткикотҳои бисёрҷонибаро, ки ба инкишофи ояндаи туризм дар ҷаҳон бахшида шудаанд мегузаронад, ки дар онҳо:**

❖ омилҳои ба инкишофи туризм таъсиррасонандаро таҳлил менамояд;

❖ самтҳои бештар имконпазири инкишофи соҳаи туризм ва методҳои инкишофи онро пешбинӣ менамояд;

Дар форуми сиёсатчиёни туризми байналхалқӣ, ки дар Донишгоҳи ба номи Ҷорҷ Вашингтон аз тарафи иниститути туризми байналхалқӣ, ки дар он 90-эксперти соҳаи туризм аз 21 давлати ҷаҳон ҷамъ омада буданд, ба самтҳои асосие, ки дар вақти коркарди сиёсати туристӣ дар ҳазорсолаи нав бояд диққати махсус дода шавад, муайян шуданд.

❖ омили инкишофи туризм муайян шуд - ҳолати муҳити зист;

❖ барои инкишофи туризм маҳдудиятҳо вуҷуд доранд;

❖ соҳаҳои амалкунандаи туризм наметавонанд бартариятҳои умумиро рад кунанд;

❖ туризм бояд ҳамчун тараққиёти иҷтимоӣ амал кунад;

❖ тағиротҳои демографӣ ба сатҳи туризм ва табиати туризм таъсири калон мерасонад;

❖ зарурият ба маблағгузории калон барои инкишофи инфрасохтори туризм зиёд шуда истодааст;

Ғайр аз ташкилотҳои универсалӣ ва махсусгардонидашуда боз дигар ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба туризм, ки ҳамкории мтнтақавӣ ва байналхалқиро дар соҳаи туризм инъикос менамоянд, вуҷуд доранд.

Тақрибан 100 ташкилот, ки ҳамаи онҳо ба инкишофи туризми байналхалқӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамчун қоида дар давлатҳои туристӣ, махсусан давлатҳои ҷазиравӣ Вазоратҳои туристӣ ташкил карда мешаванд. Аммо баъзе аз онҳо ё раёсати давлатӣ оид ба туризм, ки ба Вазорати иқтисод итоат менамояд, ё раёсати савдои беруна, ё шуъбаи туристӣ дар доираи Вазорат оид ба корҳои ҷавонон варзиш ва саёҳиро доранд.

Бисёри давлатҳо ташкилотҳои миллии туристии худро доранд. Дар Фаронса ва Испания онҳо ба ҳукумат дохил мешаванд, дар дигар давлатҳо новобаста аз ҳукумат ташкил шуда, аммо аз тарафи онҳо бо субсидияҳо ва молиякунониҳо дастгирӣ мешаванд.

**Мувофиқи тавсияҳои СУТ ширкатҳоии миллии туристӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:**

- пешниҳоди манфиатҳои ҳукумат оид ба туризм дар сатҳи байналхалқӣ;
- бастани созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафа бо мақсади зиёд намудани шумораи туристон байни давлатҳои иштироккунанда;
- ташкили хизматрасониҳои туристӣ дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ;
- танзим ва назорати фирмаҳои туристӣ;
- банақшагирӣ ва инкишофи туризм;
- таъмини тайёрии касбӣ дар туризм (курсҳо, семинарҳо);
- ташкили сохтори қабули туристон ва таъмин намудани онҳо бо итилоотҳои туристӣ;
- ҷамъ намудани оморҳо, итилоотҳо ва натиҷахои татқиқотҳои бозорҳои туристӣ;

Соҳаи туризм аз тарафи бисёр ташкилотҳое, ки характери махсусгардонидашуда ва универсалӣ доранд, танзим карда мешавад.

**Ба қатори асосии онҳо дохил кардан мумкин аст:**

**Характери универсалӣ доранд:**

- Федератсия умумиҷаҳонии иттиҳодияи агенстваҳои туристӣ ***(ФҶИАТ);***
- Федеретсияи байналхалкии туризми варзишӣ-аспӣ ***(ФБТВА);***
- Алянси байналхалкии туристӣ ***(АБТ);***

**Характери махсусгардонидашуда доранд:**

- Федератсияи ҷаҳонии агенстваҳои туристӣ ***(ФҶАТ);***
- Лигаи байналхалқии ташкилотҳои туризм ***(ЛБТТ)***
- Конфронси байналхалқӣ оид ба туризми донишҷӯи;
- Академияи байналхалқии туризм***(АБТ);***
- Клуби байналхалқии роҳбаладҳо ***(КБР);***

- Иттиҳодия оид ба таткиқот дар туризм ва сайёҳӣ;

Аммо Созмони асосии танзимкунандаи туризм ин Созмони умумиҷаҳонии туристӣ мебошад.

**Тестҳо оиди мавзӯи 4.**

1. **Штаб-квартираи Созмони умумиҷаҳои туристӣ дар кадоме аз ин шаҳрҳо ҷойгир шудааст.** A) Мадрид; B) Женева; C) Берлин; D) Брюссел; E) Гаага.
2. **Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ кадом сол таъсис дода шуда буд.** A) соли 1975; B) соли 1987; C) соли 1980; D) соли 1994; E) соли 1979.
3. **Пайдоиши туризм ба кадом аср рост меояд.** A) асри 18; B) асри 19; C) асри 20; D) асри 17; E) асри 16.
4. **Конгресси байналхалқии ташкилотҳои расмии туристӣ (КБТРТ) кадом сол таъсис дода шуд.** A) 1932; B) 1923; C) 1941; D) 1925; E) 1936.
5. **Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ ба кадом категория ташкилотҳо дохил карда мешавад.** A) характери ғайри давлатӣ дошта; B) характери давлатӣ дошта; C) характери байниҳукуматӣ дошта; D) характери хусусӣ дошта; E) характери байни соҳавӣ дошта.
6. **Мақомоти олии Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ ин.** A) шӯрои идоранамоӣ; B) асамблеяи генералӣ; C) секретариат; D) кумитаи оморӣ; E) кумитаи молиявӣ.
7. **Кадом сол штаб квартираи Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ аз Женева ба Мадрид кӯчонида шуд.** A) 03.07.1977; B) 09.04.1973; C) 01.01.1976; D) 04.03.1971; E) 05.02.1979.
8. **Роберт С. Лонати кадом солҳо вазифаи Котибии Генералии СУТ-ро иҷро намудааст.** A) солҳои 1975-1980; B) солҳои 1985-1989; C) солҳои 1975-1984; D) солҳои 1970-1975; E) аз соли 1990 то инҷониб.
9. **Котиботи ТУТ аз чанд воҳиди кормандон иборат аст.** A) 60 намояндаи 20 давлат; B) 70 намояндаи 25 давлат; C) 75 намояндаи 30 давлат; D) 90 намояндаи 30 давлат; E) 80 намояндаи 40 давлат.
10. **Конвенсияи байни ТУТ ва Испания оиди унвони ҳуқуқии созмон кадом сол навишта шудааст.** A) 10.12.1978; B) 10.11.1975; C) 10.09.1974; D) 10.07.1976; E) 10.05.1979.

## Мавзӯи – 5

## Реклама дар туризм

***1. Мафҳум ва моҳияти реклама: мақсад ва вазифаҳои он.***

***2. Реклама дар туризм: нақш ва вазифаҳои он.***

***3. Намудҳои рекламаи туристӣ ва усулҳои истифодаи он.***

**1.** Дар шароити муосири муносибатҳои бозорӣ ва рақобати пурзӯри (мукаммали) фирмаҳо дар соҳаи туризм, самти зарурии фаъолияти фирмаҳои туристӣ ин омӯзиши бозор, гузаронидани таткиқотҳои маркетингӣ ва таъмини фаъолияти рекламавӣ ба ҳисоб меравад.

Реклама аз калимаи лотинии **Reclamare** гирифта шуда, маънои тасдиқ кардан, нидо кардан, бонг задан, муроҷиат карданро дорад.

***Мувофиқи Боби-1, Моддаи-2-и Қонуни ҶТ "Дар бораи реклама",*** **Реклама** - иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд;

Имрӯз реклама ҳамсафари доими инсон мебошад. Ҳаррӯза ба он таъсир расонида, дар ҳаёти ҷамъиятии инсон нақши муҳимро мебозад. Бахусус реклама дар соҳаи иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти зиёд дорад.

Нақши иқтисодии реклама дар он аст, ки он ба зиёдшавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ҳаҷми сармоягузориҳо ва шумораи ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд. Реклама инчунин рақобатро нигоҳ дошта, бозорҳои фурӯшро васеъ менамояд.

Ҷаҳони муосирро бе реклама тасаввур кардан ғайри имкон аст. Реклама моро дар ҳама ҷой фарогир мебошад: **Дар хона -** ҳангоми шунидани радио ё тамошо кардани оинаи нилгун (телевизор), **Дар кӯча -** дар шакли овезаҳо ва стендҳо, дар газета, журнал ва ҳатто дар китобҳое, ки мо мутолеа менамоем.

Реклама баъзе ҳолат хашмгин менамояд, баъзе ҳолат дилхуш месозад ва ҳатто баъзе ҳолатҳо механдонад, аммо новобаста ба ин дар ҳама ҳолат аз таъсири он дар майнаи инсон як симои муайяни равшан ва таъсирбахши ба чизе водоркунанда боқӣ мемонад.

Реклама ҳамчун усули расонидан хабар барои ҷалби диққат равона шуда мебошад. Дар ҷаҳони муосир реклама мавқеи пешбарандаро ишғол намудааст.

**Вазифаи реклама** – ин ноилшавӣ ба мақсадҳои асосии маркетингӣ, яъне зиёдгардонии талабот ва зиёднамоии фурӯши маҳсулот мебошад.

**Хусусиятҳои асосии реклама чунинанд:**

❖ Характери ҷамъияти (иттиллоот на ба шахсони алоҳида, балки ба гурӯҳи одамон пешниҳод мешавад);

❖ Алоқаи яктарафа (иттиллооти рекламавӣ танҳо ба самти харидор равона шуда, ба фурӯшанда робитаи баргарданда надорад);

❖ Самараи душвори ченкунӣ (амалан муайян намудан, ки чӣ гуна реклама ба талабот ва ё ҳаҷми фурӯш таъсир расонидааст ғайри имкон мебошад).

**Мақсадҳо ва вазифаҳои асосии реклама чунинанд:**

❖ хабардор намудани аз маҳсулот, хизатрасонӣ ва ё фирмаи нав;

❖ машваратдиҳӣ ва боварикунонии мизоҷ аз самара ва ё зарурияти харид намудан;

❖ вазифаи хотиррасоннамоӣ, ки барои нигаҳдории фикри истеъмолкунанда ба самти зарурӣ муҳим мебошад;

❖ нигоҳдории мизоҷ, барои он ки онҳо аз рақибон харидорӣ нанамоянд;

❖ ташкили «симои фирма», ки фирмаро дар байни рақибон ҷудо менамояд.

**2.** Реклама яке аз қисмҳои фарҳанги тасвирии муосир ба ҳисоб меравад. Хусусияти хизматрасониҳои туристӣ зарурияти истифода намудани воситаҳои аёну равшанро талаб менамояд, ки онҳо метавонанд манфиати объектҳои туристиро пурра инъикос намоянд. Бинобар ин рекламаи туристӣ одатан маводҳои видеоӣ ва расмиро истифода менамояд, ки дар дигар намудҳои реклама дида намешаванд.

Рекламаи туристӣ ба омили ҳаррӯза вобаста нест, зеро калимаи сафар маънои ҳаррӯзагиро надорад. Агар рекламаи маишӣ асосан

масъалаҳои ҳаррӯзаро ҳал намояд, аммо рекламаи туристӣ ба ҳаррӯзагӣ ва беҳаракатӣ алоқамандӣ надорад.

Рекламаи туристӣ дар худ иттиллоотеро дар бар мегирад, ки дар шакли тасвирӣ пешниҳод шудааст ва ба фикри истеъмолкунанда маълумотҳо ва ҳодисаҳои муҳимтарро оид ба маҳсулоти туристӣ ва фирмаи туристӣ бурда мерасонад.

Реклама ҳамчун дигар намудҳои алоқаҳои маркетингӣ нақши муҳимро дар амалӣ сохтани стратегияи фирмаи туристӣ иҷро менамояд. Реклама ба истеъмолкунанда дониш ва таҷрибаи нав дода, хоҳиши харидкунии онро зиёд менамояд.

Ба воситаи реклама фирмаи туристӣ бозорҳои нави фурӯшро аз худ менамояд. Рекламаи турситӣ рақобатро байни фирмаҳо зиёд намуда, ба баландшавии сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои туристӣ меоварад.

Реклама имконияти зиёднамоии ҳаҷми фурӯшро медиҳад. Фурӯши калони хизматрасониҳои туристӣ ба фирма зиёдшавии даромадро таъмин менамояд.

Барои сохтани рекламаи самараноки туристӣ зарур аст, ки хусусиятҳои хоси соҳаи мазкур ба инобат гирифта шаванд. Ба монанди симои тасвирие, ки дар худ ин ё он сафар ё хизматрасониро таҷассум менамояд. Ҳамаи ин тавассути чунин элементҳои ҷалбкунанда, аз қабили расмҳои зебо (дар матбуот) ё видеороликҳо (дар оинаи нилгун) ва пешниҳоди иттиллооти пурраву саҳеҳ, ки ба ҷалби истеъмолкунандагон равона шудааст, пешниҳод карда шавад.

Реклама дар бораи фирма ва маҳсулоти он маълумот пешниҳод намуда, истеъмолкунандаро бовар мекунонад, ки интихоби худро дар фирмаи мазкур ва ё маҳсулоти он қарор диҳад. Боварии истеъмолкунандаро дар интихоби худ зиёд менамояд.

**Дар бизнеси туристӣ аз реклама иҷроиши вазифаҳои муҳими зерин талаб карда мешавад.**

❖ бо ёрии он ҳар як таркиби хизматрасонӣ намуди ламсшавандаро пайдо намояд, то ба истеъмолкунада фаҳмо бошад, ки ба ӯ чӣ пешниҳод карда шудааст;

❖ он бояд самара ва ҳалли проблемаро ваъда диҳад;

❖ он бояд фарқияти маҳсулоти фирмаро аз маҳсулоти дигар рақибон нишон диҳад.

**Намудҳои рекламаи туристӣ чунинанд:**

**Вобаста аз объекти рекламасозӣ, реклама ҷудо мешавад:**

*1. Рекламаи молӣ*

*2. Рекламаи нуфузӣ (имиджӣ)*

**Рекламаи молӣ -** вазифаи асосии рекламаи молӣ – ин ташаккул ва ҳавасмандгардонии талабот ба маҳсулоти туристӣ ва хабар намудани истеъмолкунандагон аз бартариҳои маҳсулот мебошад.

**Рекламаи нуфузӣ (имиджӣ)** - вазифаи рекламаи нуфузӣ ё имидж реклама бошад, рекламаи эътибор ё шаъну шараф ба ҳисоб меравад, ки нуфузи фирмаро аз фирмаи рақибон ҷудо менамояд.

**Вобаста аз хусусияти ахборот чунин намудҳои рекламаро фарқ мекунанд:**

**1. Ахборотӣ -** рекламаи ахборотӣ ба мизоҷон иттиллоотро оид ба фирма ва хизматрасониҳои он мерасонад.

**2. Боварикунонӣ -** рекламаи боварикунонӣ ин бовар кунонидани мизоҷон оид ба бартариятҳои маҳсулоти рекламашаванда мебошад.

**3. Огоҳинамоӣ (хотиррасонӣ) -** рекламаи огоҳинамоӣ (хотиррасонӣ) барои бохабар нигоҳ доштани мимзоҷон аз вуҷуд доштани маҳсулоти муайян дар бозор пешбинӣ шудааст. Ба ин маҳсулотҳо он маҳсулотҳое дохил мешаванд, ки аллакай талаботи муайянро дар бозор доранд.

Хусусияти фарқкунандаи реклама ҳамчун яке аз воситаҳои асосии алоқаҳои маркетингӣ дар соҳаи туризм чӣ тавассути хусусиятҳои реклама ва чӣ тавассути хусусиятҳои хоси саноати туристӣ муайян карда мешавад.

❖ **Ламснашаванда ва хусусияти ғайримоддӣ.** Хизматрасониҳои туристиро дидан, нишон додан ғайри имкон аст. Онҳоро баъд аз истеъмол намудан баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

❖ **Маҷмӯи.** Ба хотироте, ки турист баъд аз истеъмол намудани маҳсулоти туристӣ бо худ мебарад бисёр омилҳо, ҳатто рафтори пешхизмат, фаррошон, намояндаи тарафи қабулкунанда ва ғайра таъсир мерасонанд.

Дар бизнеси туристӣ зарур аст, ки оид ба яке аз элементи муҳими рекламаи туристӣ ба монанда слоган қайд намоем.

**Слоган -** ин ибораи кутоҳ, аммо пурмазмуне мебошад, ки диққати истеъмолкунандаро ҷалб намуда, шиори фирма ба ҳисоб меравад. Ба монанди «Истироҳати Шумо - вазифаи мост», «Интурист Тоҷикистон фирмаи №1» ва ғайра.

**3. Воситаҳои асосии истифодаи реклама инҳоянд:**

**1. Реклама дар телевизион.** Дар экрани телевизион имконияти офаридани симо (образ) хеле паҳн шудааст. Вале ин бояд симо (образ)-и хотирмон бошад, вагарна хароҷоти молиявӣ бо натиҷаи бадастомада баробар намеафтад. **«Лавҳа»** ин ҷо, бештар назар ба матн нақши муҳимтар мебозад. На гуфтан, балки нишон додану итминон бахшидан - чунин аст принсипи телераклама.

**Дигар усулҳои реклама дар телевизион низ мавҷуданд:**

❖ бештар нишон додани одамоне, ки аз бартариҳои молу хизматрасонихо роҳат бурда истодаанд, на ин ки як моли алоҳида нишондодашаванда;

❖ имкон додан ба бинандагон то нишони молии фирмаи пешниҳодкунандаи рекламаро дида тавонанд;

❖ вазъияти воқеиро офаридан, на сохтаву бофтаро;

❖ фақат он чиро ваъда додан, ки иҷрояш имконпазир аст.

**2. Реклама дар радио**

Шунавандагони раидореклама, дар қиёси дигар воситахои реклама ниҳоят сершуморнад. Аммо ин шунавандагон доимӣ не, балки

тасодуфианд ва барои диққат ҷалб кардан ба муроҷиатҳои худ рекламагарон бояд қоидаҳои пахши онро донанд:

- ❖ муроҷиат набояд бештар аз 45-50 сония тӯл кашад, то диққати шунаванда пароканда нашавад;
- ❖ муроҷиат бояд ба суолҳо аниқ ҷавоб диҳад: «Чӣ?», «Дар куҷо?», «Кадом вақт? ва ғайра.
- ❖ иттилооти шифоҳӣ бештар диққатҷалбкунанда аст, агар бо навои ошно, рамзи садоӣ, овози одамони маъруф (актёрҳо, варзишгарон ва ҳоказо) ҳамвора пешкаш шавад;
- ❖ дар поёни ахбор ҳатман мушахассоти фирма (суроға, рақами телефон ва ғайра) пешкаш мешавад.

**3. Реклама дар матбуот**

Эълони реклама дар миёнҷои саҳифа танҳо дар сурате диққат ҷалб мекунад, ки агар дар қиёси маводи чопии ҳампаҳлӯяш ҳаҷму ифоданокии бештаре дошта бошад. Сарлавҳаи эълони реклама нақши зиёд мебозад. Вазифаи асосӣ - рекламаро бо рангҳои баланди таъсирбахш ба чоп расонидан, аксарияти кулли хонандагон маҳз ба ҳамин диққат медиҳанд. Дар баробари ин сарлавҳа бояд оддию фаҳмо бошад. Вожаҳое аз қабили «навбаромад», «бепул» хуш пазируфта мешаванд.

**4. Рекламаи зоҳирӣ**

Бартарияти он нисбат ба дигар навъҳои фаъолияти рекламагарӣ аз ҳамзамон фаро гирифта шудани гурӯҳҳои зиёди истеъмолкунандагон иборат аст. Рекламаи зоҳирӣ, маъмулан, мундариҷаи ниҳоят оддӣ дорад. Бо рангҳои баландаш ғайри ихтиёр диққати бисёр касонро ба худ чалб намояд. Принсипҳои тартиб додани рекламаи зоҳирӣ аз инҳо иборатанд:

- ❖ дорои андешаи оддӣ будан, ки бо ёрии рангубори зиёди равшан, бо ҳарфҳои андозаашон калон-калон амалӣ гардонда шудааст;
- ❖ сергапу серрақам набошад, шароити махсуси дарки он ба ҳисоб гирифта шавад;
- ❖ зебопарастона бошад, ба талаботи ҳозира мутобиқат кунад.

**Тестҳо оиди мавзӯи 5.**

1. **Мафҳуми Реклама аз кадом забон гирифта шудааст.** А) забони лотинӣ; В) забони итолиёвӣ; С) забони англисӣ; D) забони фаронсавӣ; Е) забони олмонӣ.
2. **Кадоме аз инҳо мафҳуми рекламаро инъикос менамояд.** А) Reclamare; В) Reclamane; С) Reclanare; D) Reclamarening; Е) Reklamare.
3. **Мафҳуми реклама дар кадом боб ва дар кадом моддаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Др бораи реклама» шарҳ дода шудааст.** А) Боби-1, Моддаи-2-и Қонуни ҶТ Дар бораи реклама; В) Боби-2, Моддаи-2-и Қонуни ҶТ Дар бораи реклама; С) Боби-1, Моддаи-3-и Қонуни ҶТ Дар бораи реклама; D) Боби-2, Моддаи-1-и Қонуни ҶТ Дар бораи реклама; Е) Боби-3, Моддаи-2-и Қонуни ҶТ Дар бораи реклама.
4. **Реклама ин.** А) Иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо(ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, хизматҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, хизматҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд; В) Ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ, масалан; сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд; С) Ин сайёҳат ба мақсади шинос шудан бо ҷойҳои шоёни диққати таърихию фарҳангӣ ва объектҳои нотакрори табиӣ аз рӯи барномаи муайян мебошад; D) Ин намуди фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои туристӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба молҳои туристӣ бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеъи талаботи маънавию мадании туристони хориҷӣ равона карда шудааст; Е) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
5. **Кадоме аз инҳо ба вазифаи реклама дохил мешавад.** А) ин ноилшавӣ ба мақсадҳои асосии маркетингӣ, яъне зиёдгардонии талабот ва зиёднамоии фурӯши маҳсулот мебошад; В) ин ноилшавӣ ба фоидаи начандон зиёд; С) аз байн бурдани рақобат; D) ташкили муҳити муътадили сиёсӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
6. **Хусусиятҳои асосии рекламаро қайд намоед.** А) Характери ҷамъиятӣ; В) Алоқаи яктарафа; С) Самараи душвори ченкунӣ; D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Е) ягон ҷавоб дуруст нест.
7. **Кадоме аз инҳо ба хусусиятҳои реклама дохил мешавад.** А) Характери ҷамъиятӣ; В) характери инсонӣ; С) алоқаи бисёртарафа; D) самараи осони ченкунӣ; Е) бепардохтӣ.
8. **Кадоме аз инҳо ба мақсадҳо ва вазифаҳои реклама дохил намешавад.** А) хабардор намудани аз маҳсулот, хизатрасонӣ ва ё фирмаи нав; В) машваратдиҳӣ ва боварикунонии мизоҷ аз самара ва ё зарурияти харид намудан; С) вазифаи хотиррасоннамоӣ, ки барои нигаҳдории фикри истеъмолкунанда ба самти зарурӣ муҳим мебошад; D) нигоҳдории мизоҷ,

барои он ки онҳо аз рақибон харидорӣ нанамоянд; E) қабул ва ҷо ба ҷогузории мизоҷон.

9. **Дар бизнеси туристӣ аз реклама иҷроиши кадом вазифаҳои муҳим талаб карда мешавад.** A) бо ёрии он ҳар як таркиби хизматрасонӣ намуди ламсшавандаро пайдо намояд, то ба истеъмолкунада фаҳмо бошад, ки ба ӯ чи пешниҳод карда шудааст; B) он бояд самара ва ҳалли проблемаро ваъда диҳад; C) он бояд фарқуияти маҳсулоти фирмаро аз маҳсулоти дигар рақибон нишон диҳад; $D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; E) ягон ҷавоби пешниҳодшуда дуруст нест.
10. **Воситаҳои асосии истифодаи рекламаро қайд намоед.** A) реклама дар телевизион; B) реклама дар радио; C) реклама дар матбуот; D) рекламаи зоҳирӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

## Мавзӯи - 6

## Маркетинг дар туризми байналхалқӣ

**1. Моҳияти маркетинг дар туризми байналхалқӣ**

**2. Консепсияҳои маркетинг дар туризми байналхалқӣ**

**1. Маркетинг имрӯз -** ин вазифа, стратегия ва тактикаи корхона дар бозор мебошад. Дар баробари ин мақсади маркетинг сари вақт муаян намудани ниёз ва талаботи бозор ва ташкили стратегияи рафтори худ дар ин бозор мебошад.

Хусусияти маркетинги туристӣ пеш аз ҳама бо хусусиятҳои маҳсулоти туристӣ ва инчунин хислатҳои махсуси истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои туристӣ муайян карда мешавад.

Асоси истилоҳи **"маркетинг"-ро** калимаи **«market»** ташкил медиҳад, ки маънои **"бозор"-ро** дорад. Аз ин рӯ маркетинг аксар вақт ҳамчун фалсафаи идоракунӣ, хоҷагидорӣ дар шароити бозор фаҳмида мешавад, ки самти истеҳсолотро барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххаси истеъмолкунандагон равона мекунад.

Агентиҳои сайёҳӣ ҳамчун корхонаҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравconfigured ва аз ин рӯ бе ду ҷузъи (элементи) асосии комёб шудан ба бизнес фаъолият карда наметавонанд.

1. Маркетинг
2. Реклама

Вазифаи фаъолияти маркетингӣ ташаккул ва муайянкунии маҳсулот мебошад, яъне чӣ, чӣ тавр, дар куҷо, кай ва ба кӣ фурӯхтан.

**Ба ақидаи олими шветсарӣ Хиннинг Криппендорф маркетинги туристӣ** – ин тағиротҳои мунтазам ва ҳамоҳангсозии фаъолияти фирмаҳои туристӣ, инчунин сиёсати хусусӣ ва давлатӣ дар соҳаи туризм мебошад.

Мақсади ин тағиротҳо дар он ифода меёбад, ки бояд талаботҳои истеъмолкунандагони гурӯҳҳои алоҳида бо дар назардошти гирифтани фоида пурра қонеъ карда шаванд.

**Маҳсулоти туристӣ дар маънои васеъ** - ин комплекси мол ва хизматҳое, мебошад, ки дар маҷмӯъ сафари туристиро (турҳо) ташкил медиҳанд ё бевосита ба он алоқамандӣ доранд. Масалан: асбобу анҷоми туристӣ – ҳамаи ин маҳсулоти туристӣ мебошад, гарчанд мол аст на ин ки хизматрасонӣ).

**Маҳсулоти туристӣ чунин хусусиятҳоро доро мебошад:**

- ин комплекси мол ва хизматраосиниҳое мебошад, ки низоми душвори робитаи мутақобилаи байни намудҳои гуногун ва ё компонентҳои маҳсулоти туристӣро дорад;

- хизматрасониҳои туристиро нигоҳ доштан ғайри имкон аст. Онҳоро ҳамчун намунаи молҳо пешниҳод кардан мумкин нест. Барои баҳодиҳии маҳсулоти туристӣ ченак вуҷуд надорад. Масалан ҳаҷм, вазн, пурқувватӣ, дарозӣ ва ғайра;

- истеъмолкунанда ҳамчун қоида маҳсулоти туристиро то истеъмоли шудани он дида наметавонад. Истеъмол бошад дар бисёр ҳалотҳо дар ҷои истеҳсоли маҳсулоти туристӣ ба вуҷуд меояд;

- маҳсулоти туристӣ вобаста аз вақт ва фазо мебошад. Аҳамияти зиёд омили фаслӣ дорад. Чорабиниҳои маркетингӣи фирмаи туристӣ аз мавсимӣ туристӣ ва байни мавсими туристӣ фарқият доранд. Масалан ҳангоми байни мавсимӣ чорабиниҳои иловагии ҳавасмандкунии талабот лозим ҳастанд, ба монанди нархҳои паст, хизматрасониҳои гуногуни иловагӣ ва ғайра;

- ба сифати маҳсулоти туристӣ омилҳои берунӣ, ки хусусияти форсмажорӣ доранд таъсири назаррас мерасонанд. Яъне аз хоҳиш ва амали харидор ва фурушанда вобаста нестанд (боду ҳаво, шароитҳои табии, сиёсат дар соҳаи туризм ва ғайра).

Хусусиятҳои махсуси худро инчунин истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои туристӣ доранд. Талабот ба маҳсулоти турситӣ вобаста аз конюктура, даромад, сатҳи маълумот, нарх, реклама ва ғайра фарқ карда мешаванд.

**Дар асоси гуфтаҳои боло хусусиятҳои зерини маркетинги туристиро қайд кардан зарур аст:**

1.Барои маркетинг дар туризм масъалаи ҳавасмандкунии талабот аҳамияти на он қадар зиёд дорад. Талабот ба маҳсулотҳои туристӣ доимо меафзояд. Барои маркетинги туристӣ масъалаи равона кардани талабот ба самти зарурӣ зарууртар мебошад;

2. Сиёсати иттиллоотии саҳеҳ нисбат ба мизоҷ аҳамияти зиёд пайдо мекунад, ба хусус дар марҳилаи фурӯши хизматҳо;

3. Бо дар назардошти омили субъективӣ дар ҷараёни харидории хизматрасонии туристӣ, фирмаҳои туристӣ бояд ба ҳимояи ҳуқуқҳои мизоҷон аҳамияти махсус диҳанд;

4. Таъсири омилҳои мавсимӣ зарурияти диверсификаияи маҳсулотҳои туристӣ ва ё диққати махсус нисбат ба чорабиниҳои маркетингӣ дар давраи байнимавсимӣ, ки фирмаро аз омили байнимавсимӣ кам вобаста намояд, талаб мекунад.

5. Дар ҷараёни идоракунии маркетинг назар ба дигар соҳаҳо бояд на танҳо ҷанбаҳои моддӣ, балки вазъи равонӣ ва эҳсосӣ ва хусусиятҳои истеъмолкунанда бештар ба назар гирифта шаванд.

6. Аз сабаби он, ки маҳсулоти туристӣ ҳамчун қоида маҷмӯи комплексии ҷузъҳои моддӣ ва идеалиро ифода менамояд, аҳамияти зиёдро барои ба даст овардани самараи ниҳоии оптималии чарабиниҳои маркетингӣ ҳамоҳангсозии маркетингии ҳамаи иштирокчиёни истеҳсоли

хизматрасониҳои туристӣ, марказҳои туристӣ, мақомотҳои давлатӣ оид ба танзими сайёҳӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дорад.

**Хусусиятҳои маркетинги сайёҳиро ба таври мухтасар чунин муайян кардан мумкин аст:**

- на ҳавасмандкунии талабот, балки идоракунии он;
- дараҷаи баланди эътимоднокии иттилоот дар бораи маҳсулоти туристӣ;
- ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;
- нақши махсуси маркетинг дар давраи байни мавсимӣ (диверсификатсияи маҳсулоти туристӣ);
- ҳамоҳангсозии маркетинги иштирокчиёни бозори хизматрасонии сайёҳӣ.

**Ҳамин тавр дар мафҳуми васеъ маркетинг -** ин силсилаи амалҳо ва қарорҳои пай дар пайи фурӯшанда мебошад, ки ба муайян намудани талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулот равона шудааст.

Барои комёб шудан фирмаро зарур аст, ки ҳам манфиатҳои худро ба назар гирад ва ҳам манфиатҳои мизоҷро. Яке аз шартҳои муҳими ҳар як фаъолияти маркетингӣ ин муайян намудан ва интихоби маҳсулот барои фурӯш мебошад.

Ҳамин тавр маркетингро дар туризм ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои фирма муайян кардан мумкин аст, ки ба қонеъгардонии максималии талаботи бозорӣ бо хизматрасониҳои байналхалқии туристӣ дар асоси таҳлили тамоми омилҳо равона шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар маркетинги туризми байналхалқӣ аҳамияти зиёд ба сифат дода мешавад. Масалан, туристон ҳар чи зиёдтар ба он аҳамият медиҳанд, ки онҳоро чи гуна дар фурудгоҳ пешвоз мегиранд ва нисбат ба онҳо чи гуна муносибат менамоянд.

**Ба вазифаҳои маркетинги туристӣ дохил мешаванд:**

- таҳлили бозори байналхалқии туристӣ ва баҳогузории иқтидори талабот ба сафарҳои туристӣ, ки фирмаи туристӣ ба туристон пешниҳод менамояд;

- ❖ зарурияти коркард ва банақшагирии расонидани хизматҳо воьаста ба сифат ва нарх, ки ба талаботи туристон мутобиқат менамоянд;
- ❖ таъмини ҳаракат ва фурӯши хизматҳои истеҳсолшуда дар бозори байналхалқии туристӣ;
- ❖ гирифтани фоидаи ниҳоӣ дар асоси гузаронидани чорабиниҳои номбаршуда;
- ❖ равона кардани маҳсулот ба талаботи зарурӣ;
- ❖ сиёсати иттилооти саҳеҳ нисбат ба мизоҷ.

**Ҳангоми коркарди барномаҳои маркетингӣ фирмаи туристӣ бояд оид ба бандҳои зерин маълумоти луруст дошта бошад:**

- ❖ бозор дар куҷо ҷойгир аст;
- ❖ туристон киҳо ба ҳисоб меравaнд;
- ❖ чи миқдор туристон вуҷуд доранд;
- ❖ ба кадом маҳсулоти туристӣ туристон ниёз доранд;
- ❖ ин талабот кадом вақт ба вуҷуд меояд;
- ❖ кадом нархҳо барои туристон нисбатан дастрас мебошанд.

Бо маъгои дигар маркетин бояд ба фирмаи туристӣ оид ба пешниҳод ва фурӯши хадамоти худ дар ҳамон ҷо, бо ҳамон сифат, бо ҳамон миқдор ва бо ҳамон нархе, ки туристонро қонеъ менамояд, кӯмак расонад.

**2. Консепсияи маркетинг -** ин равишҳои умумӣ барои ҳалли масъалаҳои ноил шудан ба сатҳи зарурии фурӯш дар бозорҳои гуногун, принсипҳои ҳалли онҳо, ки асоси идоракунии маркетингро ташкил медиҳанд.

Панҷ консепсия маълум аст, ки дар асоси онҳо идоракунии маркетингӣ ба роҳ монда мешавад.

**1. Консепсия мукаммалгардонии истеҳсолот.** Ин консепсия онро ифода мекунад, ки истеъмолкунандагон он маҳсулотҳоеро харидорӣ менамоянд, ки бисёр васеъ паҳн гашаанд ва аз рӯи нархгузорӣ дастрас мебошанд. Бинобар ин ташкилот бояд фаъолияти худро ба мукаммалгардонии истеҳсолот ваа низоми тақсимот равона созад. Консепсия мукаммалгардонии истеҳсолот дар ду ҳолат дуруст меояд.

Ҳангоме, ки бозор қонеъ нест, яъне талабот ба мол аз пешниҳод зиёд аст ва дар ҳолате, ки арзиши мол бисёр баланд мебошад ва онро бояд паст намуд, ки барои ин баландбардории ҳосилнокӣ талаб карда мешавад.

**2. Консепсия мукаммалгардонии маҳсулот.** Мувофиқи консепсияи номбурда истеъмолкунандагон он молҳоеро харидорӣ мекунанд, ки сифати аз ҳама баланд ва хусусиятҳои баланд доранд. Бинобар ин фирма бояд фаъолияти худро ба мукаммалгардонии доими ҳамин маҳсулот равона созад. Масалан, баъзе истеҳсолкунандагон боварӣ доранд, ки агар онҳо суперқапқонро барои доштани мушҳо истеҳсол кунанд, онҳоро муваффақият интизор аст. Аммо харидорон метавонанд ба хокаҳои кимиёвӣ барои безараргардонии мушҳо бартарӣ диҳанд. Ин мафҳум ба «маркетинги тангдастӣ (маркетинговой близорукости)» оварда мерасонад, зеро талаботи муштариёнро аз назар дур мегардонад.

**3. Консепсияи тақвияти кӯшишҳои тиҷоратӣ.** Ин консепсия дар он ифода меёбад, ки истеъмолкунандагон молҳои корхонаро бо миқдори зиёд харидорӣ намекунанд, агар корхона барои фурӯши маҳсулот чораҳои ҳавасмандиро нагузаронад. Рекламаи агрессивӣ ва озурдахотирӣ истифода мешавад. Ҳамин ки харидор ба мағоза медарояд, фурӯшанда фавран коркарди **"Равонӣ (психологическую)"-ро** оғоз мекунад, то харидорро маҷбур созад, ки ягон чиз харидорӣ намояд.

**4. Консепсияи маркетинги соф.** Консепсияи мазкур тасдиқ менамояд, ки кафолатии расидан ба ҳадафҳои ширкат ин муайян кардани талабот дар бозорҳои мақсаднок ва таъмин намудани қаноатмандии мизоҷон тавассути истифодаи усулҳои нисбатан самарабахш (нисбат ба рақибон) мебошад.

Моҳияти ин консепсияро бо кӯмаки ибораҳое чун "**Ниёзҳоро пайдо кунед ва онҳоро қонеъ кунед**" ё "**Истеҳсол кунед он чизеро, ки метавонед фурӯшед,** нисбат ба он, ки **Кӯшиш фурӯхтани он чизеро кунед, ки истеҳсол кардед** ". Консепсия маркетинги соф ба қонеъ гардонии талаботҳои мизоҷон равона шудааст, ки бо чорабиниҳои комплексии маркетингӣ мустаҳкам гардонида шудааст. Қонеъгардонии мизоҷон – асосии комёбшавӣ ба мақсадҳои корхона мебошад.

**5. Мафҳуми маркетинги иҷтимоӣ ва ахлоқӣ.** Мувофиқи консепсияи мазкур вазифаи корхона муайян кардани талаботҳои бозорҳои мақсаднок ва таъмин намудани қаноатмандии мизоҷон бо роҳҳои нисбатан самарабахш (нисбат ба рақибон) ва ҳамзамон таъмини некӯаҳволии ҷомеа мебошад.

Мафҳуми маркетинги иҷтимоӣ-ахлоқӣ аз корхона омезиши се омилро талаб мекунад. Ин гирифтани фоида, қаноатмандии талаботи мизоҷон ва баландбардории некӯаҳволии умумии мардум мебошанд. Ширкатҳои бузургтарини ҷаҳон ба ин консепсия пайравӣ мекунанд.

**Тестҳо оиди мавзӯи 6.**

1. **Дар маркетинги туризми байналхалқӣ чанд консепсияро аз ҳамдигар фарқ менамоянд.** А) 5-консепсия; В) 5-консепсия; С) 5-консепсия; D) 5-консепсия; Е) 5-консепсия.
2. **Кадоме аз инҳо ба консепсия маркетингӣ туризми байналхалқӣ дохил карда мешавад.** А) консепсия мукаммалгардонии истеҳсолот; В) консепсия мукаммалгардонии маҳсулот; С) консепсияи кушишҳои сердаромади тиҷоратӣ; D) консепсияи маркетингӣ соф; Е) ҳамаи ҷавобҳо дурурстанд.
3. **Кадоме аз инҳо ба консепсияи маркетингӣ туризми байналхалқӣ дохил карда мешавад.** А) консепсияи маркетингӣ соф; В) консепсия мукаммалгардонии нарх; С) консепсияи мукаммалгардонии даромадҳо; D) консепсияи мукаммалгардонии арзиш; Е) консепсияи мукаммалгардонии соҳибкорӣ.
4. **Кадоме аз ин олимон дар бораи маркетингӣ туристӣ ақидаи худро баён намудааст.** А) Криппендорф; В) Смит; С) Рикардо; D) Портер; Е) Нувенхаузе.
5. **Дар соҳаи туризми ҷаҳонӣ чӣ қадар аҳолӣ бо шуғл машғул мебошанд.**
6. $А) 297 млн. нафар; $В) 291 млн. нафар; $С) 287 млн. нафар; $D) 300 млн. нафар; $Е) 265 млн. нафар;
7. **Кадоме аз инҳо ба категорияи сайёҳон дохил карда намешаванд.** А) шаҳрвандоне, ки барои истироҳат бо сабабҳои оилавӣ, табобатӣ мераванд; В) шаҳрвандоне, ки ба маҷлисҳо ва корҳои илмӣ мераванд; С) шаҳрвандоне, ки бо корҳои дипломатӣ мераванд; D) аҳолии назди сарҳадӣ, ки дар ҳудуди дигар давлат кор мекунанд; Е) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
8. **Ба Созмони умумиҷаҳонии туристӣ чанд мамлакат аъзо мебошад.** А) 160-мамлакат; В) 156-мамлакат; С) 154-мамлакат; D) 161-мамлакат; Е) 159-мамлакат.

9. **Забони расмии Созмони умумиҷаҳонии туристӣ кадом аз ин забонҳо ба шумор меравад.** A) англисӣ; B) фаронсавӣ; C) русӣ; D) испанӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
10. **Кадоме аз ин вазифа ба вазифаҳои Созмони умуҷаҳонии туристӣ дохил намешаванд.** A) мусоидат намудан ба мамлакатҳои аъзои ин созмон дар ҳалли масъалаҳои рушди туризм; B) маблағгузории таҳсил ва такмили ихтисос; C) таъмини итилооти оморӣ, ҳамаҳангсозии сиёсати мамлакатҳо дар соҳаи туризм; D) маблағгузории соҳаҳои туризм; E) ягон ҷавоб дуруст нест.

**Мавзӯи – 7**

**Муаммоҳои инфрасохтори туризми байналхалқӣ дар шароити муосир**

**1. Мафҳум, моҳият ва таркиби инфрасохтори туристӣ**

**2. Хусусиятҳо ва унсурҳои асосии инфрасохтори туристӣ**

**1.** Ташкили заминаҳои мувофиқ, васеънамоии инфрасохтор ва рушди маҷмӯи комплексии хизматрасониҳои туристӣ, яке аз шартҳои зарурии ташаккули соҳаи туризм ҳамчун яке аз соҳаҳои пуррагардонии буҷаи иқтисодиёти ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Инкишофи туризм мустақиман бо мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта алоқаманд аст. Новобаста ба ин, имрӯз дар миёни омилҳои асосии рушди туристиро боздоранда, аз тарафи мутахассисон инфрасохтори дар сатҳи пастбуда қайд карда мешавад.

Мафҳуми **«инфрасохтор» (аз лотинӣ «Infra» - зер, «Structura»-сохтан - «асос, таҳкурсӣ»)** дар адабиёти иқтисодии кишварҳои ғарбӣ аз миёнаи асри XX истифода бурда мешавад. Моҳияти ин мафҳум аз он иборат аст, ки барои истеъмоли маҳсулоти тайёр бояд на танҳо ба истеҳсоли воқеии он, балки ба рушди нақлиёт, сохтмони анборҳо, роҳҳо, алоқа ва шабакаҳои яклухти тиҷорат низ маблағгузорӣ карда шавад.

То имрӯз мафҳум, намудҳо ва объектҳои инфрасохтор хусусияти баҳсӣ доранд. **Равияи объектиро доир ба омӯзиши инфрасохтори туристӣ таҳлил намуда, мо бояд якчанд хусусиятҳоро қайд намоем:**

1) Маҷмӯи иншоотҳо ва сохторҳои нақлиётӣ, алоқа, таҷҳизоти муҳандисӣ ва дигар дастгоҳҳо, ки дар фаъолияти устувори туризм нақши муҳимро мебозанд;

2) Маҷмӯи иншоотҳо, шабакаҳои муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ, ки дастрасии мӯътадили туристонро ба захираҳои туристӣ ва истифодаи дурусти онҳо ва инчунин фаъолияти корхонаҳои соҳаи туристиро таъмин менамоянд;

3) Маҷмӯи сохторҳои баҳамалоқаманди хизматрасонӣ ё объектҳое, ки асоси фаъолияти соҳаи туризмро ташкил медиҳанд;

4) Ҳамаи он унсурҳое, ки бидуни онҳо фаъолияти объектҳои саноати туристӣ имконнопазир аст (алоқа, роҳҳо, иншоотҳои бандарӣ, фурудгоҳҳо, вокзалҳо, манзилҳо барои кормандон, қубурҳои об, қувваи барқ ва ғайра).

Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми инфрасохтор маҷмӯи корхонаҳо, ташкилотҳо ва хадамотҳое фаҳмида мешаванд, ки ба амалисозии муносибатҳои иқтисодию хоҷагидорӣ миёни субъектҳои асосӣ мусоидат менамоянд.

Объектҳои инфрасохтори туристӣ вобаста аз намуди чунин инфрасохторҳо, ки дар миёни онҳо инфрасохтори нақлиётӣ, муҳандисӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ҷудо менамоянд, фарқ карда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Таснифоти инфрасохтори туристӣ**

| Намуд | Хусусият |
|---|---|
| **Инфрасохтори нақлиётӣ** | Маҷмӯи ҳамаи намудҳои нақлиёт ва сохторҳои нақлиётие мебошад, ки ба рушди саноати туристӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. Яъне маҷмӯи системаҳои моддию техникии нақлиёт, ки барои таъмини фаъолияти соҳаи туризм пешбинӣ шудаанд.<br>Дар зери мафҳуми инфрасохтори нақлиётии туризм бояд маҷмӯи шароитҳои моддию-техникӣ ва ташкилӣ, ки раванди босуръат ва бемонеаи ҳамлу нақли ба туризм вобаста бударо таъмин менамояд, фаҳмида шавад.<br>Объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ инҳо мебошанд: роҳҳои оҳан, роҳҳои обӣ, роҳҳои автомобилӣ, нақбҳо, |

| | |
|---|---|
| | эстакадаҳо, пулҳо, вокзалҳо, метроҳо, фурудгоҳҳо, назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва инчунин дигар объектҳои фаъолияти комплексии нақлиётро таъминкунанда, ба монанди биноҳо, иншоотҳо, дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳо.<br>Ба воситаҳои нақлиёт ҳавопаймоҳо, воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, киштиҳо, нақлиёти мусофиркаши автомобилӣ ва электрикии шаҳрӣ ва ғайра дохил мешаванд. |
| **Инфрасохтори муҳандисӣ** | Ин маҷмӯи системаҳои муҳандисӣ мебошад, ки эҳтиёҷоти саноати туристӣ ва дигар объектҳои қувваҳои истеҳсолкунанда, инчунин аҳолии шаҳрҳо, деҳаҳо ва нуқтаҳои аҳолинишинро бо оби гарм, гази табии, қувваи барқ, воситаҳои алоқа, об ва ғайра таъмин менамояд.<br>Ба таркиби инфрасохтори муҳандисӣ дохил мешаванд:<br>- системаҳои барқ таъминкунӣ;<br>- системаҳои гармидиҳӣ;<br>- системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ;<br>- системаи муътадилкунии ҳаво (вентелация);<br>- системаи равшанкунии берунӣ;<br>- системаҳои таъминоти гази табиӣ;<br>- шабакаҳои алоқа; |
| **Инфрасохтори иттилоотӣ** | Ин системаи сохторҳои ташкилӣ ва зерсистемаҳое мебошад, ки фаъолият ва рушди фазои иттилоотии саноати туристӣ, ҳамкориҳои иттилоотӣ ва инчунин дастрасии истеъмолкунандагонро ба захираҳои иттилоотӣ таъмин менамоянд.<br>Инфрасохтори иттилоотӣ маҷмӯи марказҳои иттилоотӣ, зерсистемаҳо, бонкҳои маълумот ва дониш, системаҳои алоқа, марказҳои идоранамоӣ, воситаҳои дастгоҳҳои-барномавӣ ва технологияҳо мебошанд, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот равона шудаанд. |
| | Ин маҷмӯи объектҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хизматрасонии маишӣ, савдо, фарҳанг, варзиш, фароғат ва дигар объектҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои хизматрасонии туристӣ мебошанд.<br>Сохтори инфрасохтори иҷтимоии туристиро метавон ҳамчун се бахши мақсадноки функсионалӣ баррасӣ намуд: |

| | |
|---|---|
| **Инфрасохтори ичтимоӣ** | - қонеъ кардани ниёзҳои зеҳнӣ-фарҳангии сайёҳон (маориф, илм, фарҳанг, санъат, воситаҳои ахбори омма ва ғайра);<br>- барқарорсозӣ ва нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ (тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи муҳити зист ва солимгардонӣ ва ғайра);<br>- хизматрасониҳои коммуналӣ - маишӣ (хизматрасонии маишӣ, савдо ва хӯроки умумӣ ва ғайра). |
| **Инфрасохтори инноватсионӣ** | Ин базаи ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ-қарзӣ ва иттилоотие мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва тақсими самарабахши маблағҳои ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати туристӣ мусоидаткунанда, шароит фароҳам меоварад. |

Ҳадафи асосии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи туризм, ин қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо ба хизматрасониҳои туристӣ мебошад. Бо назардошти таркиб ва хусусияти фаъолияти субъектҳое, ки хизматрасониҳои туристиро пешниҳод менамоянд, метавон қайд кард, ки онҳо вазифаи миёнаравиро байни истеъмолкунанда (сайёҳ) ва истеҳсолкунандаи хизматрасониҳои гуногуни туристӣ (иншоотҳои ҷойгиркунонии сайёҳон, ширкатҳои нақлиётӣ, корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ ва ғайра) иҷро мекунанд.

**2. Инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:**

- унсурҳои инфрасохторӣ, ки арзиши моддиро ба вуҷуд намеоранд, балки барои истеҳсоли онҳо заминаҳои зарурӣ фароҳам меоранд;
- самаранокии объект ва иншооти инфрасохтор бо инкишофи пайвастаи онҳо муайян карда мешавад;
- инфрасохтор ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва рекреатсионӣ мусоидат менамояд;

**Мутобиқи моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ, хусусияти арзишӣ ва меҳнатӣ инфрасохтори хизматрасонии туристӣ аз инҳо иборат аст:**

- объектҳои ҷойгиркунонӣ;
- корхонаҳои хӯрокворӣ;

- наклиёт;
- хадамоти экскурсионӣ;
- хизматрасониҳои иттилоотӣ ва таблиғотӣ ва ғайра.

Аксари муаллифоне хориҷӣ, ки доир ба масъалаҳои туризм тадкиқот бурдаанд, чунин меҳисобанд, ки инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ аз панҷ ҷузъи муҳим ташаккул ёфтааст:

1) **Воситаҳои ҷойгиркунонии сайёҳон** - меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиркунонии ҷамъиятӣ;

2) **Корхонаҳои саноати хӯроки умумӣ** - тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тезтайёр ва ғайра;

3) **Корхонаҳои наклиётие,** ки ба хизматрасонии сайёҳон машғуланд;

4) **Объектҳои фарҳангӣ, фароғатӣ, солимгардонӣ, динӣ, варзишӣ, фарҳангӣ-таърихӣ,** инчунин объектҳои таъиноти дигар, ки барои пешниҳоди хизматрасонии туристӣ истифода мешаванд;

5) **Ташкилотҳое,** ки ба хизматрасониҳои тарҷумонӣ, экскурсионӣ ва барасмиятдарорӣ ҳангоми убури сарҳади байни давлатӣ машғуланд.

Ҳамзамон, олимон се гурӯҳи ташкилотҳоро муайян мекунанд, ки ҳамчун унсурҳои асосии инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба гурӯҳи аввал ташкилотҳо ва корхонаҳое дохил мешаванд, ки бо таҳия ва пешниҳоди хизматрасониҳои асосии туристӣ машғуланд, аз ҷумла туроператорҳо ва турагентҳо, корхонаҳои ҷойгиркунонӣ, хӯроки умумӣ, наклиёт.

Гурӯҳи дуюмро бошад ташкилотҳои махсусгардонидашудае ташкил медиҳанд, ки хизматрасониҳои туристӣ ва мақсаднокро пешниҳод менамоянд, аз ҷумла:

- бюроҳои экскурсионӣ ва ташкилотҳои тарҷумони-роҳнамоӣ;
- комплексҳои солимгардонии туризми рекреатсионӣ;
- базаҳои туристии таъинотҳои гуногундошта;
- марказҳои таълимӣ барои тайёрии ибтидоии махсуси сайёҳон;

- ❖ маҷмааҳои варзишӣ ва лагерҳо барои машғул шудан ба варзиш ва гузаронидани мусобиқаҳо;
- ❖ корхонаҳое, ки молҳои туристиро истеҳсол ва ба фурӯш мебароранд;
- ❖ хадамотҳо ва ташкилотҳо доир ба хизматрасонӣ дар соҳаи туризми байналмилалӣ ва хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;
- ❖ ташкилотҳое, ки хизматрасониҳоро доир ба батанзимдарории расмиятҳои гуногуни туристӣ пешниҳод менамоянд.

Ба гурӯҳи сеюм ташкилотҳое дохил карда мешаванд, ки дар такрористеҳсоли фаъолияти туристӣ махсусгардонида шудаанд, аз ҷумла:

- ❖ ташкили тайёрии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи туризм;
- ❖ агентиҳои кадрӣ оид ба интихоби мутахассисон;
- ❖ курсҳои омӯзишӣ барои роҳбаладҳо ва тарҷумонҳо;
- ❖ ташкили аттестатсия, аккредитатсия ва назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти туристӣ машғуланд.

Дар вақти таҳлили хусусиятҳои инфрасохтори бозори хизматрасониҳои туристӣ, бояд ба он эътибор дод, ки унсурҳои таркибии инфрасохтор хизматрасониро ба туристон ва ба дигар субъектҳое, ки ба туризм алоқамандӣ надоранд, пешниҳод менамоянд. Ин пеш аз ҳама ба воситаҳои нақлиёт, хӯроки умумӣ, воситаҳои ахбори омма, хадамоти ҳифзи тартибот ва риоя намудани меъёрҳои санитарӣ дахл дорад.

**Таъмини ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти объектҳои инфрасохтори туристӣ бо назардошти ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:**

- ❖ сатҳи инкишоф ва сифати ин инфрасохтор омили ҳалкунандаи рушди саноати туристӣ ба ҳисоб меравад;
- ❖ вазъи он бевосита бо рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи мувофиқ робитаи ногусастанӣ дорад;
- ❖ шумораи объектҳои он бевосита ба шуғли пурраи аҳолӣ таъсир мерасонад;

Вазъияти муосири инфрасохтори туристӣ ҳаҷми зиёди сармоягузориро талаб месозад, ки барои самаранокӣ ва сифатнокии хизматрасониҳои туристӣ таъсири худро мерасонанд. Чунки ҷойгиркунонӣ, хӯрок, истироҳат, хизматрасонии иттилоотӣ ва нақлиётӣ барои туристон бо ҳаҷми умумии сармоягузорӣ алоқамандии зич дорад.

Инфрасохтор ба фаъолияти мӯътадили механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, илмӣ ва техникии кишварҳо мусоидат менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ вазифаҳои таъминкунӣ, ҳамгироӣ ва танзимкуниро дар бар мегирад.

**Вазифаи таъминкунии** инфрасохтори туристӣ тавассути шароити мусоид фароҳам овардани хизматрасонии туристӣ муайян карда мешавад;

**Вазифаи ҳамгироӣ** - ин ташкил ва дастгирии муносибатҳои байни корхонаҳои соҳаи туристӣ ва ташаккули комплексҳои ҳудудии туристӣ мебошад;

**Вазифаи танзимкунӣ** – ин ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъсир ба талаботи истеъмолкунанда, рушди соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти истеъмолӣ ва мусоидат намудан ба афзоиши воридоти андозӣ ба буҷаҳои сатҳҳои гуногунро дар назар дорад.

Таҳлили тарафҳои гуногуни инфрасохтори туристӣ имконият медиҳад, ки ҳадафҳо ва роҳҳои асосии рушди ин сохтор дар шароити имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад. Рушди соҳаи туризм дар оянда ҳамчун омили таркибии ғанӣ гардонидани буҷаи давлатӣ баромад хоҳад кард.

**Тестҳо оиди мавзӯи 7.**

1. **Норасоиҳои туризм кадомҳоянд.** A) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;B) Ташаккулёбии тақозои калон ба молу хадамот; C) Баланд шудани нархҳо дар бозорҳои маҳаллӣ; D) Ҷоришавии пул ба хориҷа; E) Проблемаҳои манфии экологӣ.
2. **Яке аз норасоиҳои туризмро ишора намоед.** A) Ташкили ҷойҳои корӣ; B) Зиёд шудани ММД; C) Ташакулёбии тақозои калон ба молу хадамот; D) Ташкили сохтори истироҳат; E) Зиёд шудани ҳаракати пул.

3. **Шароити иқтисодию ичтимоии ташкили хизматрасони туризм ин.** A) Бозори туристӣ; B) Содирот ва воридоти туристи; C) Воридоти туристи; D) туризми этникӣ; E) Туристи корӣ.
4. **Ду шакли асосии туризмро ҷудо кунед.** A) Ҷаҳонӣ, маҳаллӣ; B) Илми, экологи; C) дохилӣ, байналхалқӣ; D) байналхалқӣ, илмӣ; E) Дохилӣ, илмӣ.
5. **Ба ақидаи кадом олими иқтисодӣ маркетинги туристӣ ин тағйиротҳои мунтазам ва мутобиқати фирмаҳои туристӣ, инчунин сиёсати ҷузъи ва давлати дар соҳаи туризм мебошад.** A) Давид Рекардо; B) Томас Кук; C) Андри Стендол; D) Криппендорф; E) Роберт С. Лоналӣ.
6. **Бартариятҳои туризм инҳоянд.** A) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; B) Ворид шудани асъори хориҷӣ; C) Зиёд шудани ММД; D) Ташкили ҷойҳои корӣ; E) ва ғайра.
7. **Ба омилҳои минтақавӣ чиро дохил кардан мумкин аст.** A) Фестивалҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо; B) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; C) Шароити мусоиди иқлимӣ (рӯзҳои офтобӣ); D) Ҷангалҳо, баҳрҳо, кӯҳҳо; E) Осорхонаҳо, театр, урфу одат, анъана, либос, таом, ҳунарҳои мардумӣ.
8. **Ба омилҳои таърихию фарҳангӣ чиро дохил кардан мумкин аст.** A) Осорхонаҳо, театр, урфу одат, анъана, либос, таом, ҳунарҳои мардумӣ; B) Фестивалҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, ярмаркаҳо,намоишгоҳҳо; C) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; D) Шароити мусоиди иқлимӣ (рӯзҳои офтобӣ); E) Ҷангалҳо, баҳрҳо, кӯҳҳо.
9. **Киҳо сайёҳ ҳисобида намешаванд.** A) Шахсоне ки бе шартнома барои ҷои кор мераванд; $B) Шахсоне ки бо шартнома барои ҷои кор мераванд; $C) Шахсоне ки барои истиқомати доимӣ мераванд; $D) Аҳолии наздисарҳадӣ ки дар ҳудуди як давлат зиндагӣ ва дар ҳудуди давлати дигар кор мекунанд; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
10. **Туризми байналхалқӣ.** A) –ин фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои туристӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба молҳои туристӣ бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеи талаботи хориҷӣ равона карда шудааст; B) –ин фаъолиятест, ки сарфакорона истифода бурдани захираҳои маҳдудро дар ҳолати номаҳдуд будани талаботи одамон меомузад; C) –ин фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои тиббӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба молҳои кам бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеи талаботи миллӣ равона карда шудааст; D) –ин фаъолиятест, ки барои расонидани ҳар гуна хизматҳои худӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба молҳои тиҷоратӣ бо мақсади таъмин намудани сатҳи васеи талаботи хоҷагӣ равона карда шудааст; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

## Мавзӯи - 8

### Ташкили фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1. Мавқеи туризми байналхалқӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**2. Нишондиҳандаҳои омории туризми байналхалқӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон**

**3. Танзими давлатии туризми байналхалқӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон**

**1.** Туризмро ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо барои барқароршавиӣ ва рушди туризми байналхалқӣ дар малакат, барои ташкили дастрасии ҷумҳурӣ барои ташрифории туристони хориҷӣ, беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои туристӣ ва санаторию курортӣ, ҷалби сармояҳо ва ҳамин тавр табдил додани Тоҷикистон ба ҷои тамошои ҷаҳонии туристӣ қабул шудааст.

Дар солҳои охир бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба натиҷаҳои мавқеъи дар шабакаи туризми байналхалқӣ имконият пайдо гашт.

Афзоиши шумораи туристони хориҷӣ дар Тоҷикистон пеш аз ҳама бо туфайли сиёсати беруна ва дохилаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дастории сулҳ, ягонагии миллӣ, устувории сиёсӣ дар мамлакат, гузаронидани бомувафақияти ислоҳотҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ имконпазир гардид.

Дар мавриди ҳозираи пешрафти ҷомеа инкишофи туризми байналмилалӣ бояд яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб равад.

Мавҷуд будани иқтидори бойи захиравӣ, ки дар табиати зебои нотакрор, шароити мусоиди иқлимӣ, ёдгориҳои фарҳангию таърихии қадимаи кишвар ифода меёбанд барои инкишофи туризми байналмилалӣ

бо дарназардошти ҳалли масоили ташкилии соҳа аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, заминаи боэътимод шуда метавонанд.

Бо мақсади рушди туризм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида, бахри амалӣ онҳо бо қарорҳои қабулнамудаи худ барномаҳои рушди туризми минтақавиро таҳия намудааст. Бо дарназардошти муҳими проблемаи мазкур бо қарори худ **аз 3 ноябри соли 2001 № 498** ҳудуди **ноҳияи Балҷувонро** минтақаи туризми байналмилалӣ эълон намуд, ки он ба инкишофи туризми минтақа асос гузошт. Ҳамин тариқ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **аз 3 июли соли 2002 таҳти № 276 «Дар бораи Барномаи маҷмӯии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012»** тасдиқ шудааст.

Бо мақсади эҳё ва рушди минбаъдаи соҳаи туризм, табобатӣ, санаторию курортӣ ва истироҳат ноҳияи Варзоб бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаи истироҳат ва туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шудааст.

Низомномаи мақоми минтақаи истироҳат ва туризм, консепсияи рушди минтақаи истироҳат ва туризми ноҳияи Варзоб, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст амалан дар ҷараёни иҷро қарор дорад.

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **аз 18 августи соли 1999 № 373 «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ҳудуди ноҳияи Варзоб»** барои дар кишвар таҳким бахшидани раванди сулҳ, муввафақ шудан ба истиқрори сиёсию иқтисодӣ, ризояти миллӣ ва ягонагӣ дар ҷомеа, инчунин саъю кӯшиш ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи инфраструктураҳои туризм ва истироҳатӣ, санаторию курортӣ, ҳифзи бойи фарҳангию таърихии халқи тоҷик нигаронида шудааст.

Низомномаи мақоми минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоби Ҷумҷурии Тоҷикистон асосҳои умумии ҳуқукӣ, иҷтимоӣ,

ташаккули Рушд ва фаъолияти минтақаи истироҳат ва туризмро муайян менамояд. Принсипҳои асосии фаъолияти минтақаи истироҳат ва туризм риоя гашта истодааст. Пеш аз ҳама таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба истироҳат, рафту омади озод, инчунин дигар ҳуқуқҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сайёҳат, табобат ва муолиҷаи санаторию курортӣ муқаррар карда шудааст, талаботҳои ҳифзи муҳити зист, рушди соҳаи туристӣ, ки талаботи шаҳрвандонро ҳангоми истироҳат ва сайёҳат таъмин менамояд иҷро гашта истодааст.

Қайд бояд намуд, ки туризм ҳамчун соҳаи муҳими равобити судманди байни кишварҳо дар марҳилаи муосир аз рукнҳои ҷараёни ҳамгироии ҷаҳонӣ ба шумор меравад ва ба ҳайси яке аз самтҳои муҳими бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Бо дарназардошти дурнамои густариши туризми байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ, ки дорои захираҳои бойи туристӣ аз он далолат менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш менамояд дар самти рушди соҳаи туризм дар минтақа ва тавсиаи мубодилаи туристӣ бо кули кишварҳои ҷаҳон ҳамкории мутақобилан судманро анҷом бидиҳад.

Бо дарназардошти комилан фаро гирифта шудани манотиқи суннатии бозори ҷаҳонии туристӣ ва зарурати таҷдиди номгӯи марзҳои фатҳногардида ва дастнорас, пешорӯи Тоҷикистон имконоти хуби дарёфтани мавқеи арзанда дар ҷомеаи ҷаҳонии туристӣ пайдо гардидааст.

Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба дурнамои рушди туризм дар ҷумҳурӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки дарояндаи наздик соҳаи туризм дар кишвар муҷаддадан тавлид ва эҳё хоҳад гашт.

Ба итминон гуфта метавонем, ки вазъи ороми сиёсӣ дар кишвар, густариши муттасили иқтисодӣ ва ҳамчунин ҷараёни демократӣ, ки инкишофи мӯътадили ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд, барои ҷалби

сармоягузории густурдаи хориҷӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

**2.** Дар давоми солҳои охир, бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти туризми байналмиллалӣ натиҷаҳои мусбат ба даст омаданд. Агар дар соли **2005** ҳамагӣ **241000** сайёҳи хориҷӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда бошад, дар соли **2019** шумораи онҳо **1 257 300** нафарро ташкил дод.

Дар соли 2019 теъдоди умумии сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд 1 миллиону 257 ҳазору 300 нафарро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018, 21,6% (ё 219,7 ҳазор нафар) зиёд аст.

Ба гуфтаи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон Ширин Амонзода, ҷуғрофияи сайёҳӣ низ густариш ёфтааст - бо мақсади сафар ба Тоҷикистон дар соли 2019. намояндагони 146 давлати ҷаҳон омаданд, ки ин нишондиҳаданда дар соли 2016 ҳамагӣ 59 давлатро ташкил медод.

Ҳиссаи бештари тамошобинон ба Ҷумҳурии Тотористон сокинони ҳамсояи Ӯзбекистон буданд, ки 853 ҳазору 634 нафарро ташкил доданд. Дар баробари ин беш аз 844 ҳазор нафари онҳо сайёҳиро ҳадафи сафар номиданд.

Аз рӯи шумораи сайёҳон ба Тоҷикистон ҷойи дуюмро шаҳрвандони Русия - 212 ҳазор, Қирғизистон - 116 ҳазор нафар ишғол карданд. Ба даҳгонаи беҳтар инчунин Қазоқистон, Афғонистон, Чин, Туркия, АМА, Олмон ва Ҳиндустон дохил мешаванд.

Шумораи сайёҳон аз Ҳиндустон, Фаронса ва Ҷопон 2,5-3 маротиба афзуд. Шумораи сайёҳон аз Қирғизистон, Афғонистон, ИМА, Украина, Туркманистон, Канада ва Кореяи Ҷанубӣ нисбат ба соли гузашта беш аз 50% афзоиш ёфтааст.

Ширин Амонзода инчунин гуфт, ки 58 ширкати сайёҳӣ иҷозатнома барои фаъолият дар соли 2019 гирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир дар кишвар 202 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд.

Амонзода қайд кард, ки дар соли 2019 даромади сайёҳӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон тавассути фурӯши чиптаҳо 267,5 миллион долларро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ ба хазинаи Тоҷикистон 403 миллиону 760 ҳазор сомонӣ ворид гардид.

Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД-и кишвар 2,2% -ро ташкил дод, дар якҷоягӣ бо корхонаҳое, ки нуқтаҳои хизматрасонии сайёҳӣ доранд - 10,4%.

❖ Дар соли 2019, 58 - ширкати нави сайёҳӣ таъсис ва ба бозори сайёҳии мамлакат ворид шуданд ва дар маҷмуъ шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ба 202 адад расид;

❖ Тибқи ҳисоботҳои оморӣ, дар соли 2019, 247 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ (меҳмонхона, осоишгоҳу истироҳатгоҳ, ҳостел, маҷмааҳои сайёҳӣ) ба сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат расониданд;

❖ Тибқи ҳисоботҳои оморӣ дар соли 2019 шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ 4265 нафарро ташкил дод;

❖ Шумораи меҳмонхонаҳо - 297 (ВМКБ – дар маҷмуъ 54 адад, Хатлон дар маҷмуъ 93 адад, аз ин шумора 20 адад дар соли 2018 бунёд шудааст, Суғд дар маҷмуъ 57 адад, аз ин шумора 11 адад дар соли 2018 бунёд шудааст, НТҶ дар маҷмуъ 53 адад, аз ин шумора 6 адад дар соли 2018 бунёд шудааст, шаҳри Душанбе дар маҷмуъ 40 адад).

❖ Шумораи осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои бунёдгашта - 94 адад (ВМКБ -23, Хатлон-35, Суғд-13, НТҶ-23);

❖ Тибқи ҳисоботҳои оморӣ, дар соли 2018 аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурӣ ташрифоварда, 1 милиону 154 ҳазору 478 нафар ба ҳайси сайёҳ сафар намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017, 663 590 нафар ё ба андозаи 2,5 маротиба зиёд аст;

**Тадбирҳо ҷиҳати тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳӣ, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонии сайёҳӣ (тадбирҳои асосӣ).**

- Сомонаи (портали) миллии сайёҳӣ бо 5 забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ ва испанӣ омода ва дар шабакаи интернет фаъол гардонида шуд. Дар оянда портал бо забонҳои японӣ ва фаронсавӣ низ фаъол мегардад;
- Дар шабакаи Ютуб 50 видеороликҳои ҷолиби сайёҳӣ бо сифати баланд гузошта шудааст;
- Иштироки ширкатҳои сайёҳии ватанӣ ва намояндагони Кумита дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳии:
- Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Рим (Рим-Италия);
- «Туризм и путишестивие» (Остона, Қазоқистон);
- Намоишгоҳи дастовардҳои Тоҷикистон (Тошканд, Узбекистон);
- Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тошканд (Тошканд Узбекистон);
- Муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Пекин, Боку ва Брюссел;

27 ноябри соли 2008, дар ҷаласаи 17-уми Созмони ҷаҳонии сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНВТО), ки дар шаҳри Картагена – де - Индиасаи Колумбия баргузор шуд, Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ин сохтори бонуфуз интихоб шуд. Зиёда аз 150 кишвар барои пазируфтани Тоҷикистон ба узвияти ЮНВТО овоз доданд.

**Шаклҳои афзалиятноки туризми байналхалқӣ дар кишвар баррасӣ карда мешаванд:**

- сайёҳӣ, сайёҳии кӯҳӣ ва туризми экологӣ;
- рафтинг, парапланеризм, лижаронии кӯҳӣ;
- шикори байналхалқӣ;
- туризми таърихӣ, фарҳангӣ ва этнографӣ;
- табобати санаторӣ ва истироҳатӣ.

Дар қаламрави Тоҷикистон тақрибан 200 манбаҳои оби маъданӣ ва гармидиҳӣ мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо самти санаторию курортии сайёҳӣ рушд мекунад. Маъруфтаринашон осоишгоҳҳои Хоҷа Оби Гарм,

осоишгоҳи Баҳористон, Шаамбарӣ, Оби Гарм, Зумрад, Ховатог, Явроз, Калтуч, Осоишгоҳи Гармчашма мебошанд.

**3.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими туризм дар асоси моддаи 2-юми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фуруши маҳсулоти туристӣ, ки вобаста бо иҷозатнома аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеи амалӣ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

Мақсади асосии танзими туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани комплекси замонавии пурсамар ва рақобатпазири туристии таъминкунанда имкониятҳои васеъ барои қонеъ сохтани талаботи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ дар хизматрасониҳои гуногуни туристӣ, таҳияи механизмҳои иқтисодиву ҳуқуқии дастгирии афзалиятноки туризми дохилӣ ва воридшаванда, таъмини ҷалби устувори асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, рушди бахшҳои омехтаи иқтисодиёт мебошад.

**Мувофиқи қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» намудҳои асосии фаъолият дар соҳаи туризм инҳо мебошанд:**

- ташкили қабул ва хизматрасонӣ дар чорчубаи маърифатӣ, экологӣ, туризми варзишию кухӣ, кӯҳнавардӣ, шикори байналхалқӣ, фиристодани туристон ба хориҷа ба мақсади истироҳат, таҳсил, муолиҷа, зиёрати динӣ ва тиҷорат;
- ташкили чорабиниҳои оммавии туристӣ - тандурустӣ, вақтхушӣ, махсус гардонидашуда ва дигар чорабиниҳо, ки бо туризм алоқамананд.

Мақомоти иҷозатномадиҳанда дар ин соҳа Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ҷумҳурӣ танзимкунии фаъолияти туристӣ бо истифодаи роҳу усулҳо амалӣ мегардад, ки онҳо бо воситаи таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешаванд.

**Танзимкунии давлатии фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон бо роҳҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:**

- таҳия намудани санадҳои ҳуқуқи, ки ба ташаккули муносибатҳо дар соҳаи туризм равона карда шудааст;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат дар соҳаи туризм;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои туристон, таъмин намудани бехатарии онҳо;
- муқарар намудани тартиби стандартизатсия, сертификатсия ва литсензиякунони дар соҳаи туризм;
- ҳавасмандкунии маблоғгузории миллӣ ва хориҷӣ барои инкишофи фаъолияти туристӣ;
- фароҳам овардани имкониятҳои якхела дар бозори хизматрасонии туристӣ барои субъектҳои соҳибкор новобаста аз моликият, дастгирии инкишофи рақобат, таъминнамудани риояи қонунузории зиддимонополиявӣ дар соҳа;
- вусъатдодани ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, иштирок дар баномаҳои байналхалқии соҳаи туризм, коркард ва бастани шартномаҳои байналхалқии ду ва якчандтарафа ва муайян кардани тартиби амалинамоии онҳо.
- таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат, ҳаракати озод ва дигар ҳуқуқҳои сайркуни:

**Мақсади асосии танзими давлатии соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:**

- Ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони соҳаи туризм;
- Ҳифзи муҳити зист ва объектҳои туристӣ;
- Муайян намудани номгӯи ҳарсолаи обеъктҳои табии, таърихию маданӣ, аз он ҷумла ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки дар асоси онҳо туризм ташкил мегардад;

- ❖ Ривоҷ додани саноати туристӣ ҳамчун омили таъминкунандаи талаботи шаҳрвандон ба сайёҳат;
- ❖ Ривоҷдиҳии робитиҳои байналхалқии туристӣ дар ҷаҳон.
- ❖ Таъмини ҳуқуқи туристон дар мавриди сайёҳат;
- ❖ Таъмини хуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат, ҳаракати озод ва дигар ҳуқуқҳо дар вақти сайёҳат.

Принципхои асосии танзими байналхалқии соҳаи туризм дар он аст, ки давлат соҳаи туризмро ҳамчун соҳаи дурнамо ба назар гирифта барои инкишофи он бояд мусоидат намояд ва шароитҳо фароҳам оварад.

Мақсадҳои дигари мақомотҳои давлатӣ инчунин назорати сохтмон ва фаъолияти ширкатҳои туристӣ ба ҳисоб меравад. Дар бобати назорати сохтмон дав лат талаб мекунад, ки иншоот таҷҳизоти ҳозирзамони обтаъминкунӣ ва оббарорӣ, баровардани партовҳо, ташкил намудани захираҳои об дар ҷойҳои зарурӣ риоя гардад.

Дар ҷумҳури аввалин органи танзимкунанда ва идоракунанда, ин **«Ширкати миллии туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷиктуризм»** буд, ки соли 1996 ташкил карда шуда буд. Баъдан соли 2001 ин вазифа ба ӯҳдаи **Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон** вогузор карда шуд ва раёсати **«Рушди туризм»** дар ин вазорат ташкил шуда, вазорат ҳамчун органи олӣ дар ин соҳа ба шумор мерафт. Соли 2006-ум бошад, бо фармон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон номи **Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро** гирифт ва маҳз дар ҳамин кумита райёсати **«Сайёҳӣ»** ташкил карда шуд, ки ҳам вазифаи танзим, ҳам назорат ва ҳам идоракуниро дар як вақт ба ӯҳдаи худ дошт. Баъдан соли **2017** Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду қисмат ҷудо шуда назорати соҳаи туризм ба **Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** вогузор карда шуд.

Мақсад аз танзимкуни дар он аст, ки бояд дар асоси он ба шаҳрвандон ҳуқуқҳо оид ба истироҳат, фароғат таъмин карда шавад ва

ҳифзу ҳимоя гардад. Инчунин вобаста ба самтҳои сиёсати давлат дар соҳаи туризм, ин дастгири ва инкишофи туризм (туризми дохилӣ, воридотӣ, иҷтимоӣ) мебошад.

**Мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ (санадҳои асосӣ).**

❖ Таҳия ва тасдиқи Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020;

❖ Таҳия ва тасдиқи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бори нахуст муқаррар намудани нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

❖ Таҳия ва қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.04.2018с, таҳти № 189 «Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд»;

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикргардида, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи туризм»** амалӣ гардонида мешавад, ки Қонуни мазкур 3-юми сентябри соли 1999 таҳти №824 қабул гардидааст.

**Дар ҳамин Қонун мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:**

**Туризм -** шуғлест, ки усулҳои ташкилӣ истироҳатро тавассути солимгардонӣ, шиносоӣ, динӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ ва дигар ҳадафҳои воситаҳои саёҳат ва иқомати муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимиро дар бар мегирад;

**Туризми дохилӣ -** ташкилӣ саёҳат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ашхосе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доими доранд;

**Туризми сайёр -** ташкилӣ саёҳат ба дигар кишварҳо барои ашхосе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доими доранд;

**Туризми ташрифӣ -** ташкилӣ саёҳат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ашхосе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доими надоранд;

**Туризми иҷтимоӣ -** саёҳате, ки аз маблағҳои аз тарафи давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҷудо карда, пардохта мешавад;

**Туризми худфаъолиятӣ -** саёҳат бо истифодаи воситаҳои серистеъмоли ҳамлу нақл, ки саёҳон мустақилона ташкил мекунанд;

**Туризми варзишию кӯҳгардӣ -** намуди истироҳати фаъоле, ки ба ташкилӣ пайроҳаҳои пиёдагард дар шароити кӯҳсор алоқаманд аст;

**Кӯҳнавардӣ (альпинизм) -** намуди ғайриоддии туризм, ки бо баромадан ба қуллаҳои кӯҳӣ алоқаманд аст;

**Турист -** шаҳрвандест, ки ба мамлакат (макон) муваққатан ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, касбию хизматӣ, варзишӣ, динӣ ва дигар мақсадҳо ташриф меорад;

**Саёҳат (тур) -** сафари туристӣ бо пайроҳаҳои муайян дар мӯҳлатҳои муайян бо таъмини маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба ҷобаҷокунӣ, ҳамлу нақд, озуқа, хизматрасониҳои экскурсионӣ, инчунин хизматӣ роҳбаладону тарҷумонҳо ва дигар хизматрасониҳо, ки вобаста ба мақсади саёҳат дар мавриди таъмини кафолати амнияти онҳо, ҳимоя ва ҳифзи тандурустии туристон пешниҳод карда мешаванд;

**Маҳсулоти туристӣ -** ҳуқуқ ба саёҳат, ки барои фурӯш, ба турист мутобиқи дастурҳои муқарраркардаи давлат пешбинӣ гардидааст. Маҳсулоти туристӣ бо дарназардошти вазъи бозори туристӣ ё тибқи фармоиши мушаххаси турист ташаккул меёбад. Фурӯши маҳсулоти туристӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад;

**Фаъолияти танзими туризм -** фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристӣ, ки дар асоси литсензия аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ё воқеӣ (минбаъд - «танзимгари туризм») амалӣ мегардад;

**Фаъолияти агентии туризм -** фаъолият оид ба пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристӣ, ки дар асоси литсензия аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ё воқеӣ минбаъд («агентии туристӣ») амалӣ мегардад;

**Кадастри давлатии захираҳои туристӣ -** номгӯи объектҳои табиӣ ва таърихию маданӣ, ки дастоварди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

**Саноати туристӣ -** маҷмӯи меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиршавӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ, тамошо, шиносоӣ, хизматӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва воситаҳои таъиноти дигар, ки ташкилӣ фаъолияти танзими туризм ва агентии туристиро амалӣ месозанд;

**Пешбурди маҳсулоти туристӣ -** маҷмӯи тадбирҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти туристӣ (реклама, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳо, ташкилӣ марказҳои иттилоотии туристӣ оид ба фурӯши маҳсулоти туристӣ, нашри феҳристҳо, буклетҳо ва г.) нигаронида шудаанд;

**Захираҳои туристӣ -** маҷмӯи захираҳои экологӣ, табиию иқлимӣ, фарҳангию таърихӣ ва солимгардонӣ ва захираҳои дигари дамгирӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қонеъ сохтани маҷмӯи талаботи гуногуни туристон мувофиқ мебошанд;

**Квотаи туристӣ -** маҳдудияти миқдории ташриф ба объектҳои туристию саёҳатӣ ё хатти сайр, ки ба таркиби захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ҳастанд ва бо зарурати ҳифз аз вайроншавӣ ва дигар шартҳои истифодаи он иртибот доранд;

**Субъекти фаъолияти туристӣ -** ашхоси ҳуқуқи ва воқеӣ, аз он ҷумла ашхоси ҳуқуқи ё воқеии хориҷӣ, ё ашхоси бе шаҳрвандӣ, ки хизматрасонии туристиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд;

**Истироҳат -** барқарорсозӣ ва обутоби қувваи ҷисмонию маънавии инсон дар муҳити атроф тавассути истироҳат, аз он ҷумла бо туризм;

**Роҳҳати туристӣ -** асноди алоҳида, ки дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хизмати туристӣ як навъи шартнома мебошад ва пардохти онҳоро тасдиқ мекунад;

**Шикори байналхалқӣ -** шикор бо тартиб ва шароити муайянкардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, ки онро субъекти фаъолияти туристии дорои литсензияи дахлдор ташкил менамояд.

**Тестҳо оиди мавзӯи 8.**

1. **Дар Ҷумҳурии Тоҷиуистон кадом рӯз "Рӯзи ҷаҳонии туризм" ҷашн гирифта мешавад.** A) 9 сентябр; B) 27 сентябр; C) 21 сентябр; D) 7 ноябр; E) 11 апрел.
2. **Фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ кай дар Тоҷикистон эътироф шудааст.** A) Соли 1990; B) Соли 1996; C) Соли 1998; D) Соли 1989; E) Соли 2000.
3. **Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи таъсиси Компанияи миллии ҶТ оид ба туризм" кай қабул карда шудааст.** A) 8 апрели соли 1996, №461; B) 10 апрели соли 1997, №462; C) 8 августи соли 1996, №461; D) 10 декабри соли 1995, №461; E) 9 июли соли 1998, №451.
4. **Консепсияи рушди соҳаи туризм дар ҶТ барои солҳои 2009-2019 кай қабул гардидааст.** A) 2 апрели соли 2009; B) 20 ноябри соли 2000; C) 12 сентябри соли 2010; D) 2 январи соли 2009; E) 18 майи соли 2008.
5. **Кадом намудҳои туризм дар ҶТ ҳамчун афзалиятнок арзёбӣ мегарданд?** A) Туризми табобатӣ, санаторию курортӣ ва истироҳатӣ, кӯҳнавардӣ, туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ, туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ, туризми касбӣ, рафтинг (қаиқронӣ дар дарёҳои кӯҳӣ), варзиши лижасозии кӯҳӣ; B) туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ; C) туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ; D) кӯҳнавардӣ, туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ, туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ; E) ҷавоби дуруст нест.
6. **Консепсияи рушди соҳаи туризм дар ҶТ барои солҳои 2009-2019 кай қабул гардидааст.** A) 2 апрели соли 2009; B) 20 ноябри соли 2000; C) 12 сентябри соли 2010; D) 2 январи соли 2009; E) 18 майи соли 2008.
7. **Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи таъсиси Компанияи миллии ҶТ оид ба туризм" кай қабул карда шудааст.** A) 8 апрели соли 1996, №461; B) 10 апрели соли 1997, №462; C) 8 августи соли 1996, №461; D) 10 декабри соли 1995, №461; E) 9 июли соли 1998, №451.
8. **Фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ кай дар Тоҷикистон эътироф шудааст.** A) Соли 1990; B) Соли 1996; C) Соли 1998; D) Соли 1989; E) Соли 2000.

9. **Кадом намуди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар афзалият дорад.** A) туризми этникӣ; B) туризми динӣ; C) туризми кӯҳнавардӣ; D) туризми корӣ; E) туризми рекратсионӣ;
10. **Кадоме аз ин минтақаҳо ҳамчун минтақаи туристӣ шуморида мешавад.** A) Балҷувон; B) Шаҳринав; C) Тавилдара; D) Қурғонтеппа; E) Ваҳдат.

## Мавзӯи - 9

## Бозори ҷаҳонии мол ва хадамот

**1. Моҳияти бозори ҷаҳонии молҳо**

**2. Шароитҳои ташаккули бозори ҷаҳонии хадамот**

**1. Бозори ҷаҳонӣ** - қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки соҳаи пешниҳод ва талабот, инчунин табодули тиҷоратии молу хизматрасонӣ; системаи муносибатҳои устувори молӣ-пулии байни давлатҳо, соҳибкорон, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои давлатҳои гуногун, ки байни ҳам бо иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат вобастаанд, ифода менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва амиқсозии робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, бозорҳои молӣ сарҳадҳои миллӣ ва ҳудудиро гум карда ба бозори молҳои ҷаҳонӣ табдил меёбанд, ки тоҷирони ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар он фаъолият мекунанд.

Бозори ҷаҳонӣ бо намудҳои гуногуни бозорҳои мол, бозорҳои хизматрасонӣ, бозорҳои молиявӣ, бозорҳои захираҳо, аз ҷумла ва меҳнат ифода карда мешавад. Фаъолияти бозорҳои ҷаҳонии мол ва хизматрасонӣ бо созишномаҳои байналмилалии молӣ танзим карда мешавад.

Аз рӯи шакли ташкили савдо намудҳои махсуси бозорҳоро фарқ мекунанд: биржаҳои молӣ, музоядаҳо, савдоҳо, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои байналмилалӣ.

**Бозори ҷаҳонии молҳо** - соҳаи муносибатҳои молию пулии байни давлатҳо мебошад, ки дар тақсимоти байналмилалии меҳнат асос ёфтаанд.

**Бозорҳои ҷаҳонии молҳо зери таъсири бисёр омилҳо ташаккул ёфта, як қатор хусусиятҳо доранд:**

1) ин бозорҳои маҳсулоти аллакай истеҳсолшуда мебошанд, ки берун аз ҳудуди кишвар фурӯхта мешаванд;

2) ба ин молҳое, ки байни кишварҳо ҳаракат мекунанд, на танҳо талабот ва пешниҳодоти дохилӣ, балки инчунин беруна низ таъсир мерасонанд;

3) ин бозорҳо ба истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолӣ дар ин ё он соҳаҳо ва минтақаҳо мусоидат мекунанд;

4) ба туфайли онҳо молҳое, ки ба стандартҳои сифат дар ҳолати нархҳои муқарраршудаи ҷавобгӯ нестанд, аз мубодилаи байналмилалии молӣ мебароянд.

Аломати муҳимтарини берунии мавҷудияти бозорҳои молӣ - ин ҳаракати байналмилалии мол ва хизматрасонӣ ва савдои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ҳолати гурӯҳбандӣ аз рӯи хусусияти молӣ сохтори тиҷорати байналмилалӣ ҳиссаи молҳои мушаххасро дар савдои ҷаҳонӣ тавсиф мекунад.

Дар айни замон маъмултарин гурӯҳбандии молҳо мувофиқи Системаи ҳамоҳангсозии тавсиф ва рамзгузорӣ **(Harmonized Commodity Description and Coding System)** гузаронида мешавад. Он аз ҷониби Кумитаи Системаи ҳамоҳангшудаи Шӯрои ҳамкории гумрукӣ (ҳоло Созмони умумиҷаҳонии гумрук) дар соли 1983 таҳия ва аз 01.01.1988 ба ҳукми қонунӣ даромадааст.

**Унсурҳои асосии номенклатураи молӣ (НМ) ду система мебошад:**

1. Системаи таснифот;
2. Системаи рамзгузорӣ.

**Дар системаи таснифот 6 марҳила (категория) вуҷуд дорад:**

- бахшҳо;
- гурӯҳҳо;
- зергурӯҳҳо;
- мавқеи молӣ;
- зермавқеъҳо;

❖ субмавқеъҳо.

**Тибқи системаи таснифоти НМ, молҳо мувофиқи меъёрҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:**

❖ аз рӯи пайдоиш (сабзавот, ҳайвонот);

❖ аз рӯи таъиноти молҳо;

❖ аз рӯи дараҷаи коркард.

**Аз рӯи таъинот молҳо ба чунин навъҳо тақсим мешаванд:**

❖ маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳо;

❖ ашёи хоми саноатӣ;

❖ сӯзишворӣ вва маводҳои молиданӣ;

❖ мошинаҳо ва таҷҳизот;

❖ воситаҳои нақлиёт (истеъмоли саноатӣ ва шахсӣ);

❖ молҳои саноатии истеъмоли омма.

**Аз рӯи дараҷаи коркард молҳо тақсим мешаванд:**

❖ молҳо ашёӣ (таъиноти истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ);

❖ маҳсулоти нимтайёр (таъиноти истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ);

❖ маҳсулоти тайёр (таъиноти истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ);

**Молҳои ашёӣ** - маҳсулоти соҳаҳои истихроҷкунанда, яъне кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор мебошанд, ки арзиши онҳо танҳо аз коркард вобастагӣ дорад.

**Маҳсулоти нимтайёр** - маҳсулоте мебошад, ки истеҳсолаш ба итмом нарасидааст ва коркарди минбаъдаро талаб менамояд.

**Маҳсулоти тайёр** – ин ҳама намуди маҳсулоти саноатӣ, ки барои истеъмол ё истифода дар саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, хоҷагиҳои хонагӣ, молҳои саноатии истифодаи кутоҳмуддат (<1 сол), ки дар саноат ҳамчун мавод ва сӯзишворӣ истифода мешаванд.

Дар системаи рамзгузорӣ ду рақами аввали гурӯҳи молро нишон медиҳанд, чаҳор – мавқеи молиро, шаш - субмавқеъро.

Масалан: **72** - гурӯҳи маҳсулоти **«Металлҳои сиёҳ»; 7201 –** мавқеи молӣ **"Пулод"**; **720140** - субмавқеи молӣ "Оинаи чугунӣ".

Ташкили системаи ягонаи таснифот барои таъмини ягонагии таснифоти молҳо дар тарифҳои миллии гумрукӣ яке аз самтҳои соддагардонии қонунгузориҳои гумрукӣ мебошад.

**2.** Хадамот ин маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратиро меноманд, ки бо қонеъгардонии маҷмӯи васеи талаботи одамон алоқаманд мебошад. Дар феҳрасти аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ ва ЮНКТАД коркардабаромадашуда «Либерализатсияи созишҳои байналхалқӣ бо хадамот» чунин тарифи хадамот дода шудааст:

**Хадамот** – тағйирдиҳии ҳолати воҳиди институтсионалӣ дар натиҷаи амалиёт ва ё созиши тарафайн бо дигар воҳиди институтсионалӣ мебошад.

Дарк намудан мушкил нест, ки ин тарифи ниҳоят васеъест, ки доираи калони амалиётҳоро дар бар мегирад. Бинобар ин мафҳуми хадамотро ба маънои васеъ ва мушахас фарқ бояд кард.

**Ба маънои васеъ хадамот -** ин маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият ва машғулиятҳои тиҷоратии одамон мебошад, ки тавассути онҳо бо дигар одамон муошират менамояд.

Ба маънои мушаххас хадамот ин чорабиниҳои муайяне мебошад, ки як тараф (шарик) ба дигар тараф пешниҳод менамояд. Агарчи хадамот ҳамчун соҳаи сеюмдараҷаи хоҷагии ҷаҳонӣ ва инчунин хоҷагиҳои миллии мамлакатҳо ба ҳисоб равад ҳам, дар замони муосир ба онҳо 2\3 ҳиссаи ММД-и ҷаҳонӣ рост меояд. Ин соҳа ба таври мутлақ дар иқтисодиёти мамлакатҳои мутараққӣ, аз ҷумла ИМА (75% -и ММД) ва дигар давлатҳои тараққикардаи саноатӣ (аз 2\3 то 3\4 ҳиссаи ММД) ва инчунин дар мамлакатҳои ру ба инкишоф бартарият дорад.

Бо баробари афзоиши тиҷорати байналмилалии мол мубодилаи хадамот низ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Ин ду намуди тиҷорати байналмилалӣ бо ҳам дар робитаи хеле зич фаъолият доранд. Гарчанде баъзе навъҳои хадамот ба ҳаҷми содироту воридоти гардиши байналмилалии молҳо дохил шавад ҳам, тиҷорати байналмилалии хадамот бо баъзе аз хусусиятҳояш, маъмулан аз тиҷорати молҳо куллан фарқ мекунад.

**Ҳамин тариқ, хадамот аз мол дар ифодаи моддии он як қатор фарқиятҳои назаррас доранд:**

1. **Хадамот ламснашаванда мебошанд.** Ин ламнашавандагӣ ва «ноайёнӣ» -и бисёр намудҳои хадамот аксаран асосест, ки мувофиқи он тиҷорати байналхалқии хадамот воридот ва содироти ноайён номида мешавад;

2. Хадамот аз сарчашмаи худ ҷудонашаванда мебошад;

3. Истеҳсолот ва истеъмолоти он, чун қоида канданашаванда мебошад;

4. Барои хадамот доимӣ намудани сифат, дигаргуншавӣ ва қобилияти нигоҳдорӣ надоштан хос мебошад;

Миқдори хадамот ва нақши онҳо дар иқтисодиёт ва тиҷорати байналхалқӣ, пеш аз ҳама таҳти таъсири инқилоби илмию техникӣ, афзоиши миқёси муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ умуман ва баландшавии даромадҳо ва пардохтпазирии аҳолӣ дар аксар мамлакатхои ҷаҳон босуръат меафзояд.

Аз нуқтаи назари ҳаракати омилҳои истеҳсолот хадамот ҷудо мешавад ба хадамоти омилӣ, ки дар натиҷаи робита бо ҳаракати байналхалкии омилҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама сармоя ва қувваи корӣ ба миён меоянд ва ғайриомилӣ намудхои боқимондаи хадамот, яъне нақлиёт, сайёҳат ва дигар хадамоти ғайри молиявӣ.

Дар замони ҳозира баҳодиҳии хадамот дар вобастагӣ аз тиҷорати байналхалқии он тағйир ёфтааст, ки дар натиҷаи он хадамот ба содиршаванда ва содирнашаванда ҷудо карда мешаванд. Ба имзорасии Созишномаи Генералӣ оиди тиҷорати хадамот на танҳо натиҷаи мувофиқнамоии мавқеи мамлакатҳо доир ба масъалаҳои тиҷорати байналхалқии хадамот гардид, балки боиси бавуҷудоии нуқтаҳои назари нави назариявию амалӣ оиди муайяннамоии хусусиятҳои тиҷорати байналхалқии хадамот гардид. Аввал олимон ва мутахассисон хадамотро дар тиҷорати байналхалқӣ ба содиршавандаю содирнашаванда аз нуқтаи назари мубодилаи транссарҳадии хадамот ҷудо менамуданд, яъне чунин

мубодилае, ки дар он истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хадамот дар тарафҳои гуногуни сарҳади гумрукӣ ҷойгир шуда, хадамоти мубодилашаванда ин сарҳадро убур менамояд, ки ин ҳамшабеҳи тиҷорат бо молҳои оддӣ мебошад. Мисоли чунин мубодила хадамоти телекоммуникатсионӣ ва почтавӣ мебошанд. Он хадамоте, ки бе чунин мубодилаи сарҳади амалӣ мегарданд, содирнашаванда ҳисоб мешуданд. Аммо дар ҷараёни омодасозии созишномаи ГАТС нуқтаи назари нав оиди тиҷорати байналхалқии хадамот кор карда баромада шуд, ки мувофиқи он мубодила метавонад ба воситаҳои асосии зерин амалӣ гардонида шавад:

1. Хадамот сарҳади гумрукиро ба монанди моли оддӣ убур менамояд, яъне вақте ки истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хадамот дар тарафхои гуногуни сарҳади гумрукӣ воқеанд;
2. Истеъмолкунандаи хориҷии хадамот худ ба ҳудуди мамлакати истеҳсолкунандаи хадамот меояд;
3. Истеҳсолкунандаи хориҷии хадамот худ ба ҳудуди мамлакати истеъмолкунандаи хадамот меояд;
4. Аз сарҳади гумрукӣ гузаштани шасони воқеӣ - шаҳрвандони як мамлакат, ки хадамотро дар давлати хориҷа истеҳсол ва ё истеъмол мекунанд.

**Мувофиқи ин воситаҳои асосӣ тиҷорати байналмилалии хадамот дар чор самт фаъолият менамояд:**

**Самти якум**. Тиҷорати наздисарҳадӣ (транссарҳадӣ шакли махсус мебошад, ки  фурӯшанда ва харидори хадамот бевосита сарҳади кишварҳои ҳамдигарро убур накарда, аммо аз сарҳад танҳо хадамот ҳамчун намуди хоси мол таҳвил меёбад.

**Самти дуввум**. Истеъмоли хориҷӣ, яъне ин ҳамон ҳолате дар назар дошта шудааст, ки истеъмолгари як мамлакат дар ҳудуди мамлакати дигар метавонад хадамотро истеъмол кунад ва онро харидорӣ кунад.

**Самти саввум**. Иштироки бевоситаи тиҷорат дар мамлакати пешниҳодкунандаи хадамот, яъне ин ҳамон ҳолате мебошад, ки ширкати пешкашкунандаи хадамот аз сарҳад мегузарад ва дар қаламравӣ

мамлакати дигар ҷой мегирад, намояндагӣ ё худ ширкатҳои фаръиро таъсис медиҳад ва тавассути онҳо фаъолияти хадамотро амалӣ мегардонад. Дар ин ҳолат ҳам хадамот ва ҳам истеъмолгари он аз сарҳад намегузаранд.

**Самти чаҳорум**. Иштироки шахсони воқей - пешкашкунандагони хадамот, яъне ин ҳамон ҳолате аст, ки хадамот ба худи фаъолияти шахсии одамон вобастагӣ дошта, аз берун ба ватани истеъмолгари он ворид мешавад. Мисол, аз дигар мамлакат омадани шаҳрсозони (архитекторони) хориҷӣ ё худ ҳайати намояндагони бонки хориҷӣ, ки намояндагии хешро дар ин мамлакат таъсис медиҳанд.

**Тестҳо оиди мавзӯи 9.**

1. **Туризми хориҷӣ ин.** A) ин сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат надошта; B) ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ, масалан; сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд; C) ин сайёҳат кардан ба дигар мамлакат; D) сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта ба дигар мамлакатҳо; E) ягон ҷавоб дуруст нест.
2. **Туризми воридотӣ ин.** A) сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта ба дигар мамлакатҳо; B) ин сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат надошта; C) ин сайёҳат кардан ба дигар мамлакат; D) ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ, масалан; сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
3. **Туризми дохилӣ ин.** A) ин намуди туризми ватанӣ дар дохили мамлакати худ, масалан; сайёҳат дар доираи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо дар он зиндагӣ мекунанд; B) сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта ба дигар мамлакатҳо; C) ин сайёҳати шахсони доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат надошта; D) ин сайёҳат кардан ба дигар мамлакат; E) ягон ҷавоб дур уст нест.
4. **Танзими давлатии фаъолияти туристӣ бо кадом роҳҳо амалӣ карда мешавад.** A) ҳимоя ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат дар соҳаи туризм; B) муқарар намудани тартиби стандартизатсия, сертификатсия ва литсензиякунони дар соҳаи туризм; C) таҳия намудани санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба ташаккули муносибатҳо дар соҳаи туризм равона карда шудааст; D) ҳавасмандкунии маблағгузорони милоӣ ва хориҷӣ барои инкишофи фаъолияти туристӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

5. **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» кай қабул карда шудааст.** A) 3-юми сентябри соли 1999; B) 5-уми октябри соли 1995; C) 3-юми сентябри соли 1997; D) 2-юми марти соли 1996; E) 4-ноябри соли 1998.
6. **Кадоме аз инҳо ба консепсия маркетингӣ туризми байналхалқӣ дохил карда намешавад.** A) консепсия мукаммалгардонии истеҳсолот; B) консепсия мукаммалгардонии маҳсулот; C)консепсияи кушишҳои сердаромади тиҷоратӣ; D) консепсияи маркетингӣ соф; E) консепсияи маркетингӣ сиёсӣ.
7. **Мақомоти танзимкунандаи соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин.** A) Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; B) Кумитаи ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ; C) КВД «Сайёҳ»; D) ҶСК «Интурист-Тоҷикистон»; E) ягон ҷавоб дуруст нест.
8. **Туризми экзотикӣ ин.** A) Ҳамаи ҷавобҳои пешниҳодшуда нодурустанд; B) Сафарҳо бо мақсади гирифтан ё беҳтар намудани дониши худ мебошад; C) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) Яке аз намудҳои қадимтарини туризм ба ҳисоб рафта, ҳаракати одамонро ба ҷойҳои муқаддас бо мақсади зиёрат кардани ибодатгоҳҳо дар рӯзҳои идҳои динӣ ё барои кам кардани гуноҳҳои худ ифода менамояд.
9. **Дар натиҷаи хароҷоте, ки туристони хориҷӣ дар давлат мекунанд.** A) даромади фирмаҳои туристӣ меафзояд; B) даромади худи аҳолӣ меафзояд; C) таъминкунандагони мол ва хизмат зиёд мешавад; D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; E) ягон ҷавоб дуруст нест.
10. **Туризми экологӣ ин.** A) Ҳамаи ҷавобҳои пешниҳодшуда нодурустанд; B) Сафарҳо бо мақсади гирифтан ё беҳтар намудани дониши худ мебошад; C) Ин сафар кардан бо мақсади иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳои варзишӣ мебошад; D) Ин чунин намуди туризм мебошад, ки ба хоҳиши дидан ва дарк кардани он чизҳое, ки ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон хос нестанд, алоқаманд мебошад; E) Муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва муҳити зист ва яке аз элементҳои ликқатҷалбкунандаи туризм ба ҳисоб мера вад.

## Мавзӯи – 10

## Бозори ҷаҳонии меҳнат ва хусусиятҳои асосии он

1. **Мафҳум ва моҳияти бозори ҷаҳонии меҳнат**
2. **Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ ва хусусиятҳои он**
3. **Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии меҳнат**

**1.** Имрӯзҳо, вақте мо дар бораи бозори ҷахонии меҳнат сухан меронем, бояд хуб дарк намоем, ки ин бозор аз бозорҳои дигари ҷаҳонии ашёи хом ва ё молҳои махсусгардонидашудаи саноатию хӯрокворӣ куллан фарқ мекунад. Дар бозори ҷаҳонии меҳнат яке аз ҳодисаҳои хеле назаррас муҳоҷирати қувваи корӣ ба амал меояд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз ҳодисаҳои хоси ҳаёти ҷамъияти ҷахонии асри XXI гардидааст, ки он миқдори зиёди захираҳои меҳнатиро иҳота намуда, гуногунсамт мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ инъикоси худро дар бозори ҷаҳонии меҳнат меёбад, ки ҳам бозори миллӣ ва ҳам бозори минтақавиро бо ҳам мепайвандад.

**Бозори ҷаҳонии меҳнат асосан вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:**

- ❖ батанзимдарории талаботу таклифоти қувваи корӣ, макони бо ҳам вохӯрдани коргар ва кордиҳанда;
- ❖ таъмини рақобат байни коргарону кордиҳандагон;
- ❖ муайян кардани нархи меҳнати баробарвазн;
- ❖ таъмини шуғли самарабахш;
- ❖ ошкор кардани механизми аз ҳама самарабахши ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ.

**Субъектон (иштирокчиён)- и бозори ҷаҳонии меҳнат инҳо ба шумор меравaнд:**

**1. Коргароне, ки ба ҷустуҷӯйи кор машғуланд ва пайдоиши муносибатҳо дар байни онҳо:**

- ❖ коргарони ихтиёран корашонро ивазкарда ва дар асоси принсипҳои бозорӣ ба кор дохилшаванда;
- ❖ коргароне, ки дар натиҷаи баста шудани корхона ё қисми таркибии он аз кор озод шудаанд;
- ❖ коргароне, ки дар натиҷаи бозсозии қисмҳои таркибии корхона аз кор озод карда шудаанд;

❖ бекорон: шахсоне, ки аз корашон маҳрум гашта, дар мақомотҳои шуғл ба қайд гирифта шудаанд ё худ онҳое, ки бори аввал дар ҷустуҷӯйи кор мебошанд;

**2. Кордиҳандагон ё ин ки соҳибони воситаҳои истеҳсолот;**

**3. Давлат.**

Ба вуҷуд омадани бозори ҷаҳонии меҳнат шаҳодати он аст, ки ҷараёнҳои интегратсияи ҷаҳонӣ на танҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ ва технологӣ амал мекунад, балки муносибатҳои боз ҳам душвортари иҷтимоию меҳнатиро фаро мегирад, ки онҳо бо гузашти вақт характери глобалиро гирифта истодаанд. Аз ин ҷост, ки байни давлатҳои сиёсати иҷтимоӣ ва урфу одатҳои гуногундошта, алоқаи бевосита пайдо мегардад. Пеш аз ҳама, ин алоқаҳо дар кушодашавии муассисаҳои байналхалқии муштарак (ки дар нуқтаҳои гуногуни ҷахон ҷойгиранд), дар ҳаракати қувваи корӣ ва сармоя дар доираи ширкатҳои фаромиллалии алоҳида зоҳир мегардад.

Дар натиҷа, дар бисёри ҳолатҳо душвор ба ҳам мувофиқ кардани структураҳои иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Ин мувофиқкунӣ яқинан, бояд ба бисёр самтҳо равона шавад ва пеш аз ҳама ба ин самтҳо:

- ❖ шароити меҳнат, усули бакоргирӣ ва аз кор озодкунӣ;
- ❖ пардохти ҳаққи меҳнат, инчунин системаи пардохтҳои иловагӣ;
- ❖ пешниҳоди рухсатӣ;
- ❖ давомнокии вақти корӣ;
- ❖ пешниҳоди имтиёзҳои гуногун, аз ҷумла таъминоти молӣ, таъмини истироҳат ва ғ.

**Ҳамин тавр, бозори ҷаҳонии меҳнат** - ин ҳодисаи иқтисодии оддӣ набуда, балки ҷараёни иҷтимоӣ- иқтисодии душвор аст, ки дар назди ҷамъияти ҷаҳонии имрӯза масъалаҳои вазнини ба ҳам мутобиқшавӣ, интегратсияи таҷрибаҳои иҷтимоию амалиявии миллиро мегузорад.

Ҳаракати кувваи корӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат дар намуди муҳоҷирати меҳнатӣ ба вуҷуд меояд.

Муҳоҷирати байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат таъсири намоёнро ба тамоми ҷараёни такрористеҳсолӣ, яъне ҳам ба тавсифҳои миқдорӣ ва ҳам ба тавсифҳои ададии қувваи корӣ мерасонанд. Дар шароитҳои муосир шахс метавонад ба дунё дар як давлат ояд, тарбияи томактабиро дар давлати дигар гирад, таълимро дар сеюмаш гирад ва дар чаҳоруму панҷумаш кору фаъолият намояд ва ғайра.

**Аслан структураи функсионалӣ - ташкилии бозори ҷаҳонии меҳнат чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад:**

- принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл ва бекорӣ;
- системаи тайёркунии кадрҳо;
- системаи бакоргирӣ, системаи шартномавӣ;
- фонди дастгирии бекорон;
- системаи азнавтайёркунӣ ва азнавихтисосноккунӣ;
- биржаи меҳнат;
- идоракунии шуғл.

Ҳангоми таҳлил кардани бозори ҷаҳонии меҳнат, ба тамоюли инкишофи он низ бояд диққат дод. **Тамоюли асосии инкишофи бозори муосири байналхалқии меҳнат аз инҳо иборат мебошад:**

- бозори ҷаҳонии меҳнат аз сабаби ҷамъ шудани коргарон аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва собиқ давлатхои шӯравӣ танг шуда истодааст;
- монеаҳои дохилшавӣ ба бозори ҷаҳонии меҳнат зиёд гардида истодаанд;
- рақобат байни фурӯшандагони қувваи корӣ пурзӯртар шуда истодааст;
- дар бозори ҷаҳонии қувваи кориӣдискриминатсиякунии муҳоҷирон ҷой дорад;
- фаъолияти иттифоқҳои касаба, ки манфиатҳои қувваи кории ватаниро муҳофизат мекунанд, рӯз то рӯз фаъолтар гардида истодааст.

Дар бозори меҳнат, чун дар ҳамагуна бозор, фурӯшанда ва харидор дида мешавад. **Фурӯшандагон гуфта** - коргаронеро меноманд, ки қувваи

корӣ (қобилияти меҳнатӣ)- и худро пешниҳод мекунанд. **Харидорон** - ин коллективи меҳнатӣ ё соҳибкорони алоҳидае ба шумор меравaнд, ки масъалаи интихоби шумора ва категорияи коргаронро мустақилона ҳал менамоянд.

Дар бозори меҳнат қонуни талабот ва таклифот ба қувваи корӣ амал мекунад ва таъсири худро бевосита ба музди кори коргарон мерасонад.

**Дар бозори ҷаҳонии меҳнат чунин имкониятҳо вуҷуд дошта метавонад:**

- ❖ озодона интихоб намудани ихтисос, соҳа ва ҷойи кор, ки бо ҳаҷми музди кор, имконияти амаликунии фикрхои эҷодӣ ҳавасманд гардонида мешавад;
- ❖ бакоргирӣ ва аз кор озодкунӣ бо роҳи иҷрои меъёрҳои қонунгузорӣ, ки манфиатҳои шаҳрвандонро ҳимоя менамояд, масалан дар намуди кафолати шуғлнокӣ, шароитҳои меҳнат, пардохти ҳақи он;
- ❖ муҳоҷирати озодона байни минтақаҳо, соҳаҳо ва гурӯҳҳои касбӣ - ихтисосманд, ки ба беҳтаргардии шароитҳои зиндагӣ, ободии маскан ё азхудкунии арзишхои фарҳангию рӯҳӣ меорад;
- ❖ озодона ҳаракат намудани музди кор бо роҳи кафолатдиҳии музди меҳнати минималӣ аз тарафи давлат ва идоракунии ҳадди болоии он бо роҳи системаи андоз ва ғ.

**2. Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ** - яке аз заминаҳои муносибатҳои бозорӣ мебошад, чунки бояд ҳаракати озоди аҳолии фаъоли иқтисодиро дар қатори ҳаракати молҳо ва маблағҳои молиявӣ таъмин намояд. Муҳоҷирати аҳолӣ ҳодисаи позитивӣ мебошад, ки азнавтақсимкунии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнатро имконпазир мегардонад.

**Муҳоҷирати байналхалқӣ аз ду ҷараён иборат аст:**

1) **Эмигратсия (ҷилои ватан)** - кӯчида рафтани аҳолии қобили меҳнат аз мамлакати истиқомат барои зисти доимӣ ва ё дарозмуддат ба дигар мамлакат;

2) **Иммигарсия** – ворид шудани қувваи корӣ ба ин мамлакат аз хориҷа.

Мувофиқи таснифоти таҳиякардаи Созмони умумиҷаҳонии меҳнат (СУМ) муҳоҷирати муосири меҳнатӣ ба панҷ намуди асосӣ тақсим мешавад:

1) Онҳое ки дар асоси қарордод кор мекунанд ва дар он мӯҳлати қарор доштан дар мамлакати қабулкарда амиқ муайян карда шудааст. Асосан инҳо коргарони мавсимӣ мебошанд, ки барои ҷамъ кардани ҳосил меоянд ва инчунин муҳоҷирони беихтисос ё ки камихтисоси дар корҳои ёрирасон фаъолияткунанда мебошанд;

2) Мутахассисон, ки бо дараҷаи баланди тайёрӣ, таълимоти мувофиқ ва таҷрибаи кофии корӣ фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ профессорону устодонро дохил мекунанд;

3) Иммигрантҳои ғайриқонунӣ, ки онҳо асосан аз хориҷиёни мӯҳлати раводидашон ба охир расида ё ки раводиди сайёҳидошта иборатанд, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд. Миллионҳо намояндагони ин гурӯҳ доимо дар ИМА, мамлакатҳои Аврупо, Япония, Амрикои Ҷанубӣ ва ҳатто Африка қарор доранд;

4) Муҳоҷирон, яъне онҳое ки ба ҷои доимии зист мераванд. Ин гурӯҳи муҳоҷирон пеш аз ҳама барои рафтан ба мамлакатҳои мутараққии саноатӣ майл доранд;

5) Гурезагон – нафароне, ки иҷборан аз ватани худ бинобар сабаби ин ё он таҳдид ба ҳаёт ё ки фаъолият ба дигар мамлакатҳо муҳоҷир мешаванд.

Муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ дар зери таъсири сабабҳое ба вуҷуд меояд, ки бо шароити иҷтимоию иқтисодии дар ин ё он мамлакат ҷойдошта алоқамандӣ дорад. Дар қатори онҳо мавқеи асосиро инҳо, ба монанди вазъи демографӣ дар мамлакат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳиссаи баланди бекорӣ дар доираи аҳолии қобили меҳнат ва аз ҷумла, бо вуҷуд надоштани ҷойҳои кории ба ихтисосҳо ва касбҳо мувофиқ ишғол мекунанд.

Ба ғайр аз сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ боз сабабҳои дигари муҳоҷират ҷой дорад. Ноустувории сиёсӣ ё ки гурехтан аз таъқиби сиёсӣ. Дискриминатсияи наҷодӣ, динӣ ва миллӣ сабабҳои дигари муҳоҷират мебошанд. Ҳолатҳои ҷангӣ, эвакуатсия (тахлия), реэвакуатсия ва ғайраҳо низ сабаби муҳоҷират шуда метавонанд. Инчунин, васеъшавии системаи байналхалқии иттилоот ба одамон дарк кардани имкониятҳои васеи иҷтимоию иқтисодии дигар мамлакатҳоро медиҳад ва барои муҳоҷиршавӣ мусоидат мекунад. Ниҳоятан, инкишоф ва арзоншавии воситаҳои нақлиёт раванди муҳоҷиршавии одамонро тезонид.

Муҳоҷирати қувваи корӣ имконияти баланд бардоштани сифати касбии кормандонро медиҳад, ки баъди баргаштан ба ватан тайёранд чун ташкилотчии истеҳсолот фаъолият намоянд ва метавонанд малакаи касбии гирифтаи худро ба дигарон омӯзонанд.

**3.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз падидаҳои марбут ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба шумор рафта, ба таври ҷиддӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад. Вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишварро бе муҳоҷирати хориҷӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст, зеро ин омилест, ки ба зиндагии бисёр оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад.

**Ҷадвали-1**

**Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| № | Ноҳия | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Аҳолии қобили меҳнат аз синни 15-63 сол (мард) ва 15-58 сол (зан) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 60,3 | 26,2 | 18,6 | 14,7 | 152,4 |
| 2. | Вилояти Хатлон | 203,7 | 206,4 | 229,8 | 188,2 | 1861,6 |
| 3. | Вилояти Суғд | 216,1 | 171,8 | 155,5 | 147,0 | 1813,5 |
| 4. | НТҶ | 106,5 | 97,5 | 95,9 | 81,3 | 1180,0 |
| 5. | Душанбе | 84,3 | 50,2 | 17,5 | 25,0 | 534,9 |
| 6. | **Дар ҷумҳурӣ** | **670,8** | **552,1** | **517,3** | **456,4** | **5541,1** |

Бо дарназардошти вазъияти ба амаломада, инчунин коҳиши суръати рушди иқтисодии Русссия дар охири соли 2017, коҳишёбии муҳоҷирати

меҳнатии берунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Руссия қариб ба 214,4 ҳазор нафар (31,9%) дар муқоиса бо соли 2014 ба назар мерасад.

Таносуби шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба шумораи аҳолии синни қобили меҳнат вобаста ба минтақаҳои кишвар чунинанд:

- ❖ Душанбе - 3.3%;
- ❖ Вилояти Хатлон - 12,4%;
- ❖ НТҶ - 8.1%;
- ❖ Вилояти Суғд - 8,6%;
- ❖ ВМКБ - 12,2%.

**Ҷадвали-2**

**Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯи ҷинс**

| Ноҳия | Соли 2014 | | Соли 2015 | | Соли 2016 | | Соли 2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **мард** | **зан** | **мард** | **зан** | **мард** | **зан** | **мард** | **зан** |
| ВМКБ | 46154 | 14131 | 24333 | 1905 | 15261 | 3307 | 12676 | 2048 |
| Вилояти Хатлон | 187598 | 16084 | 192144 | 14218 | 193216 | 36602 | 161330 | 26954 |
| Вилояти Суғд | 181239 | 34825 | 147473 | 24282 | 133937 | 21535 | 129845 | 17216 |
| НТҶ | 83385 | 23135 | 83824 | 13674 | 79030 | 16932 | 70661 | 10673 |
| Душанбе | 66014 | 18271 | 39955 | 10215 | 14013 | 3475 | 19616 | 5428 |
| Дар ҷумҳурӣ | **564390** | **106446** | **487729** | **64294** | **435457** | **81851** | **394128** | **62319** |

**Ҷадвали-3**

**Синну соли муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Синну сол | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 |
|---|---|---|---|---|
| до 18 | 2131 | 321 | 1101 | 74 |
| 18-29 | 260721 | 214417 | 208157 | 178018 |
| 30-39 | 256603 | 187642 | 170328 | 158603 |
| 40-49 | 119485 | 136069 | 133328 | 115953 |
| 50-54 | 28817 | 12898 | 4395 | 3654 |
| 55-59 | 2677 | 996 | 951 | 145 |
| Аз 60 сол боло | 372 | 250 | 48 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **670836** | **552596** | **517308** | **456447** |

*Сарчашма: Ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2014 – 2017)*

Қисми асосии муҳоҷирони меҳнатиро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли синну соли аз 18 то 49 ташкил медиҳанд.

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дорои хусусияти мавсимӣ буда, ҳар сол ба ҳисоби миёна тақрибан 550 ҳазор нафар шаҳрвандони қобили меҳнат барои кори мавсимӣ ба хориҷа сафар менамоянд.

Селаи асосии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки дар байни ин давлатҳо қисмати зиёди муҳоҷирон ба Руссия - 97% ва Қазоқистон - 2% сафар мекунанд, равона шудааст. Ғайр аз ин қисми кам 1%-и муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ ба Ҷумҳурии Корея ва кишварҳои халиҷи Форс равона мешаванд.

Омили асосие, ки муҳоҷирони меҳнатиро аз мамлакат ба Руссия ҷалб менамояд ин бартарии иқтисодии Руссия дар муқоиса бо дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба ҳисоб меравад. Руссия асосан коргарон ва мутахассисони ҷумҳуриро дар соҳаи сохтмон, нақлиёт, хадамоти манзилӣ ва коммуналӣ ва дар бахши хизматрасонӣ истифода мебарад.

Дар ҳолати таҳлили инкишофи иқтисодии мамлакатҳои дар иқтисоди бозорӣ қарор дошта ба маврид аст, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун омили дохилии молиякунонии хориҷӣ дида шавад. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнати сарчашмаи устувори воридшавии асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, метавонад бевосита ба вазъияти иқтисодии хоҷагиҳои хонагӣ таъсир расонад.

Тадқиқотҳои гузаронида шуда муайян намуданд, ки интиқоли маблағҳо ба оилаҳо дар ҳолатҳои вазнин ёри медиҳанд, ки ба маъориф ва тандурустӣ роҳ ёбанд, инчунин бизнеси хурд ва миёнаро сармоягузори намоянд. Интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими даромад барои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравaнд.

Аз рӯи ҳиссаи интиқоли маблағҳои пулӣ дар 3 соли охир Тоҷикистон яке аз мавқеъҳои пешбарандаро дар миёни кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ишғол намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2017 тавассути системаҳои бонкӣ шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар ба мамлакат қариб **9 миллиарду 264 млн. доллари ИМА** интиқол намудаанд. Воридшавии аз ҳама зиёди интиқоли маблағҳои пулӣ ба соли 2014 рост меояд, ки бо шумораи **670836** нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба мамлакат **3 миллиарду 384 миллион доллари ИМА** интиқол шудааст.

Дар соли 2017 бо шумораи **554100** нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ **2 миллиарду 536 миллион долларро** ташкил доданд.

Мувофиқи хулосаҳои Бонки Милли Тоҷикистон бузургии интиқоли маблағҳо истифодаи онҳоро барои истеъмол ё сармоя муайян менамояд:

- ❖ Интиқоли маблағҳо то 1000 долл. ИМА дар як сол асосан ба истеъмол, хусусан хӯрока, пӯшока ва хизматрасонии тиббӣ сарф карда мешаванд;
- ❖ Интиқоли маблағҳо аз 1000 то 5000 долл. ИМА барои хариди молҳои истеъмолии дуру дароз (ҷиҳоз, мошин, таъмири хона) сарф карда мешавад;
- ❖ Интиқоли маблағҳо зиёда аз 5000 долл. ИМА барои сохтмони хонаҳо дар қишлоқ ва зиёда аз 10000 долл. ИМА барои аз нав таъмиркунии хонаҳои шаҳрӣ сарф карда мешаванд.

Ҳамин тавр, интиқоли маблағҳо метавонад нисбат ба кӯмаки хориҷӣ сарчашмаи самарноки молиякунонии хориҷии ҶТ шавад. Бисёрии хонаводаҳо (68 фоиз) танҳо аз як нафар муҳоҷир, 26 - фоизи онҳо аз ду нафар, 6-фоизашон аз се нафар ва зиёдтар пулҳои интиқолиро гирафтанд.

Дар соли 2017, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Руссия **2,536 миллиард доллари ИМА** маблағҳои пулӣ интиқол дода шуданд, дар ҳоле, ки дар соли 2016 дар маҷмӯъ 1,929 миллиард доллари ИМА интиқол шудааст. Ҳамин тариқ, афзоиш 31,47% ё 607 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Миёни давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) Ӯзбекистон мавқеи аввалро дар интиқоли маблағҳо ишғол менамояд. Ҳаҷми интиқоли

маблағҳо ба ин давлат соли 2017 42,4% зиёд шуда ба 3,9 млрд. доллари ИМА баробар гардиданд. Баъди Ӯзбекистон бо ҳаҷми 1,5 маротиба камтар Тоҷикистон мавқеи дуюмро ишғол менамояд. Дар ҷойи сеюм Қирғизистон қарор дорад. Украинаро аз мавқеи чорум имсол Арманистон дур намуд, ки муҳоҷирони ин давлат 1,065 млрд. доллари ИМА ба ватан интиқол доданд. Дар панҷгонаи аввал инчунин Озорбойҷон қарор дорад, ки муҳоҷирони ин кишвар ба ватан 893 млн. доллари ИМА интиқол намуданд. Дар мавқеи шашум дар натиҷа Украина қарор гирифт.

**Ҷадвали-3**

**Ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ аз Федератсияи Россия ба давлатҳои асосии ИДМ дар соли 2017 (бо млн. доллари ИМА)**

| № | Давлатҳои ИДМ | Соли 2017 | Соли 2016 | Фарқият (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **1** | Ӯзбекистон | 3 902 | 2 741 | 42,36 |
| **2** | Тоҷикистон | 2 536 | 1 929 | 31,47 |
| **3** | Қирғизистон | 2 211 | 1 743 | 26,85 |
| **4** | Арманистон | 1 065 | 711 | 49,79 |
| **5** | Озорбойҷон | 893 | 739 | 20,84 |
| **6** | Украина | 750 | 1 003 | -25,22 |
| **7** | Қазоқистон | 709 | 559 | 26,83 |
| **8** | Молдова | 525 | 434 | 20,97 |
| **9** | Белоруссия | 314 | 263 | 19,39 |
| **10** | Туркманистон | 2 | 8 | -75,00 |
| **Ҳамагӣ** | | **12 906** | **10 129** | **27,42** |

Дар маҷмӯъ аз Россия ба давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил соли 2017 12,9 млрд. доллари ИМА интиқол дода шуд, ки нисбат ба соли 2016 27,4% зиёд аст.

**Тестҳо оиди мавзӯи 10.**

1. **Ҳиҷрати қувваи корӣ гуфта, чиро мефаҳмед?** A) Ҳаракати доимии одамон бо мақсади ба даст овардардани миқдори муайяни маблағ; B) Ҳаракати одамони қобилияти корӣ дошта, бо мақсади доимӣ кор ва фаъолият намудан; C) Ҳаракати одамони ба кор қобилият дошта, аз сарҳади территорияи мамлакати муайян бо мақсади доимӣ ё муваққатан кор кардан; D) Ҳаракати одамони ба кор қобилият дошта, ки бо мақсади кор намудан, ҷой ва макони худро иваз менамоянд; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
2. **Самтҳои асосии муҳоҷирати меҳнати дар ҷаҳон кадомҳоянд?** A) Муҳоҷират аз мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба тараққикарда; B) Муҳоҷират дар доираи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва дар байни онҳо; C) Муҳоҷират аз

мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ;D)Муҳоҷирати мутахассисони мамлакатҳои тараққикарда ба рӯ ба инкишоф; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

3. **Сиёсати муҳоҷират чист?** A) Танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирон дар мамлакат, шароити шуғл ва ҳимояи иҷтимоии қувваи кории хориҷиён дар бозори ватанӣ мебошад; B) Танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирон дар мамлакат, шароити шуғл ва ҳимояи иҷтимоии қувваи кории хориҷиён дар бозори хориҷӣ мебошад; C)  Танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирон дар мамлакати хориҷӣ, шароити шуғл ва ҳимояи иҷтимоии қувваи кории ватанӣ дар бозори хориҷӣ мебошад; D) Танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирон дар мамлакат, шароити шуғл ва ҳимояи иҷтимоии қувваи кории ватанӣ дар бозори хориҷӣ мебошад; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
4. **Эмигратсия чист?** A) Ҳаракати  аҳолии  қобилияти қувваи кори дошта аз ҳамин мамлакат ба хориҷа мебошад; B) Ҳаракати  аҳолии  қобилияти қувваи кори дошта аз мамлакати хори ҷӣ ба миллӣ мебошад; C) Ҳаракати аҳолии  қобилияти қувваи кори надошта аз ҳамин мамлакат ба хориҷа мебошад; D) Ҳаракати  аҳолии  қобилияти қувваи кори надошта аз мамлакати хориҷӣ ба мо  мебошад;т  E) Ягон ҷавоби дуруст нест.
5. **Самараи мусбии иқтисодии муҳоҷирати байналхалқии мутахасисон ба мамлакати қабулкунанда чиро ба вуҷуд меорад?** A) Кам намудани хароҷот ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо мебошад; B) зиёд намудани ғунҷоиши бозори миллӣ; C) Воридшавии  қувваи кории баландихтисос; D) Мамлакати қабулкунанда қувваи кори баландихтисоси тайёрро истифода бурда, маблағ барои тайёр намудани мутахассис сарф намекунад; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
6. **Самараи манфии иқтисодии муҳоҷирати байналхалқии мутахасисон ба мамлакати қабулкунанда ба вуҷуд меорад?** A) Зиёд намудани пешниҳоди меҳнат ва кам намудани музди кори он меорад; B) Махсусан хароҷоти зиёд ба муҳоҷирони ғайрирасмӣ аз беназоратии он, мустаҳкам намудани сохтори ҷиноятии он ва ноустувории иҷтимоӣ меорад; C) Тафриқаи даромади аҳолӣ ва  шиддатнокии иҷтимоӣ зиёд мешавад; D) Эҳтимолияти таҳдиди шалпоси нажодпарастӣ ба вуҷуд меояд; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
7. **Бурде, ки мамлакат бо истифодаи қувваи кории хориҷӣ мекунад?** A) Ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот меорад; B) Паст намудани талабот ба меҳнатро ба вуҷуд меорад; C) Паст намудани  фишор дар бозори меҳнат аз тарафи пешниҳод ба вуҷуд меояд; D) Мустаҳкамнамоии вазъи иҷтимоии ҷамъият ба вуҷуд меояд; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
8. **Дар ҳама гуна ҳолат ҳиҷрати байналхалқии қувваи корӣ?** A) Бурд ба коргароне, ки дар мамлакати эмигратсия  боқӣ мемонад ва ба соҳибкорони тарафи қабулкунанда медиҳад; B) Бурди соф ҳам ба соҳибкорони

мамлакати эмигратсия ва ҳам ба коргарони мамлакати тарафи қабулкунанда медиҳад; C) Ҳам ба коргарони мамлакати эмигратсия ва ҳам ба мамлакати иммигратсия бурд медиҳад; D) Ҳам ба мамлакати соҳибкорони эмигратсия ва ҳам ба мамлакати мигратсия бурд медиҳад; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

9. **Маҳдудкунандаи объективии ҳиҷрати қувваи кори ба ҳисоб меравад?** A) Дар бозори меҳнат вуҷуд доштани ҷои кори озод; B) Маҳдудияти воситаи буҷети ба таъминоти иҷтимоии қувваи кори омада; Монеъаи забон; C) Вуҷуд надоштани созишномаи эътирофи диплом оиди маълумот; D) Гузоштани ҳиссаи иммигратсионӣ; E) Ҳамаи ҷавобҳои номбаркардашуда дурустанд.

10. **Кадоме аз инҳо ба категорияҳои муҳоҷирон дохил нестанд?** A) муҳоҷироне, ки аз рӯи шартнома дар хориҷи мамлакат кор мекунанд; B) муҳоҷирони ғайрирасмӣ; C) гурезаҳо; Dмуҳоҷирони расмӣ; E) сафирон.

**Мавзӯи 11. Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок.**

**1. Низоми сезинагии молиякунонии иқтисодиёт**

**2. Бозори коғазҳои қимматнок ва сохтори он**

**3. Тамоюлҳои инкишофи ББҚҚ**

**1. Низоми сезинагии молиякунонии иқтисодиёт**

Дар назарияи иқтисодии олимони ғарб модели иқтисодиёти бозори васеъ истифода мешавад, ки гардиши даромадҳо ва маҳсулотро нишон нишон медиҳад. Мутобиқи ин модел макроиқтисодиёт аз хоҷагиҳои хонагӣ ва корхонаҳо иборат мебошад, бозори захираҳо ва маҳсулотҳоро ба хам муттаҳид менамояд.

Дар чунин низоми иқтисодӣ хоҷагиҳои хонагӣ ва фирмаҳо бо ду гурруҳи бозор алоқаманд мебошанд:

- ❖ Бозори захираҳо, ки дар он хоҷагиҳои хонагӣ захираҳоро пешниҳод менамоянд ва фирмаҳо барои ташкили истеҳсолот захираҳои заруриро ба даст меоранд;
- ❖ Бозори маҳсулот, ки дар он хоҷагиҳои хонагӣ моллҳо ва хизматҳои истеҳсолшудаи фирмаҳоро мехаранд.

Дар низоми иқтисодии оддӣ хоҷагиҳои хонагӣ ҳамаи даромадҳои бадастовардашударо барои молҳои истемолӣ сарф мекунанд ва даромади фирмаҳо ббошад фақат барои азнавистехсолот сафр карда мешавад.

Дар чунин ҳолат нақши бозори молиявӣ ва бозори коғазҳои қимматнок ба назар намерасад.

Дар шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ афзоиши харочотҳои хоҷагиҳои хонагӣ нисбат ба даромади онҳо камтар ба назар мерсанд, аз ин ру барои хоҷагиҳои хонаги имконияти пасандоз кардан пайдо мешавад.

Пасандоз – чист?

Шаклҳои асосии пасандоз:

- Андухти пулҳои накд;
- Амонат гузоштан дар муассисаҳои қарзӣ;
- Ба даст овардани коғазҳои қимматнок.

**1. Бозори коғазҳои қимматнок ва сохтори он**

Бозори КК- ҳамчун элементи бозори молиявӣ буда, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиро оид ба барориш ва мубодилаи КК- ро мефаҳмонад, ки механизмҳо, институтҳо ва воситаҳоро барои барои ҷалби инвеститсия ба иқтисодиёт бо роҳи барқарор намудани муносибатҳои иқтисодӣ байни сармоягузорон ва харидорони сармоя истифода мекунанд.

Бозори қоғазҳои қиматнок яке аз шаклҳо ва қисматҳои маъмули бозори сармоя буда, барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ сарчашмаи асосии захираҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Пайдоши бозори қоғазҳои қиматнок ба мавҷудият ва инкишофи талабот ба захираҳои қарзӣ вобаста аст. Бозори қоғазҳои қиматнок бар истифодаи сармояи судхӯрӣ (қарзӣ) асос меёбад ва ҳаракати (хариду фурӯши) қоғазҳои қиматнок ин истифодаи сармояи пулиро ба мақсади судхӯрӣ (даромади муфт гирифтан) ифода менамояд. Дар чунин сурат қоғазҳои қиматнок шакли ҳуҷҷати қарзиро мегиранд. Вазифаи асосии бозори қоғазҳои қиматнок ин зудҳаракатии (мобилизатсия) маблағҳои пулии субъектҳои иқтисодӣ барои ташкил ва

равнақи истеҳсолот мебошад. Бозори қоғазҳои қиматнокро метавон ба бозори аввалиндарача ва дуюмдарача ҷудо намуд. Дар бозори аввалиндарача қоғазҳои қиматноки навинтишоршуда хариду фурӯш карда мешаванд, ки дар натиҷа интишоркунандаи он соҳиби сармояи пулӣ ва харидорон соҳиби қоғазҳои қиматнок мегарданд. Нархи қоғазҳои қиматноки дар бозори авалиндарача харидуфурӯшшаванда ба арзиши номиналии онҳо, яъне маблағе, ки дар онҳо нишон дода шудааст, баробар аст. Соҳибони қоғазҳои қиматнок метавонанд онҳоро ба дигар субъектҳои иқтисодӣ фурӯшанд ва ин боиси пайдоиши бозори дуюмдарачаи қоғазҳои қиматнок мегардад. Дар ин шакли бозор нархи (қурби) қоғазҳои қиматнок ба омилҳои гуногун, аз қабили даромади ширкатҳои саҳҳомӣ, вазъи сиёсӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ ва фоизи қарзи бонкӣ вобаста мебошад.

Дар бозори дуюмдарачаи қоғазҳои қиматнок гардиши биржавӣ ва гардиши ғайрибиржавиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Гардиши биржавии қоғазҳои қиматнок хариду фурӯши онҳо дар биржаи фондӣ мебошад.

Гардиши ғайрибиржавии қоғазҳои қиматнок хариду фурӯши онҳоро берун аз биржаҳо мефаҳмонад. Сабаби асосии ҷой доштани гардиши ғайрибиржавӣ дар он аст, ки ҳар як биржаи фондӣ талаботҳои худро дорад ва на ҳама ширкатҳо ба ин талаботҳо розӣ мешаванд. Гузашта аз ин, хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок берун аз биржа хароҷоти ширкатҳоро кам мекунад. Дар бештар мавридҳо ба ин кор фирмаҳои махсуси брокерӣ сару кор доранд. Воситаҳои асосии гардиши ғайрибиржавӣ алоқаи телефонӣ, интернет, факс ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд.

Биржаи фондӣ гуфта, бозори муташаккили қоғазҳои қиматнокро меноманд, ки дар он хариду фурӯши онҳо сурат мегирад. Биржаи фондӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- алоқамандии харидорон ва фурӯшандагони қоғазҳои қиматнокро таъмин менамояд;

- қурби қоғазҳои қиматнок ва муносибати сармоядоронро нисбат ба ҳар яки онҳо муайян менамояд;
- ба сифати механизми ҳаракати сармоя аз як соҳа ба соҳаи дигар баромад менамояд.

Биржаҳои фондӣ метавонанд ба сифати ширкатҳои саҳҳомӣ дар асоси моликияти коллективӣ ва ба сифати муассисаи давлатӣ дар асоси моликияти давлатӣ ташкил карда шаванд.

Асоси бозори КК ва дигар бозорҳоро талабот ва пешниҳод, инчунин мувозинати нарх дар онҳо ташкил мекунад.

Вазифаҳои асосии БКК инҳо мебошанд:

- ✓ Вазифаи тақсимотӣ, яъне ҳаркати сармояро аз як соҳа ва ҳудуд ба дигар таъмин менамояд;
- ✓ Вазифаи рупуш кардани дефиқити буҷети соҳаҳои гуногун;
- ✓ Вазифаи азнавтақсимкунии ҳуқуқи моликиятдорӣ дар асосӣ ба даст овардан покати КК;
- ✓ Вазифаи даромаднокӣ, ба даст овардан даромадро аз амалиёт бо қогазҳои қиматнок, аз он ҷумла амалиёти ҳанноти бо онҳоро таҳмин менамояд;
- ✓ Азнавтақсимкунии тавакалиятҳо дар бозорҳои фондӣ ва дигар бозорҳо (хечеркунӣ);
- ✓ Вазифаи иттилоотӣ.

**Саволи 3. Тамоюлҳои инкишофи ББҚҚ**

Тамоюлҳои асосии БКК –и муосир дар давлатҳои таракикардаи саноатиӯӣ дар марҳилаи муосир инҳо мебошанд:

1. Тамарказонӣ ва мутамарказонии сармоя;
2. Байналмилалигардонӣ ва умумибашаригардонии бозор;
3. Баланд бардоштани сатҳи ташкилӣ ва мустаҳкамгардонии назорати давлатӣ;
4. Компютерикунонии БКК
5. Навоварӣ дар бозор;

6. Секюритизатсия;

7. Баромадан ба дигар бозорҳои сармоя;

Тамоюл ба марказонӣ ва тамарказонии сармоя дорои ду ҷабҳа нисбати бозори коғазҳои қимматнок мебошад. Аз як тараф ба бозор ҳамаи иштирокчиёни нав ҷалбкарда мешаванд, ки ин фаъолият барои онҳо асосӣ, яъне касбӣ мебошад ва аз тарафи дигар –ҷараёни ҷудо намудани бозорҳои калони касбӣ дар асоси зиёд гардондани сармояи онҳо (конҷентратсия) сурат мегирад ва инчунин бо роҳи ҳамҷоя намудани онҳо ба сохтори калони бозори коғазҳои киматнок (марказонӣ) ташкил карда мешавад. Дар натиҷа дар бозори фондӣ низомҳои тиҷоратӣ ба монанди НАСДАК ё ин ки дигар ташкилкунандагони бозор ва инчунин ширкатҳои машҳури фонди пайдо мешаванд, ки ҳиссаи калони амалиётҳоро дар бозор хизмат мекунанд.

Фаромилаликунонии БКК онро ифода мекунад, ки сармояи миллӣ ҳудуди давлатро мегузарад ва бозори коғазҳои қиматноки ҷаҳониро ташкил медиҳад ва дар ин ҳолат бозори милли ба сифати бозори дуюмдараҷа баромад мекунад. Сармоягузор аз дилхоҳ давлат имконият пайдо мекунад, ки воситаҳои озоди худро дар коғазҳои қимматноки дар дигар давлат мубодилашаванд гузорад.

Дар ин ҳолат БКК характери глобалиро мегирад. Бозорҳои милли – инҳо қисми таркибии бозори коғазҳои қимматноки глобалии ҷаҳонӣ мебошанд. Тиҷорат дар бозори глобалии ҷаҳонӣ бетанафус ва дар ҳама ҷо амали гардонда мешавад. Асоси онро коғазҳои қиматноки ширкатҳои фаромиллалӣ ташкил медиҳанд.

Боэътимод будани БКК ва сатҳи бовари ба он аз тарафи миқдори зиёди сармоягузорон бевосита бо боло бардоштани сатҳи ташкилии бозор ва мустаҳкамгардонии назорати давлатӣ аз болои он вобастагӣ доранд.

Микьёс ва ахамияти бозори когазхои киматнок аз он иборат аст, ки вайрон шудани он бевосита боиси вайрон шудани процесси иктисодй,

умуман процесси такрористехсолкунӣ мегардад. Давлат дар замони муосир намегузорад, ки эътиқод ба ин бозор ба ларза афтад ва оммаи мардуме, ки пасандозҳои худро дар коғазҳои қиматноки кишвари худ ва ё ягон чизи дигар гузоштаанд, дар пайи ягон фалокат ё қаллобӣ якбора аз даст медиҳанд. Бинобар ин хамаи иштирокчиёни бозор ба он манфиатдор мебошанд, ки бозор, пеш аз хама, аз тарафи мухимтарин иштирокчии бозор — давлат дуруст ташкил ва назорати катъй бошад.

Аммо сабаби дигари ин раванд вуҷуд дорад - фискалӣ. Тақвияти ташкили бозор ва назорат аз болои он ба ҳар як давлат имкон медиҳад, ки манбаи андози худ ва ҳаҷми даромадҳои андоз аз иштирокчиёни бозор зиёд карда шавад. Дар баробари ин, имкони-ятхои «шустушӯй»-и пулҳое, ки аз намудҳои ғайриқонунии тиҷорат - гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра ба даст меоянд, боз ҳам бештар баста мешаванд.

Компютеркунонии бозори коғазҳои қиматнок натиҷаи васеътарин дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният дар даҳсолаҳои охир ҷорӣ намудани компютерҳо мебошад. Бе ин компютеризатсия бозори коғазҳои қиматнок дар шакл ва андозаҳои ҳозираи он ғайриимкон мебуд. Компютеркунонӣ имкон дод, ки ҳам дар хидматрасонии бозор, пеш аз ҳама тавассути системаҳои муосири ҳисоббаробаркуниҳои зуд ва ҳамаҷониба барои ва байни иштирокчиёни бозор инқилоб ба амал ояд. Ҳамин тавр, дар усулҳои савдои ӯ - Компютеризатсия асоси ҳама навовариҳо дар бозори коғазҳои қиматнок аст,

Навовариҳо дар бозори коғазҳои қиматнок:

• воситаҳои нави ин бозор;

• системаҳои нави савдои коғазҳои қиматнок;

• инфрасохтори нави бозор.

Воситахои нави бозори когазхои киматнок пеш аз хама намудхои сершумори когазхои киматноки хосилшаванда, ба вучуд овардани когазхои киматноки нав, намуд ва навъхои онхо мебошанд.

Системаҳои нави савдо ин системаҳои савдое мебошанд, ки ба истифодаи компютерҳо ва воситаҳои муосири алоқа асос ёфтаанд, ки савдоро дар реҷаи комилан автоматӣ, бе миёнаравҳо, бидуни алоқаи мустақими байни фурӯшандагон ва харидорон имкон медиҳанд.

Инфрасохтори нави бозор системаҳои муосири иттилоотӣ, системаҳои клиринг ва ҳисоббаробаркуниҳо, хадамоти депозитарӣ барои бозори коғазҳои қиматнокро дар бар мегирад.

Секьюритизатсия ин тамоюли аз шаклхои анъанавии худ (амонат, пули накд, амонат ва гайра) ба когазхои киматнок гузаштани фондхо мебошад; тамоюли ба когазхои киматнок табдил додани оммаи доимо афзояндаи сармоя; тамоюли гузариши баъзе шаклҳои коғазҳои қиматнок ба дигараш барои доираи васеи сармоягузорон дастрастар.

Инкишофи бозори когазхои киматнок аслан боиси аз байн рафтани дигар бозорхои сармоя намегардад, раванди воридшавии онхо, хавасмандгардонии якдигар ба амал меояд. Бозори коғазҳои қиматнок аз як тараф сармояро ба худ ҷалб мекунад, аммо аз тарафи дигар ин сармояҳоро тавассути механизми коғазҳои қиматнок ба бозорҳои дигар интиқол медиҳад ва ба ин васила ба рушди онҳо мусоидат мекунад. Масалан, барориши когазхои киматноки карзи, ки бо таъминоти ташкилотхои сугуртавй таъмин карда шудаанд, васеъ пахн шуда истодааст. Яъне воситахои бозори сугурта барои сугуртаи таваккал дар бозори когазхои киматнок истифода мешаванд ва пардохти даромад аз онхо боиси якбора афзудани хачми бозори чахонии асъор мегардад, ки ин дар навбати худ омили рушди босуръати бозори шартномаҳои фьючерсии асъор ва опционҳо ва ғайра.

**Тестҳо оиди мавзӯи 11.**

1. **Коғази кимматнок –ин:** A) шаходатномае мебошад, ки дорандаи он хукук дорад ичро намудани талаботхои муайянро аз тарафи суббъектхои иктисоди талаб намояд;B) шаходатномае мебошад, ки дорандаи он хукук дорад ичро намудани талаботхои муайянро аз тарафи суббъектхои иктисоди надорад; C) ҳуҷҷати хусусӣ мебошад, ки дорандаи он хукук дорад

ичро намудани вазифаҳои муайянро аз тарафи суббъектхои иктисоди талаб намояд;D) шаходатномае мебошад, ки дорандаи он ӯҳдадор аст, ки намудани талаботхои муайянро аз тарафи суббъектхои алоҳида талаб намояд;

E) шаходатномае мебошад, ки дорандаи он хукуки овоздиҳиро ҳамеша дорад.

2. **Коғази киматнок хуччате мебошад, ки:** A) дорои риояи коидахои баркароршуда ва реквезитхои хатми набуда, коидахои моликиятдориро конеъ намегардонад; B) дорои риояи коидахои баркарорнашуда ва реквезитхои доимӣ буда, коидахои моликиятдориро бартараф мегардонад;C) дорои риояи коидахои баркароршуда ва реквезитхои хатми буда, коидахои моликиятдориро конеъ мегардонад;D) дорои риояи талаботи баркароршуда ва пешниҳоди хатми буда, коидахои моликиятдориро конеъ мегардонад; E) дорои риояи коидахои баркароршуда ва реквезитхои хатми буда, коидахои моликиятдориро қисман қонеъ мегардонад.

3. **Когази киматнок – бояд;** A) барои гардиши шахрванди дастрас бошад; B) барои гардиши шахрванди қисман дастрас бошад; C) барои гардиши шахсони алоҳида дастрас бошад; D) барои гардиши шахсони алоҳида қисман дастрас бошад; E) барои гардиши шахрвандӣ зарурият надорад.

4.**Аломатхои асосии коғазҳои қиматнокро ҷудо кунед;** A) ин хуччат;

B) чунин хуччате мебошад, ки дорои шакли баркароршуда ва реквезитхои муайян;C) ҳукуки моликиятдориро пешниход мекунад; D) амали гардондан ва мубодилаи хукуки моликиятро факат дар холати пешниходи хуччат имконпазир мебошад; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

5. **Аҳамияти коғазҳои қиматнок дар он зохир мегардад:** A) воситахои пулиро байни сохахои гуногуни иктисодиёт, байни давлатхо, байни гуруо ва табакаои ахолии, байни ахолии ва сохахои иктисодиёт, байни ахолии ва давлат таксим менамояд; B) ба дорандаи он хукукхои муайяни иловагиро пешниход мекунад; C) гирифтани даромад аз сармоя ва баргардондани сармояро таъмин мекунад; D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;E) ҷавоби дуруст надорад.

**6.Мохияти коғазҳои қиматнок дар он зохир мегардад, ки:** A) дорандаи сармоя дорои сармояи накди мебошад, аммо хукук ба сармоя надорад; B) дорандаи сармоя дорои сармояи накди намебошад, аммо хукук ба сармоя

дорад; C) дорандаи сармоя дорои сармояи накди намебошад, хукук ба сармоя низ надорад; D) дорандаи сармоя дорои сармояи накди мебошад, аммо хукук ба сармоя низ дорад; E) дорандаи сармоя дорои сармояи оинномавӣ мебошад, аммо хукук ба сармоя надорад.

**7. Арзиши коғазҳои қиматнок дар он зохир мегардад, ки:** A) ба доранди худ даромадро пешниҳод менамояд; B) ба дорандаи худ эҳтимолияти пешниҳоди даромадро надорад;C) арзиши аслӣ надорад;D) дорои арзиши номиналӣ мебошад;E) ҷавоби дурустнадорад.

**8. Коғазҳои қиматнок бояд дорои чунин хусусият бошанд:** A) аҳмияти стандартӣ дошта бошад;B) бояд дорои серия (силсила) бошад ва инчунин имконият дошта бошанд, ки аз руи силсила интишор шаванд; C) бояд реквезитхои хатми дошта бошад;D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; E) ҷавоби дуруст надорад.

**9. Гардиши шахрванди қоғазҳои қиматнок дар он ифода меёбад:** A) харид карда шавад;B) фурухта шавад;C) ба сифати қарз баромад намояд;D) объекти карз баромад кунад;E) ҳамаи ҷовобҳо дурустанд.

**10. Коғазҳои қиматнок:** A) кисми таркибии иктисодиёти бозори буда ба инкишофи бозори молияви ва инчунин инкишофи ичтимои – иктисодии давлат ба пурраги мусоидат менамояд; B) шаходатномае мебошад, ки дорандаи он хукук дорад ичро намудани талаботхои муайянро аз тарафи суббъектхои иктисоди талаб намояд;C) дорои риояи коидахоибаркароршуда ва реквезитхои хатми буда, коидахои моликиятдориро конеъ мегардонад;D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;E) ҷавоби дуруст надорад.

## МАВЗӮИ №12

### Бозори байналхалкии асъор

***1.Бозори байналхалкии асъор: мохият ва хусусиятхои он***

***2.Иштирокчиёни асосии бозори чахонии асъор***

***3.Намудхои асосии бозори чахонии асъор ва карз.***

***1.Бозори байналхалкии асъор: мохият ва хусусиятхои он.***

Доираи махсуси муносибатҳои бозорӣ, ки ба сифати объекти додугирифти сармояи пулӣ хизмат мекунад, бозорҳои ҷаҳонии асъорро ташкил мекунад. Онхо дар заминаи ташаккули муносибатҳои иқтисодии

байналхалқӣ баркарор гаштанд. Бозори чахонии асъор ба додугирифтхои асосӣ оид ба хариду фуруши асъорхо, ҳам барои таъмини тичорати байналхалки ва хам барои гирифтани фоида ва инчунин гардиши пардохтхои байналхалкии ба пардохти пулии ухдадорихои шахсони хукуки ва вокеъии мамлакатхои гуногун вобаста буда, хизмат мекунад.

Бозорхои асъор аз ду нуктаи назар омухта мешаванд.

Аз нуктаи назари функсионали - бозори асъор ин доираи муносибатхои иктисодиест, ки хангоми гузаронидани амалиёт оид ба хариду фуруши асъори милли ва хоричи ба вучуд меояд.

Аз нуктаи назари институтсионали – бозори асъор, ин мачмуи бонкхо, муассисахои махсуси молиявию кредити, биржахои фонди, шабакахои муосири алока ва инчунин марказхои расмие мебошанд, ки дар онхо хариду фуруши асъорхои хоричи ба милли аз руи курби дар заминаи такозо ва арза баркароргашта гузаронида мешавад.

Бозори асъор дар тобеъияти конунхои ракобат карор дорад. Ба рафтори иштирокчиёни он хохиши максимизатсияи фоида бо назардошти фаркият дар курби асъорхо таъсир мерасонад. Бузургии ин фоидахо ба мувофикати доираи васеъи хатархои сиёси ва иктисоди вобаста аст. Бозорхои миллии асъор, ки ба харакати маблагхои пулии дохили мамлакат хизмат мекунанд, ба бозори чахонии асъор пайваст шуданд, дар онхо амалиёти асъори ва хисоббаробаркуние гузаронида мешаванд, ки ба харакати байналхалкии молхо, хизматхо ва сармояхо вобастаанд. Бозори чахонии асъор, ки аз душанбе то чумъа шабонарузи амал мекунад, ба як чо бозорхои миллии асъорро ба ёрии воситахои муосири коммуникатсия, ба монанди телефон, телеграф, телекс, шабакахои компютери пайваст мекунад.

Бозорхои чахонии асъор дар марказхои чахонии молияви чамъ омадаанд. Дар байни онхо бозорхои асъори Лондон, Нью-Йорк, Франкфурти соҳили Майне, Париж, Сюрих, Токио, Сянган, Сингапур, Бахрайн нуфузи махсус доранд.

Бозорхои муосири чахонии асъор бо хусусиятхои асосии зерин тавсиф дода мешаванд.

1. Байналмилалишавии бозорхои асъори дар заминаи байналмилалишавии робитахои хочаги, истифодаи васеъи воситахои электронии алока ва гузаронидани амалиёт ва хисоббаробаркуни ба воситаи онхо.

2. Амалиёти пай дар пай дар давоми шабонаруз дар хамаи кисмхои чахон аз паси якдигар гузаронида мешавад.

Кор дар бозорхои асъор мувофики шабонарузхои календари бо назардошти минтакахои соати аз меридиани нули, ки аз Гринвич-Greenwich Meridian Time(GMT) мегузарад, аз Зеландияи Нав (Веллингтон) огоз шуда ва пайваста ба воситаи минтакахои соати аз Сидней, Токио, Гонконг, Сингапур, Москва, Франкфурти соҳили Майне, Лондон, Ню-Йорк ва Лос-Анчелес мегузарад.

3. Техникаи амалиёти асъори ба як шакл оварда шудааст, хисоббаробаркунихо ба истифода аз хисобхои муросилотии бонкхо гузаронида мешаванд.

4.Амалиёти ханноти (спекулятиви) ва арбитражи аз амалиёти асъории ба муомилоти тичорати вобаста хеле зиёд аст, теъдоди иштирокчиёни онхо якбора зиёд шуд ва на факат бонкхо ва КФМ, балки дигар шахсони хукуки ва хатто вокеъиро дарбар мегирад.

5.Ноустувории курби асъорхо, ки ба монанди молхои махсуси биржавист, тамоюлхои аз омилхои фундаменталии иктисоди новобастаи худро дорад. Бозори чахонии асъор-бозори пуриктидор ва фаъол, аммо хеле дакик ба навигарихои иктисоди ва сиёси мебошад.

Мавкеи пешсафро бозори асъори Лондон (400 - 460 млрд. долл., ё ин ки зиёда аз 30%-и муомилоти харрузаи асъор дар чахон) нигох медорад. Ин нишондиханда 9 маротиба аз хачми амалиёти асъори дар Париж, 5 маротиба дар Франкфурт – на –Майне, 2 маротиба – дар Ню-Йорк зиёд аст. Дар замони муосир 40%-и гардиши

чахонии асъорро бозори Европа, 40% -ро Америкои, 20%-ро бозори Осиёги ташкил мекунад.

Дар минтакаи Осиё бо суръати баландтар бозори асъори Сингапур ташаккул ёфта истодааст, ки аз руи гардиши рузона (139 млрд. долл.) чои дуюмро баъди Токио (149 млрд. долл.) ишгол мекунад.

**_2.Иштирокчиёни асосии бозори чахонии асъор_**

Дарачаи тараккиёт ва хачми бозори асъор ба хайъати сахмдорони он, сатхи иштирок ва микдори амалиёти онхо вобаста аст. Сахмдорони бозори асъор бонкхои тичорати ва маркази, биржахои асъор, агентии брокери, корпоратсияхои байналхалки мебошанд.

*Бонкхои тичорати* на факат портфели худро аз хисоби дороихои хоричи диверсификатсия мекунанд, балки муомилоти асъориро аз номи ширкатхои ба бозорхои хоричи ба сифати содиркунанда ва воридкунанда шомилшуда мегузаронанд.

Мувофики конунхои миллии бонки ё ин ки асъори, бонкхои тичорати амалиёти байналхалки ва муомилаи асъориро дар сурати гирифтани ичозатномаи махсус (литзенсия) гузаронида метавонанд. Бонкхое, ки ба онхо хукуки гузаронидани амалиёти асъори дода шудааст, бонкхои намояндаги, девизи ё ин ки асъори номида мешаванд.

На хамаи бонкхои девизи метавонанд дар сатхи баробар дар амалиёти бозори асъор иштирок намоянд. Вусъати бонк, шухрати бонк, дарачаи ташаккули шабакаю шуъбахо ва филиалхои хоричи, хачми хисоббаробаркунии байналхалкии ба воситаи бонк амалишаванда – омилхое мебошанд, ки ба андозаи хеле калон накши онро дар бозорхои асъор муайян мекунанд. Накши муайянро махдудиятхои асъории (даври) вакт –вакт такроршаванда, вазъи алокаи телекси ва телефони дар махалхои чойгиршудаи бонк ва инчунин сиёсати он ичро мекунад. Бинобар ин хачми зиёди амалиёти асъориро хиссаи бонкхои фаромилали (БФМ): Citibank^Chase Manhattan Bank^ Deutsche Bank^ Dresden Bank^Barclays Bank^Union Bank of Switzerland^ Sumitomo Bank^ Mitsubishi Bank^ ABN Amro ва дигархо ташкил менамояд. Ин бонкхо муомиларо дар хачми хеле калон (100-500 млн. долл.) мегузаронанд, хол он ки муомилаи стандарти аз 1 то 10 млн. долл. ба вазъи бозори асъор таъсири зиёд мерасонад ва дар гузаронидани муомилаи фоидаовар бартарияти ракобати

дорад. Онхо дорои шабакахои шуъбаи хоричи буда, шабонарузи амалиёти асъориро муттасил ба воситаи шуъбахои хоричии худ мегузаронанд.

Бонкхои калон, дар мадди аввал БФМ, шуъбаи асъори бо МЭХ, алокаи телефони ва телексии мучаххаз дорад ва ба дигар бонкхо, ширкатхои миёнарави брокери ва марказхои молиявии чахони робитаи доими дорад. Онхо бо алокаи тасвири ба агентии телеграфи (Рейтер ва гайра) пайваст мебошанд, ки доимо оид ба ходисахои сиёси ва иктисоди ва инчунин оид ба курби асъорхо хабар медиханд.

Дар Чумхурии Точикистон якчанд бонкхои тичорати литсензияи генерали барои гузаронидани амалиёти асъори доранд ва онхо дар бозори байнибонкии асъор иштирок менамоянд. Дар катори онхо БСТСС «Ориёнбонк», БДА «Амонатбонк», БТ «Кафолат», БСТ «Эсхата», БТ «Хучанд» ва дигархо.

*Бонкхои маркаэӣ (миллӣ)* дар бозори асъор иштирок намуда, захирахои асъориро идора мекунанд, курби асъори миллиро дастгири менамояд, мудохилаи асъори мегузаронанд ва инчунин меъёри фоизи маблаггузориро дар асъори милли, хамчун воситаи конунии пардохт танзим менамояд.

**Чадвали 1.**

**Мархалахои гузариши мамлакатхои собик Чамохири Шурави ба асъорхои миллӣ**

| Усули гузариш ба асъорхои милли | Давлат | Мархалахои гузариш ба асъорхои милли |
|---|---|---|
| Гузариши якбора ба асъори милли дар гардиши накди ва гайринакди | Эстония, Киргизистон, Туркманистон, Казокистон, Армения | 20.06.02 с - крона<br>10.05.93 с. – сом<br>01.11.93 с. – монат<br>15.11. 93 с. – тенге<br>22.11.93 с. – драм<br>Дар давраи аз 22.11. 93 с. то 16.03.94 с. барои истифодаи параллелии рубли советии на-мунаи солхои 1991-1992 дар гардиши накди ичозат буд. Аз 16.03.94 с. онхо аз гардиш гирифта шуда, бо вохидхои пули милли иваз карда шуданд. |
| Усули мобайни: гузариши якбора ба | Гурчистон, Ӯзбекистон | 01.08.93 с. – купон. Ба истифодаи параллелии рубли русии намунаи соли 1993 дар гардиши накди ичозат буд.<br>02.10.95 с. – лари |

| | | |
|---|---|---|
| воситаи транзити ва пардохт дар гардиши накди ва гайринакди бо минбаъд гузаштан ба асъори милли | | 15.11.93 с. – сум - купон. Ба истифодаи параллелии рубли русии намунаи соли 1993 дар гардиши накди ичозат буд.<br>01.07.94 с. – сум |
| Модели дуусулии гузариш: «рубли совети-воситаи транзитии пардохт-асъори милли». | Литва | 01.10.92 с. – гузариш ба воситаи мобайнии пардохт дар гардиши накд ва гайринакди.<br>25.06.93 с. – ворид кардани асъори милли (лита) ба гардиши параллелии накд.<br>20.07.93 с. – гузариши пурра ба лит дар гардиши накд ва гайринакди |
| | Латвия | 07.05.92 с. – ворид кардани воситаи мобайнии пардохт (рублис) ба гардиши параллелии накд.<br>20.06.92 с. – гузариши пурра ба рублис дар гардиши накд ва гайринакди<br>05.03.93 с. – ворид кардани асъори милли (лат) ба гардиши параллелии накд.<br>28.06.93 с. – гузариши пурра ба лат дар гардиши накд ва гайринакди |
| | Молдова | 01.07.93 с. – ворид кардани воситаи мобайнии пардохт (рубли молдови) дар гардиши гайринакди<br>20.07.93 с. – ворид кардани воситаи мобайнии пардохт (купон) ва асъори милли (лея) дар гардиши параллелии накд.<br>29.11.93 с. – гузариши пурра ба лей дар гардиши накд ва гайринакди |
| Мархала ба мархала гузаштан ба асъори милли<br>А) азнавсози и гардиши гайринакд и кабл аз баркарор шавии гардиши накди ба | Россия | 01.07.92 с. – гузариш ба рубли руси дар гардиши гайринакди<br>26.07.93 с. – гузариш ба рубли руси дар гардиши накд. |

| | | |
|---|---|---|
| миён меояд. | | |
| | Точикистон | Дар муомилоти гайринакди – рубли милли<br>Дар муомилоти накд – рубли русии намунаи соли 1993<br>10.05.95 с.- рубли точики дар гардиши накд ва гайринакди<br>30.05.2000 с. – рубли точики ва сомони дар гардиши накд ва сомони дар гардиши гайринакди<br>01.04.2001 с. – сомони дар гардиши накд ва гайринакди |
| б) азнавсози и гардиши накд кабл аз баркарор шавии гардиши гайринакд и ба миён меояд. | Украина | 10.01.92 с. – ворид кардани воситаи махсуси пардохт (купон) бо гардиши параллелии накд.<br>12.11.92 с. – гузариш ба воситаи мобайнии пардохт (карбован) дар гардиши накд (ва гайринакди).<br>Аз соли 1996 асъори пурарзиши милли – гривна ворид шуд. |
| | Беларус | Майи соли 1992 – ворид кардани воситаи мобайнии пардохт (рубеля) дар гардиши параллелии накд.<br>Июли соли 1993 – гузариши пурра ба асъори милли (рубли белоруси) дар гардиши накд ва гайринакди. |
| | Озарбойчон | 15.08.93 с. – ворид кардани асъори милли (манат) дар гардиши параллелии накд.<br>01.01. 94 с. – гузариши пурра ба манат дар гардиши накд ва гайринакди |

Бонкхои Маркази дар танзими бозори миллии асъор, хусусан дар мамлакатхои иктисодиёти давраи гузариш накши хеле калон мебозанд. Вазифаи асосии Бонки миллии Точикистон дар доираи сиёсати асъор – ин нигох доштани курби асъори милли мебошад, ки он то андозае бо рохи иштирок ва фаъолияти бонк дар бозори асъор ба амал баровардa мешавад.

Сахмдори нави бозори асъор *институтхои характери гайрибонкидошта* (фондхои сугуртави ва нафакави, ширкатхои сармоягузори) мебошанд, ки идораи диверсификатсионии портфелии дороихоро бо чойгирнамоии асъор дар когазхои киматноки бозоргир ва эътимодноки хукуматхо ва корпоратсияхои мамлакатхои гуногун гузаронида истодаанд.

Аз хама зиёдтар фонди «Quantum» –и Чорч Сорос, фонди ”Dean Witter”, хедч-фонди байналхалкии «Long – Term Capital Management” шухрати баланд доранд. Дар шароити либерализатсияи бозорхои асъор пайдоиши онхо ба зарурияти сугуртаи рискхои зиёдшудаи асъори ва кредити вобаста аст. Дар таъсиси онхо, одатан, БФМ ва фондхои сармоягузори иштирок мекунанд. Бинобар ин дар хедч-фондхо маблагхои хеле калон чамъ мешаванд, ки на факат сугуртаи рискхо, балки бастани карордодхои ханнотии калонро имконпазир мегардонад, ки кобилияти

паст кардани курби асъори мамлакатхои начандон калонро дорад. Чунин холат ба асъори Малайзия, Индонезия ва Гонконг тобистони соли 1998 рух дод, ки боиси реаксияи тези ин мамлакатхо гардида, барои манъ кардани чунин ханнотии калон дар территорияи онхо овард.

Халкаи таркиби дар сохтори институтсионалии бозори асъор *фирмаи брокери* мебошад, ки ба воситаи вай тахминан 30%-и амалиёти асъори (дар бозори Лондон – 35%) гузаронида мешавад ва вазифаи миёнаравиро дар байни фурушандагон ва харидорони асъор ичро менамояд. Дар катори бартариятхои кор ба воситаи брокер – нихонгузарии (хариду фуруш), муттасилии чараёни муайянкунии нархи асъор, имконияти пешниходи хусусии нарх мансуб мебошад. Ширкатхои брокери барои миёнарави комиссия меситонанд (то 20 долл. ШМА ба хар як миллион доллари харидшуда ё ин ки фурухташуда ва ё эквиваленти он). Бо ташаккули воситахои электронии алокаи байнибонки ва такмилёбии муомилоти асъор (Рейтер – дилинг, Телерейт) накши ширкатхои брокери дар бозори байнибонки паст шуд, гарчанде онхо накши мухимро дар амалиёти шахсони хусуси ва ширкатхои начандон калон ичро карда истодаанд.

Мавкеи асосиро дар байни ширкатхои брокери-дилери «Меррил-Линч» (Merrill Lynch Pierce Fenner & Smith), И.Ф.Хаттон (E.F&Hutton)^ «Голдман Сакс» (Goldman Sachs)^ «Морган Стэнли» (Morgan Stanly) ишгол менамоянд.

Аз нуктаи назари институтсионали *биржахои асъори* низ сахмдорони бозори асъор мебошанд. Аммо дар солхои охир онхо дар бозори асъор накши хеле ночиз мебозанд. Онхо факат дар баъзе мамлакатхо (РФГ, Фаронса, Япония, мамлакатхои Бенилюкс, Скандинавия) боки мондаанд ва амал мекунанд ва вазифаи асосии онхо аз ташкили тичорати асъор, чалби захирахои (ресурсхои) озод, сабти курби маълумотии асъорхо иборат аст.

Муомилот бо асъори хоричи мавкеи махсусро дар фаъолияти *корпоратсияи фаромилали* ишгол мекунад. Онхо ба сифати сахмдорони асосии бозорхои асъор баромад менамоянд.

Ин мувофики сиёсати онхо - диверсификатсияи дороихои асъори, такмили идоракунии воситахои зудфурушии худи, кушиши кам кардани риски зарар аз бекурбшавии дороихо дар асъорхои ноустувор, гирифтани фоида аз ханноти дар тафовути курби асъорхо муайян карда мешавад. Агар курби ин ё он асъор тамоюли пастрави дошта бошад, он гох КФМ дороихои худро ба вохиди пулии нисбатан устувор мегузаронад ва, хамин тавр, онхоро аз хисоби минбаъд бад кардани мавкеъи асъори сустшуда мустахкам месозад. Амалиёти КФМ дар бозори асъор яке аз омилхои тагйирдихандаи курби асъорхои асоси ба шумор меравад.

Ба хизматрасонии бонкхо ва муассисахои молиявии гайрибонки *сахмдорони индивидуалии* бозорхои асъор низ мурочиат менамоянд, гарчанде онхо хеле кам ба хачми амалиёти бозори асъор таъсир мерасонанд. Масалан, сайёхони берун аз марзи мамлакати худ ба саёхат рафта; шахсони гирандаи маблагхои пулии интиколи аз хешовандони дар хорича икоматдошта; сармоягузорони хусусии ба иктисодиёти хоричи сармоя гузошта ва гайра.

***3.Намудхои асосии бозори чахонии асъор ва карз.***

Дар вобастаги ба хачм ва хислати амалиёти асъори намудхои зерини бозорхои асъор, яъне милли, минтакави, чахониро фарк мекунанд. Бозорхои милли ва минтакавии асъор додугирифтро ба мачмуи муайяни асъорхои кобили табдили озод ва баъзе вохидхои махалии пардохт дар микдори махдуд мегузаронанд, хол он ки дар бозорхои чахони амалиёти якхела факат ба асъори кобили табдили озод ва дар хачми хеле бисёр гузаронида мешавад, ки хачми умумии он то ба 1,6 – 2 трлн. доллари ШМА харруз мерасад.

Вобаста ба мухлати гузаронидани амалиёти асъори фарк мекунанд:

- *бозори «spot), спот»* (ё ин ки бозори тахвили фаврии асъор дар давраи 2 рузи кори, яъне хисоббаробаркунии фаври аз руи муомилот гузаронида мешавад.

- *бозори мухлатнок (форвардии) асъор*, ки дар он хисоббаробаркуни аз руи шартнома баъд аз давраи муайяни вакт (дар

оянда) бо истифодаи карордодхои мухлатнок дар борai хариди асъор гузаронида мешавад.

Дар сохтори бозори асъор секторхои муайян чудо карда мешаванд, ки микёси амалиёти асъориро муайян мекунанд. Сектори аз хама инкишофёфтаи бозори асъор бозори *байнибонки* (то 90%-и хачми муомила) мебошад, ки ба бозори мустаким ва брокери (наздик 30% -и амалиёти асъори) таксим мешавад. Секторхои дигари бозори асъор бозори *биржави* (тахминан 9-10%-и хачми муомила) ва *клиенти* таксим мешавад, ки ба он 1% -и маблаги пардохтхо мувофик меояд.

Евробозор-ин бозоре мебошад, ки дар он амалиётхои карзию молияви дар евровалюта гузаронида мешаванд. Евроасъор ин асъори озодбадалшавандаи дилхох мамлакате мебошад, ки ба суръатхисобхои бонкхои хоричи гузаронида шуда дар амалиётхои хамами мамлакатхо аз он чумла мамлакати асъори додашуда истифода бурда мешавад.

Евробозор бозори хукумати ва ё давлати набуда пайдоиши онхо бо талаботи корхонахо, сармоягузорон ва мамлакатхои гуногун асоснок карда мешаванд. Амалиётхо дар евробозор аз зери танзими асъории давлат ва конунгузории андозии мамлакати муайян мебароянд. Евробозор дар охирхои солхои 50-ум ба миён омада ба сабабхои пайдоиши он дохил мекунанд:

1) ба миён омадани таклифот барои чойгиркунии доллархои ШМА берун аз бозори асъори он,
2) талаботи калон ба доллархои ШМА дар Аврупо,
3) регламентацияи хукуматхои ШМА, ки амалиётхои асъориро бо доллар дар бозори озод дар дохили мамлакат нисбат ба хорича мушкил мегардонанд,

4)хохиши бонкхои аврупои барои ёфтани воситаи молиякунонии амлаиётхои байналхалки.

Инкишофи фаъолонаи евробозор дар солхои 60-70-ум ба он оварда расонид, ки дар давоми солхои 80-ум ва ибтидои солхои 90-ум онхо

фаъолияти худро васеъ намуданд. Аз солхои 80-ум сар карда инкишофи босуръати бозори когазхои кимматнок – бозори еврооблигацияхо, евроакцияхо ва воситахои нави молияви ба амал омад. Еврооблигацияхо барои амалигардонии еврозаймхо истифода бурда мешаванд.

***Вазифахои бозорхои асъор.***

1. Бозори асъор, пеш аз хама, хизматрасонии асъорию кредити ва хисоббаробаркунии амалиёти содироту воридот ва инчунин амалиёти асъории ба сармоягузори берун аз марзи иктисодиёти милли вобаста хизмат мерасонад.

2.Вазифаи дигари бозори асъор диверсификатсиякунонии (баркароршавии дороихо дар асъорхои гуногуни устувор) захирахои асъории бонкхо, корхонахо, давлат ва субъектхои дигари муносибатхои иктисодии байналхалки мебошад.

3. Амалиёт дар бозори асъор имконияти танзими курби асъорро (бозори ва давлати) барои халли масъалахои гуногуни макроиктисоди фарохам меоварад.

4. Ба гайр аз ин, бозори асъор имконияти хечкунони, яъне сугуртаи хатархои асъориро медихад. Дар вакти хечкунони агентхои иктисоди кам кардани риски ба пасту баландашвии курби асъор вобастаро, ки ба сармояи онхо таъсири манфи расонида метавонад, дар назар дошта, кушиш ба харч медиханд, ки аз ухдадорихои соф дар асъори хоричи озод бошанд, яъне баланси байни активхо ва пассивхо дар ин асъор таъмин шавад.

5. Нихоят, бозори асъор имконияти гузаронидани ханнотии асъориро медихад, яъне бози кардан бо нархи минбаъдаи асъор. Рафтори сахмдорони бозори асъор, ки хохиши гирифтани бурди максимали аз муомилаи асъор доранд, ба тафовути байни ставкаи фоиз дар бозори милли ва хоричии пул ва инчунин ба дигаргунихои чашмдошти курби асъор вобаста аст.

**Тестҳо оиди мавзӯи 11.**

1. 1. **Системаи асъори байналхалқии Бреттон-Вудс аз кадом сол ба фаъолият оғоз намуд?** A) Аз соли 1944; B) Аз соли 1945; C) Аз соли 1946; D) Аз соли 1942; E) Аз соли 1976.

2. 2. **Назарияи баробаршавии нархҳо ба омилҳои истеҳсолот аз тарафи кадом олимон таҳлил карда шудааст?** A) Хекшер-Олин-Самуэльсон; B) Хекшер-Олин; C) Джон Стюарт Милль; D) Адам Смит; E)Дэвид Хьюм.

3. 3.**Системаи байналхалқии асъори Париж аз кадом сол ба фаъолият оғоз намуд?** A) Аз соли 1861; B) Аз соли 1866; C) Аз соли 1860; D) Аз соли 1862; E) Аз соли 1868.

4. 4. **Системаи байналхалқии асъори Ямайка аз соли чанд ба фаъолият оғоз намуд?** A) Аз соли 1976; B) Аз соли 1977; C) Аз соли 1975; D) Аз соли 1974; E) Аз соли 1972.

5. 5. **Шартҳои системаи байналхалқии асъори Парижро номбар кунед?** A)Тилло ҳамчун пули ҷаҳонӣ ҳисобида шавад; B) Миқдори пули қоғазии дар гардиш буда набояд аз ҳаҷми эквивалентии захираи тиллоии давлат зиёд бошад; C) Қурби муайяншуда асъор нисбат ба тилло бетағйир нигоҳ дошта шавад; D) Ҳар як асъори миллӣ миқдори тиллои асъори худро муайян намояд; E) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст.

6. **6. Асоси режими қурбҳои озодтағйирёбандаи асъорро чӣ ташкил медиҳад?** A) Қурбҳои асъор озодона бе дахолати давлат дар асоси арзаву тақозо ба асъорҳо ба муайян карда мешавад; B) Қурби асъорҳоро худи давлат муайян менамояд ва асоси онро қурби собитшуда ташкил медиҳад; C) Паритети қобилияти харидории асъор асоси режими қурбҳои озодшинокунандаро ташкил медиҳад; D) Қурби асъори собитшавандаи идорашавада ташкил медиҳад; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

7. **7. Назарияи паритети қобилияти харидории асъор аз тарафи кадом олим бароварда шудааст?** A) Густав Кассел; B) Джон Стюарт Милль; D) Альфред Маршалл; E)Дэвид Хьюм.

8. **8.Аз рӯи дараҷаи таваррум қурби асъорҳо чӣ гуна мешаванд?** A) Қурби номиналӣ ва ҳақиқӣ; B) қурби бетағйир, омехта; C) Расмӣ ва ғайрирасмӣ; D) Қурби харидор ва фурӯшанда; E) Қурби шинокунанда, ва бетағйир.

9. **9. Системаи асъори байналхалқии Генеуя аз соли чанд ба фаъолият оғоз намуд?** A) Аз соли 1922; B) Аз соли 1923; C) Аз соли 1925; D) Аз соли 1914; E) Аз соли 1972.

**10. Аз рӯи усули муайяннамоӣ қурби асъор чанд хел мешавад?** A) Қурби шинокунанда, қурби бетағйир, қурби омехта; B) Паритети, ҳақиқӣ; C) Қурби расмӣ, қурби ғайрирасмӣ; D) Қурби номиналӣ, қурби ҳақиқӣ; E) Қурби фурӯши накди, қурби фурӯши ғайринакди, қурби фурӯши яклухт.

**Рӯйхати корҳои мустақилона барои донишҷӯёни ихтисоси 25010300 «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» аз фанни «Туризми байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонӣ»**

| № | Мавзу | Ному насаб | Имзо |
|---|---|---|---|
| 1 | Туризм дар Норвегия | | |
| 2 | Туризм дар Қатар | | |
| 3 | Туризм дар Люксембург | | |
| 4 | Туризм дар Швейцария | | |
| 5 | Туризм дар Дания | | |
| 6 | Туризм дар Швеции | | |
| 7 | Туризм дар Испания | | |
| 8 | Туризм дар Нидерландия | | |
| 9 | Туризм дар Кувейт | | |
| 10 | Туризм дар ИМА | | |
| 11 | Туризм дар Финляндия | | |
| 12 | Туризм дар Австрия | | |
| 13 | Туризм дар Австралия | | |
| 14 | Туризм дар Белгия | | |
| 15 | Туризм дар Канада | | |
| 16 | Туризм дар Япония | | |
| 17 | Туризм дар Германия | | |
| 18 | Туризм дар Сингапур | | |
| 19 | Туризм дар Фаронса | | |
| 20 | Туризм дар Арабистони Саудӣ | | |
| 21 | Туризм дар Аморати муттаҳидаи Араб | | |
| 22 | Туризм дар Ирландия | | |
| 23 | Туризм дар Британияи Кабир | | |
| 24 | Туризм дар Италия | | |
| 25 | Туризм дар Гонконг | | |
| 26 | Туризм дар Исландия | | |
| 27 | Туризм дар Бахрейн | | |
| 28 | Туризм дар Кипр | | |
| 29 | Туризм дар Изроил | | |
| 30 | Туризм дар Юнон | | |
| 31 | Туризм дар Словения | | |
| 32 | Туризм дар Португалия | | |
| 33 | Туризм дар Кореия Ҷанубӣ | | |
| 34 | Туризм дар Яман | | |
| 35 | Туризм дар Малта | | |
| 36 | Туризм дар Чехия | | |
| 37 | Туризм дар Словакия | | |
| 38 | Туризм дар Уругвай | | |
| 39 | Туризм дар Бразилия | | |
| 40 | Туризм дар Турция | | |
| 41 | Туризм дар Россия | | |
| 42 | Туризм дар Венгрия | | |
| 43 | Туризм дар Полша | | |
| 44 | Туризм дар Литва | | |
| 45 | Туризм дар Латвия | | |
| 46 | Туризм дар Чили | | |
| 47 | Туризм дар Ливия | | |
| 48 | Туризм дар Венесуэла | | |
| 49 | Туризм дар Сан Марино | | |
| 50 | Туризм дар Андорра | | |
| 51 | Туризм дар Эстония | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 52 | Туризм дар Хорватия | | |
| 53 | Туризм дар Аргентина | | |
| 54 | Туризм дар Мексика | | |
| 55 | Туризм дар Ливан | | |
| 56 | Туризм дар Малайзия | | |
| 57 | Туризм дар Қазоқистон | | |
| 58 | Туризм дар Габон | | |
| 59 | Туризм дар Панама | | |
| 60 | Туризм дар Руминия | | |
| 61 | Туризм дар Коста-Рика | | |
| 62 | Туризм дар Черногория | | |
| 63 | Туризм дар Африкаи Ҷанубӣ | | |
| 64 | Туризм дар Болгария | | |
| 65 | Туризм дар Колумбия | | |
| 66 | Туризм дар Беларусия | | |
| 67 | Туризм дар Сербия | | |
| 68 | Туризм дар Перу | | |
| 69 | Туризм дар Куба | | |
| 70 | Туризм дар Озорбойҷон | | |
| 71 | Туризм дар Ямайка | | |
| 72 | Туризм дар Эрон | | |
| 73 | Туризм дар Македония | | |
| 74 | Туризм дар Алҷазоир | | |
| 75 | Туризм дар Таиланд | | |
| 76 | Туризм дар Урдун | | |
| 77 | Туризм дар Эквадор | | |
| 78 | Туризм дар Туркманистон | | |
| 79 | Туризм дар Тунис | | |
| 80 | Туризм дар Ангола | | |
| 81 | Туризм дар Албания | | |
| 82 | Туризм дар Салвадор | | |
| 83 | Туризм дар Армения | | |
| 84 | Туризм дар Украина | | |
| 85 | Туризм дар Марокко | | |
| 86 | Туризм дар Парагвай | | |
| 87 | Туризм дар Индонезия | | |
| 88 | Туризм дар Гватемала | | |
| 89 | Туризм дар Гурҷистон | | |
| 90 | Туризм дар Сирия | | |
| 91 | Туризм дар Ироқ | | |
| 92 | Туризм дар Миср | | |
| 93 | Туризм дар Шри-Ланка | | |
| 94 | Туризм дар Муғулистон | | |
| 95 | Туризм дар Филиппин | | |
| 96 | Туризм дар Боливия | | |
| 97 | Туризм дар Молдавия | | |
| 98 | Туризм дар Гондурас | | |
| 99 | Туризм дар Узбекистон | | |
| 100 | Туризм дар Ҳиндустон | | |
| 101 | Туризм дар Гана | | |
| 102 | Туризм дар Ветнам | | |
| 103 | Туризм дар Фаластин | | |
| 104 | Туризм дар Камерун | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 05 | Туризм дар Нигерия | | |
| 06 | Туризм дар Замбия | | |
| 07 | Туризм дар Покистон | | |
| 08 | Туризм дар Сенегал | | |
| 09 | Туризм дар Қирғизистон | | |
| 10 | Туризм дар Тоҷикистон | | |
| 11 | Туризм дар Кения | | |
| 12 | Туризм дар Бангладеш | | |
| 13 | Туризм дар Гаити | | |
| 14 | Туризм дар Зимбабва | | |
| 15 | Туризм дар Мали | | |
| 16 | Туризм дар Непал | | |
| 17 | Туризм дар Того | | |
| 18 | Туризм дар Мозамбик | | |
| 19 | Туризм дар Гвинея | | |
| 20 | Туризм дар Афғонистон | | |
| 21 | Туризм дар Либерия | | |
| 22 | Туризм дар Лихтенштейн | | |

**Рӯйхати корҳои мустақилона барои донишҷӯёни курси 4-уми ихтисоси 25010300**

**«Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» аз фанни**

**«Туризми байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонӣ»**

| № | Мавзу | Ному насаб | ИМзо |
|---|---|---|---|
| | Мафҳум ва моҳияти бозори ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои он | | |
| 2 | Бозори ҷаҳонии мол | | |
| 3 | Бозори ҷаҳонии хадамот | | |
| 4 | Бозори ҷаҳонии сармоя | | |
| 5 | Бозори ҷаҳонии меҳнат | | |
| 6 | Бозори ҷаҳонии тилло | | |
| 7 | Бозори ҷаҳонии нафт | | |
| 8 | Бозори ҷаҳонии асъор | | |
| 9 | Бозори ҷаҳонии тилло | | |
| 0 | Бозори ҷаҳонии қоғазҳои қимматнок | | |
| 1 | Бозори ҷаҳонии технология | | |
| 2 | Бозори ҷаҳонии роботҳо | | |
| 3 | Бозори ҷаҳонии автомобилҳо | | |
| 4 | Бозори ҷаҳонии сармояи қарзӣ | | |
| 5 | Бозори ҷаҳонии молиявӣ | | |
| 6 | Бозори ҷаҳонии арзиз (алюминий) | | |
| 7 | Бозори ҷаҳонии ангишт | | |
| 8 | Бозори ҷаҳонии туристӣ | | |
| 9 | Бозори ҷаҳонии пахта | | |
| 20 | Бозори ҷаҳонии фулузоти ранга | | |
| 21 | Бозори ҷаҳонии суғурта | | |
| 22 | Бозори ҷаҳонии мол | | |

## Рӯйхати адабиёт


1. Александрова А.Ю-Международный туризм. - Москва.: КНОРУС, 2010г.
2. Воскресенский В.Ю-Международный туризм. - Москва.: ЮНИТИ-ДАНА, 2008
3. Биржаков М.Б-Введение в туризм. - СПб.: Издательский дом Герда, 2008
4. Соколова М.В-История туризма. - Москва.: Академия, 2010
5. Боголюбов В.С.: Экономика туризма. - М.: Академия, 2008
6. Под ред. д-ра геогр. наук, проф. А.Ю. Александровой: География туризма. - М.: КНОРУС, 2009
7. Долженко Г.П-Основы туризма. - М.-Ростов на/Д: МарТ, 2009
8. Макаренко С. Н., Саак А. Э. -История туризма. Таганрог, 2003.
9. Биржаков М. Б. - Введение в туризм. Москва. - СПб., 2004.
10. Раппопорт А. В. -История туризма в России. Москва., 2005.
11. Международные экономические отношения. Учебник(под ред. И.П. Фаминского.-М.:2009
12. Киреева Ю.А-Основы туризма. - Москва.: Советский спорт, 2008
13. Дурович А.П-Организация туризма. - СПб.: Питер, 2009
14. Каурова А.Д-Организация сферы туризма. - Спб.: Издательский дом Герда, 2008
15. Азар В.И. Экономика и организация туризма. -М: Профиздат, 2014

16. Александрова А. Ю. Международный туризм: Учеб/ пособие для вузов. М.: Аспект Пресс, 2015.
17. Александрова А. Ю. Структура туристского рынка: Учеб/ пособие для вузов. М.: Соло-Пресс, 2013.
18. Ананьев М.А. Международный туризм. - М.:Международные отношения, 2002
19. Балабанов И. Т. Экономика туризма. - М.: "Финансы и стаистика", 2012.
20. Биржаков М. Б. Введение в туризм СПб: "Изд. дом "Герда", 2011.
21. Зорин И.В., Зорин А.И., Ирисова Т.А. Туризм и отраслевые системы. Учебник для вузов туристического профиля М. 2005.
22. Исмаев Д.К. Основы стратегии планирования и маркетинга в иностранном туризме. - М.: ТОО «Луч», 2007.
23. Кабушкин Н.И. Менеджмент туризма. - Мн.: БГЭУ, 2012.
24. Квартальнов В.А., Романов А.А. Международный туризм: политика развития. - М.:2010.
25. Квартальнов В. А., Зорин И. В. Экономика туризма. М.: Финансы и статистика, 2001.
26. Кириллов А.Т., Волкова Л.А. Маркетинг в туризме. - СПБ.: Изд-во СПБГУ, 1996.
27. Квартальнов В.А. Туризм: Учебник. – М.: Финансы и статистика, 2000
28. Котлер Ф., Боуэн Д., Маркетинг. Гостеприимство и туризм: Учебник для вузов; пер. с англ, под ред. Р.Б. Ноздревой. - М.: Юнити, 1998.
29. Максименко, С. В. Туризм в Кыргызстане. – Б., 2001
30. Папирян Г.А. Международные экономические отношения: Маркетинг в туризме.– М.: Финансы и статистика, 2000.
31. Папирян Г.А. Международные экономические отношения: Экономика туризма. – М.: Финансы и статистика, 2000.
32. Пирожник И. И. Международный туризм в мировом хозяйстве: Учеб. пособие. Мн.: Белгосуниверситет, 1996.

33. Пузакова Е.П., Честникова В.А. Международный туристический бизнес.-М.,1997
34. Сапрунова В.Б. Туризм: эволюция, структура, маркетинг. – М.: «Ось-89», 1997.
35. Сенин В.С. Введение в туризм. - М., 1993.
36. Сенин В. С. Организация международного туризма - М: Финансы и статистика , 2003.

***Саҳифаҳо дар  Интернет***

1. http://traveltajikistan.tj/tg/
2. http://www.travel.org
3. http://www.world-tourism.org
4. http://ww.imf.org/publications
5. http://www.undp.org
6. http://www.stat.tj
7. http://www.toiikinfo.ti/ru/

***Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:***

1. **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм** (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон соли 1999, № 9, мод. 228; соли 2005, №12, мод. 641; соли 2009, № 5, мод.337, соли 2012,№12 к1,мод.1016; КҶТ аз 28.12.13с., №1058)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” дар таҳрири нав  аз  18 июли соли 2017,№1450
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №80 Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020.